САИДАИ СИНАВӢ

# ШУКУФАИ ЭҲСОС



САИДАИ СИНАВӢ

# ШУКУФАИ ЭҲСОС

*Гузидаи ашъор*



ТОШКЕНТ
«YANGI NASHR»
2016

**УЎК: 824.223.**
**84(5Тоҷ)7**
**Н35**

**Синавӣ, Саида.** Шукуфаи эҳсос. Гузидаи ашъор. / 304 саҳ.

ISBN-978-9943-22-229-8 **КБК 84(5Тоҷ)7**

***Таҳиякунанда, муҳаррири масъул ва муаллифи пешгуфтор:***
**ҶАЪФАР МУҲАММАД**

***Тақриздиҳандагон:***
**Аҳмад АБДУЛЛОЕВ,**
*доктори улуми филологӣ, профессор;*
**Ҷумъа ҲАМРОЕВ,**
*доктори улуми филологӣ, профессор;*
**Наргис ШОАЛИЕВА,**
*номзади улуми филологӣ;*
**Сайқал Қурбонов,**
*адабиётшинос*

Ашъори зебову шевои шоираи ҳассос ва нозукхаёл Саидаи Синавӣ (Рамазонова) солҳост, ки барои алоқамандон ва дӯстдорони каломи мавзуни мухайял ошност. Дар раг-раги шеърҳое, ки ӯ дар ин гузида ба қазовати шумо, адабдӯстон ҳавола мекунад, эҳсосоти латифи занона, изтиробҳои ошиқона ва қалби гарми шоирона барқ мезанад. Умедворем, ки ин гузидаи ба қиём расида мавриди писанди дилу ҳушу дидаи шумо, азизон, қарор бигирад.

ISBN-978-9943-22-229-8

© Yangi nashr, 2016

# ШУКӮҲИ ШУКУФАИ ЭҲСОС:
# НИГОҲЕ БА ЗИНДАГӢ ВА ШЕЪРИ САИДАИ СИНАВӢ

## СИТОРАЕ АЗ СИНА

...Ва инак, аз замоне, ки дар бораи бурду бохти шеъри Саидаи Синавӣ – ин шоираи эҳсосоти латиф ва тахайюли рангин мақолае навишта будам, бисту ду сол гузашт. Он вақт аввалин натиҷагириҳои нигорандаи ин сатрҳо дар бораи шеъри ӯ ба шарҳи зайл буд: “Ашъори Саида садои қалби занест шикастабахту ранҷошно ва ба коми гирдоби маҳрумиятҳову оташхонаи танҳоиҳо фурӯ рафта. Дар нигоҳи аввал, ҳангоме, ки ба сурудаҳои ӯ зоҳиран баҳо медиҳем, ин садо ҷонсӯзтару дилгудозтар ба гӯш мерасад. Вале дар асл ин тавр нест. Дар асл, аз аъмоқи ашъори ӯ зане дар муқобили покиву нопокӣ, бахту бадбахтӣ, вафову бевафоӣ, муросову номуросоӣ, дарду бедарӣ исёнгар садо баланд мекунад. Зане, ки ба рағми қисмат ба ҷои гиря механдад...”[1]

Ашъори Саидаро аввалин бор дар соли 1993 дар саҳифаҳои рӯзномаи “Садои Сурхон” дида ва чанд калимаи гармро дар бораи ӯ нахустин бор аз забони Истад Қосимзода – рӯзноманигор ва нависандаи шинохта, ки он замон сардабири рӯзномаи мазкур буд, шунида будам. Он намунаҳо аввалин чакидаҳои қалами Саида буданд, ки бо сактаҳои вазниву нуқсонҳои баёнӣ низ “тазйин” ёфта ва бо имзои “Саида Рамазонова” ба чоп мерасиданд. Ман, пас аз итмоми донишгоҳ ба шаҳри Тирмиз омадам ва ба унвони мудири бахши тоҷикии родиёи Созмони Садо ва Симои давлатии вилояти Сурхондарё ба кор сар кардам. Тақрибан дар яке аз рӯзҳои баҳори соли 1994 Саида ба идораи родиё қадам ранҷа намуд ва ман низ бо истифода аз ин фурсат, барномае дар бораи ӯ таҳия кардам. Ҳамин тариқ, ошноӣ ва дӯстии ман бо Саида оғоз ёфт. Ва донистам, ки...

...Дар деҳистони дилфиребі Синаи ноҳияи Деҳнав, ки дар доманаи қуллаи Хоҷабаркӯҳ воқеъ аст, марди боэътиқод ва бомаърифате бо номи Эшонбобо Рамазонов – писари Мулло Рамазони Синаӣ бо хонаводаи худ зиндагӣ мекард ва бо кори деҳқониву ҳунармандӣ касби маъош менамуд. Вай, ки марде соҳиби донишҳои хуби диниву дунявӣ буд ва илова бар ин, бо заҳмати ҳалоли худ сахтиҳои рӯзгорро пушти сар мегузошт, дар миёни мардум обрӯву эътибори хосе пайдо карда буд. Соли 1964 буд, ки дар хонаводаи ӯ духтаре ба дунё омад ва

[1] Ҷаъфари Муҳаммад. Сухан бепарда мегӯям... / “Садои Сурхон”, 18 ноябри соли 1994. – С.3.

падар ба ӯ бо меҳру муҳаббат ва ниятҳои нек Саидабибӣ ном ниҳод. Саидабибӣ аз овони кӯдакӣ дар ҳамин гуна як хонаводаи адабпарвар тарбият ёфт ва бо қиссаву ривоятҳои диниву халқӣ, шеъру ғазалҳои дилангези Саъдиву Ҳофизу Бедил, ки аз бобо ва модаркалони модариаш – Халифа Аҳтаму Бибисуннатой, падару модараш мешунавид, калон шуд. Хусусан, сӯҳбатҳо ва сабақҳои модаркалонаш Бибисуннатой, ки зане босавод, шоиртабъ ва рӯзгордида буд, дар ташаккул ва таҳаввули завқу салиқа ва ҷаҳонбинии Саида нақши бисёр муассире гузошта буд. Падар барои духтари мактабхони худ беҳтарин китобҳои шеъру ғазал, қиссаву ҳикояро аз ҳар гӯшаву канор ба таври гулчин дастёб менамуд ва ин гуна имконият ба тақвияти зеҳнӣ ва тарбияти маънавии Саида ниҳоят муассир афтод: ин духтари хушзеҳну зеботинат шеъру ғазали бузургонро азёд мекард ва аз он таъми лазизи каломи мавзунро мечашид. Чанд сол ҳам гузашту Саида аввалин чакомаҳои худро рӯйи коғаз овард. Ишқи каломи мавзуну мухайял дар қалби беолойиши ӯ ҷовидонӣ лона монда буд. Ҳамин ишқ ба илму адаб боис шуд, ки дар соли 1981, вақте, ки Саида соҳиби номаи камол гардид, хост, ки таҳсилоташро дар донишгоҳе такмил диҳад. Он солҳо дар омӯзишгоҳу донишгоҳҳо таҳсил кардани духтарони деҳотӣ ниҳоят мушкил буд. Падарону модарон барои таҳсили духтаронашон монеъ мешуданд, зеро урфу одатҳои рустоӣ ба ин иҷоза намедод...

Падар, ки аз меҳру муҳаббати фарзандаш ба илму адаб огоҳ буд, даст бар дуъо бардошту фотиҳаи нек дод. Саида – як духтари деҳотии берун аз деҳ нарафта, бо роҳнамоии ҳамсинфонаш ҳуҷҷатҳояшро таҳия намуду роҳии шаҳраки Ҳисор шуд. Бо муваффақият вориди Омӯзишгоҳи омӯзгории Ҳисор гардид. Сипас ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ҳуҷҷат супорид ва толеъаш хандиду донишҷӯи донишгоҳ шуд. Пас аз як сол издивоҷ кард ва шароити оилавӣ барои идомаи таҳсил на ҳамеша имкон медод. Вақте, ки соҳиби писар ва пас аз он соҳиби як духтар гардид, имкони идомаи таҳсил тақрибан аз даст рафт. Гоҳо шавҳараш сарзаниш менамуд, ки таҳсилоташро идома намедиҳад, вале меҳру муҳаббат ба фарзандону кӯмак ба корҳои хонаводагӣ ӯро аз таҳсил ва эҷод бозмедошт. Саида бо вуҷуди сахтиҳои рӯзгор то се сол таҳсил кард. То поёни таҳсилоти олӣ буду шуд як соли дигар монда буд. Вале қисмат маҷоли ҷомаи амал пӯшидани орзӯҳояшро надод... Вақте ҳам, ки мехост ҳамон як соли дигарашро ба поён расонаду ҳуҷҷаташро ба даст орад, замона дигар шуда монд: ҷумҳуриҳои қаламрави шӯравӣ давлатҳои мустақил шуданд, дар шаҳре, ки Саида зиндагӣ мекард, ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ авҷ гирифт. Ва ҳамин тариқ, Саида барои як умр дар соли севвуми донишҷӯӣ монд. Вале муҳаббат ба шуғли муаллимӣ ҳаргиз ӯро

тарк накард. Ин муҳаббат ба шеъру шоирӣ ва касби муаллимӣ то ба ҷое буд, ки ӯ маҷбур шуд, оилаашро тарк намояд ва ба зодгоҳ, ба хонаи падар баргардад...

... Ҳине, ки ман бо Саида ошно шудам, ӯ дар мактаби зодгоҳи азизи худ – деҳистони Синаи ноҳияи Деҳнав муаллими синфҳои ибтидоӣ буд ва бо забони шеър дар бораи ишқи номуроду ҳиҷронҳои дилгудози худ суханпардозӣ менамуд. Тақрибан ҳамон сол буд, ки бо пешниҳоди банда тахаллуси адабии ӯ ба “Саидаи Синавӣ” табдил ёфт ва ашъори зиндаву гарми ӯ рӯйиҳам, озинбахшандаи саҳифаҳои рӯзнома гардид. Дере ҳам нагузашт, ки дар баҳори соли 1994 Саида бо рӯҳе шикаста ва хотире малул ба шаҳри Тирмиз омад, маълум буд, ки ё фазои деҳистон барои ӯ тангӣ намуда ё аз афроде қадрношинос дилозурда шудааст...

Ба Тирмиз кӯч бастани Саидаи Саинавӣ бо ду тифли маъсумаш барои мо – дӯстон низ ниҳоят фараҳбахш буд. Бародари зиндаёди ҳамаи мо – Абдусаттори Ҳасан, ки марди ниҳоят саховатманд, меҳрубон ва адабдӯст буданд, аз аҳволи қаламкашони вилоят ҳамеша хабар мегирифтанд, то ҷое, ки метавонистанд, кӯмаки маънавӣ ва моддии худро аз ҳеҷ кас дареғ намедоштанд. Ба хусус, ба Саида, ки дар он замон як зани танҳо, мусофир, бехонумон ва дилшикаста буд, меҳру муҳаббати бародарона нишон медоданд ва ҳамеша ӯро дилбардорӣ мекарданд. Саида, ки бо кӯмаки Абдусаттори Ҳасан аз хобгоҳи муассисае хонае гирифта ва дар синфҳои тоҷикии яке аз мактабҳои Тирмиз ба таълиму тарбияти кӯдакони ҳамзабонон пардохта буд, ба унвони яке аз зиндадилтарин суханварони маҳфили адабии “Чашмаи хуршед” бо шеъри гарму ҳозирҷавобиҳои шакаринаш коми ҷони ошиқони каломи мавзунро ширин мекард.

Саида, ки пас аз кори мактаб ба нонпазиву нонфурӯшӣ ҳам машғул мешуд, пас аз се сол соҳиби кулбачае ҳам гардид. Соҳиби сарпаноҳе шудан дар шаҳри марказии вилоят воқеъаи воқеъан бузурге буд. Ва аз он ба баъд хонаи кӯчаки ӯ бо мақдами дӯстони адибу ҳунармандаш бузургтар ҷилвагар шуд.

Саидаи Синавӣ, ки 23 сол дар мактабҳои зодгоҳаш ва Тирмизшаҳр ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул шуда ва ҳатто дар соли 1995 дорандаи нишони “Муаллимаи эҷодкори Ҷумҳурии Ӯзбекистон” гардида буд, фарзандонашро бо меҳнати ҳалоли худ парвариш кард, сахтиҳо ва нокомиҳои рӯзгорро пушти сар гузошт, духтараш Сайёрабонуро шарафмандона ба шавҳар дод, писараш Синоро сарбаландона хонадор намуд ва инак, имрӯзҳо ба тарбияти наберагони ширину дӯстрӯяш Муслимабону, Нодирбек, Анисабону, Ҳабибулло, Улуғбек, Абдулло машғул аст. Солҳо гузаштанд, он ҳама бехобиҳои ҳузнангез, изтиробҳои талху ширини занона, танҳоиҳои ғарибона ва ғарибиҳои

шоирона камобеш бар дилу рӯҳи Саида асар намуданд, вале ишқи шеъру шоирӣ қалби ҳассоси Саидаро лаҳзае ҳам тарк накард...

## ТАШНАИ ГУДОЗИШҲО

Пайдо шудани Саидаи Синавӣ дар Тирмиз шӯру валвала ва шодмонии бекаронаеро дар дили ошиқони шеър барангехта буд. Ҳамнишинӣ ва сӯҳбат бо ӯ бисёр гуворо ва дилнишин буд. Дӯстони самимии вай ғайр аз адибону овозхонон, аксаран аз аҳли ҳунар буданд: яке нонвову қандолотпаз, дигаре дӯкондору бозаргон, яке наҷҷору дӯзанда, дигаре суратгиру наққош... Саида шеър мехонд. Бо шӯр, бо ҳаяҷон, аз худ, аз дигарон. Шеър мехонду бачаҳояшро парвариш мекард, шеър мехонду дарс медод, шеър мехонду нон мепухт, шеър мехонду дар бозор нон мефурӯхт. Ва имрӯз низ шеър мехонаду набера бонӣ мекунад.

Саида бо сарнавишти пуршӯру савдои шоирона то ба имрӯз расид, ғазалхону масалхон, ҷоннисору ғамгусор. Вақте, ки бародархондааш – марди маърифатдӯст Абдусаттори Ҳасан дунёро падруд гуфт, аз ҳама бештар ғаму ғусса хӯрд, марсияҳои ҷонгудоз суруд. Ва ҳамин лаҳзаҳо (27 марти соли 2016) ҳам, ки нависандаи ин сутур машғули навиштани ин мақола буд, Саида занг заду бо сӯзу гудоз аз фавти шоири маъруфи ӯзбек – Шафоат Раҳматуллоҳи Тирмизӣ хабар дод ва бо овози ҳазину ларзон гуфт: “Дирӯз аз телевизион сӯҳбати устод Бозор Собирро шунидам. Гуфтанд, ки агар шоир бимирад, бо бӯсаҳои гарм гӯраш кунед. Сахт таъсирам кард, гиря кардам... Ҳамсояи азизам Шафоат Раҳматулло инсони бисёр хоксор, самимӣ, шоири ниҳоят ҳассос буд. Ҳамин ҳоло хабари вафташ расид...”

Саидаи Синавӣ то имрӯз он қадар ҳам кам шеър нагуфтааст, теъдоди абёташ шояд аз теъдоди абёти баъзе қаламкашон, ки иддаъои бузургшоирӣ доранд ва димоғашон бод гирифтааст, бештар аст, ки камтар ҳам нест. Ва мазмуну мӯҳтаво, шаклу қолаб, дарунмояву бурунмояи сурудаҳои ин шоираи худододи дур аз назарҳо монда низ аз қаламиҳои он муддаъиён на танҳо камтару пойинтар, балки бештару болотар ҳам ҳаст, ки кам нест. Вале мутаассифона, то кунун ба ҷуз аз як-ду мақолаи мухтасар дар бораи ҳусну қубҳи шеъри ӯ дар ин ё он маврид, то ҳол чизе, ки *лоиқи ҳоли ӯ* бошад, навишта нашудааст. Шояд иллати аслии ин ҳолат парешониҳои рӯзгор буда, ки шоираро дар қабзаи қавии худ нигоҳ дошта ва маҷоли ирсоли офаридаҳои худро ба адреси ин ё он нашрия надодааст ва дар натиҷа ашъораш нисбат ба арзишу миқдори худ камтар рӯйи чопро дидааст. Дар сурате, ки баъзе қаламкашон дар муддати чор-панҷ соли фаъолияти кориашон дар рӯзномае даста-даста, силсила-

силсила ашъори худро ба чоп расондаанд. Шояд дасткӯтоҳиҳои нохуншикане, ки барои як зани танҳо ва озурда пеш омада, ками дар кам имкони чопи маҷмӯъаҳояшро додааст. Шояд белутфӣ ва беҳимматии дӯстони дуру наздикаш буда, ки ин ҳолат рух намудааст... Саида дар рӯзнома ё нашрияе ҳам кор накардааст, ки чун бархе қаламкашони нашриябарор ва рӯзноманигор, ки беибо соле се-чор бор саҳифа-саҳифа навиштаҳои худро дар нашрияе (ҳатто хусусӣ ҳам бошад!), ки худ кор мекунанд ё масъуланд, дар чопи гуфтаҳо ё сурудаҳояш ба барор даст ёзад. Пулдор ё маснаднишине ҳам набудааст, ки ношире ё мухбире ба тамаллуқ чизеро аз ӯ ба чоп бирасонад.

Саидаи Синавӣ тамоми умр дар панҷаи пуршиканҷаи танҳоиву ҳиҷронҳо, гирифториву гӯшанишиниҳои хеш ба сар бурда ва ба даргоҳи шарифи Сухан паноҳ овардааст. Ва ба қавли адабиётшиноси ҳамватанаш Анзурати Маликзод, вай "дар ҳақиқат дар тамоми лаҳзаҳои рӯзгор шоир аст. Ӯ шеърро намесозад, намебофад, балки худи шеър аз умқи дилу зеҳнаш берун мерезад..."[2] Ҳамин сайру сулуки ошиқона буд, ки бо вуҷуди он ҳама бемеҳриҳои сарнавишт то имрӯз як маҷмӯъаи шеъри Саидаи Синавӣ бо номи "Таманно" (2009) бо алифбоҳои форсӣ ва кириллӣ ба чоп расид, намунаҳои ашъораш дар гузинаҳои гуногун чун "Мунаввар туйғулар" (Тошканд, 1995), "Боғи бисёрдарахт" (Теҳрон, 2004), "Аз Самарқанди чу қанд" (Теҳрон, 2005), "Донишномаи забон ва адабиёти форсии Ӯзбекистон (Қарни бистум то кунун)" (Теҳрон, 2005), "Сарводаи Сурхон" (Тошканд, 2011) ва "Бонувони форсигӯ" ҷой гирифтанд, аз тариқи рӯзномаҳои "Садои Сурхон", "Овози тоҷик", "Бохтар", "Ховар" ва нашрияҳои хориҷ аз кишвар, ҳамчунин аз тариқи Садо ва Симои давлатии вилояти Сурхондарё тақдими алоқамандони каломи мавзун гардиданд. Барои як шоир аз ин бештар чизе лозим нест, ки ашъораш дар ин ё он ҷо ба чоп расаду касе шеърашро хонад ё гӯш кунад, ошиқе, дардманде, дилозурдае аз ашъори ӯ ба захмҳои носури дилаш марҳам ҷӯяд. Саида шоираест, ки аз ҳамаи инҳо бархурдор аст: ҳам шеър дорад, ҳам мухлис, ҳам дард дорад, ҳам ҳамдард. Вале Саидаи Синавӣ ҳамонанди баъзе қаламкашон бо як даста шеър ё як маҷмӯъааш ба осмони кибру ҳаво парвоз накард, ҳамчунон шикастанафс, хоксор ва ошиқе сарсахт дар остонаи муборакӣ Шеър монд. Содиқона, ошиқона, шоирона. Ва ҳамин оташу аташи ошиқона буд, ки Саидаи Синавӣ дар нимароҳ намонд, кам ё беш, қадам ба қадам пеш рафт, мутолиъа кард, тафаккур намуд, дар ҳадде, ки тавонашро дошт, истеъдодашро сайқал дод ва натиҷа ин шуд, ки садҳо шеър дар қолабҳои ғазалу маснавӣ, озоду сапед, чаҳорпора, рубоӣ ва дубайтӣ, қитъа ва фард гарму тоза ба коғазҳо нузул кард...

[2] Анзурати Маликзод. Шеъре, ки зодаи дард аст. / Саидаи Синавӣ. Таманно. – Душанбе: "Пайванд", 2009. – С.13.

## РАҚСИ ШУКУФАҲО

Ҳар шоире қабл аз он ки сабку шеваи хоси худро пайдо кунад, марҳилаи тақлиду пайравиро низ аз сар мегузаронад. Ҳатто аввалин сурудаҳои Ҳофизи лисонулғайб ҳолу ҳавои ғазалиёти Саъдиву Хоҷуи Кирмониро доштааст. Орифи бузурги мо Мавлавӣ ҳам ба ҳамин маънӣ гуфтааст:

Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,  
Ҳеҷ ханҷар оҳани тезе нашуд.  
Ҳеҷ Мавлоно нашуд муллои Рум,  
То муриди Шамси Табрезӣ нашуд.

Ба ҳамин далел, банда низ дар аввалин натиҷагирии худ навишта будам, ки шеъри Саида "дар арафаи таҳаввулоти бузург аст. Ӯ ҳанӯз дар шеърият роҳу равиши хоси худро пайдо накардааст, вале метавон гуфт, ки дар сурудаҳои ӯ тамоюле ба мактаби эҷодии шоираи эронӣ – Фурӯғи Фаррухзод эҳсос мегардад".[3] Ва ин нукта баъдан аз сӯйи муаллифони "Донишнома..." низ таъйид гардид: "Саидаи Синавӣ дар сурудани шеър бештар аз сабку шеваи Фурӯғи Фаррухзод таъсир пазируфтааст ва дар абёташ низ ба ин ишора кардааст".[4] Дар ҳақиқат, Саидаи Синавӣ дар аввалин пиллаҳои шеърофаринии худ бо пойи шоирони забардасту тавоное чун Фурӯғи Фаррухзод ва Бозор Собир "той-той"[5] шуда буд. Ва ин, чуноне ки гуфта шуд, ҳолате табиъӣ буд. Зеро рӯҳи ошӯбгар ва қалби беороми Фурӯғ бо рӯҳияи саркаш, адолатхоҳ ва қалби сӯзону ташнаи гудозишҳои Саида бениҳоят созгор буд, бинобар ин, шеърҳои ӯро ба таъбири худаш "ташнамастона" мехонд, ҳарисона, мухлисона ва бе он ки қасд кунад, абёти ӯро бидуни ихтиёр ҳифз мекард. Дар ҳамон солҳо буд, ки аз сабақҳо ва сӯҳбатҳои дилнишини шоири шаҳири муъосир Бозор Собир низ баҳраҳо ва файзу баракоти фаровон бардошт. Ва аз ин ҷо барҳақ, ӯро барои худ ҳамеша устод мехонад.

Баҳси таъсирпазирии бонувони порсигӯ аз шеъри шоирае соҳибмактаб чун Фурӯғи Фаррухзод баҳсе доманадор аст ва дар ҳошияи ин домана, Саида низ аз он мустасно нест. Як иллати асосии ҳамоҳангии ашъори давраи ҷавонии Саида бо ашъори Фурӯғи Фаррухзод, шояд ҳамон сахтиҳои рӯзгори бесарусомон,

[3] Ҷаъфари Муҳаммад. Сухан бепарда мегӯям... / "Садои Сурхон", 18 ноябри соли 1994. – С.3.

[4] Аслиддин Қамарзода, Аббосалӣ Вафоӣ, Ҷаъфар Холмӯъминов. Донишномаи забон ва адабиёти форсии Ӯзбекистон (Қарни бистум то кунун). – Теҳрон: "Ал-Ҳудо", 1484. – С.148.

[5] Той-той шудан – гардон шудан.

дурӣ аз ёру диёр, танҳоӣ, муҳоҷират, таънаву тамасхуру ҳасад ва иттиҳоми нотавонбинон, бӯҳронҳои шадиди сиёсӣ, иҷтимоъӣ, иқтисодӣ ва маънавии ҷомеъа, таҳаввулоти иҷтимоъӣ, аз ҷумла, рӯ овардан ба арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ аз як сӯ ва гурез аз онҳо аз сӯйи дигар, гаройиш ба ниёзҳои моддӣ ва беэътиноӣ ба ниёзҳои маънавӣ буда бошад, ки ба фазои замонии ҳар ду шоира шабоҳат ва қаробат мебахшад. Хусусан, авомиле чун ҷудоӣ аз ёр, бемеҳриҳои ёри бевафо, гӯшаи танҳоӣ ва фироқу ҳиҷрони бепоён бо тифлони маъсум, тани танҳо дар қабзаи тундбоди рӯзгор мондан ва мардона дар муқобили он истодан зиндагии ҳар ду шоираро дар канори ҳамдигар қарор медиҳад. Аз ин рӯ, дар ошиқонатарин шеъри Фурӯғ ва Саида оҳангҳои дилшикан ва дардноки иҷтимоъӣ ба гӯш мерасанд. Масалан, дар ин шеъри Саида фазои иҷтимоъии рӯзгори ӯ – танҳоӣ, ғарибӣ, ташнаи меҳру муҳаббат будан ва ниҳоят, бесарпаноҳиву бехонумонии ӯ дар давраи муъайяне аз рӯзгори ӯ тарсим мегардад:

*...Ман ташнаам ба бӯсаи борони ишқи пок,*
*Дар рӯзҳои сӯхта аз сӯзу оҳи хеш.*
*Эй осмон, куҷост ягон пораабри ту,*
*То соябон кунам ба сари бепаноҳи хеш!*
*(“Бӯсаи борон”)*

Вале ин зарбу оҳангҳо он қадар ҳам заъифона, бенавоёна, ноумедона ва бадбинона набуда, балки то ҳадде мубориэона, сарбаландона, умедворона ва некбинона садо медиҳанд. Ва ба ин нукта худи Саида ҳам огоҳона ишора мекунад:

*Шеъри ман розҳои танҳоист,*
*Шеъри ман дар талоши иқбол аст.*
*Шеъри ман бо забони дил гӯё,*
*Шеъри ман ғунчаи лаби лол аст.*
*(“Гулхан”)*

Дар шеърҳои ошиқона ва ба қавле “маҳрамона”-и Саидаи шукуфаҳо рақс мекунанд, суруд мехонанд ё нидо медиҳанд; Ишқ, бо вуҷуди ҳиҷронҳо ва талхиҳояш “фасли сабз” ном мегирад, қаҳрамони лирикии шоира “ҷовидон мондани бӯсаҳои дузд”-ро орзӯ мекунад:

*Эй нахли орзӯи ман, эй меваҳои хуб,*
*Ангезаи навозиши дастони меҳрубон.*
*Эй фасли сабзи ишқ, нидои шукуфаҳо,*
*Эй бӯсаҳои дузд, бимонед ҷовидон!*

*Эй чашмҳои хираи як марди покрав,*
*Оғӯши баркушудаи хомӯшу безабон.*
*Эй офтоби хандаи як марди бомдод,*
*Хоҳам, ки дар ҷаҳон ҳама монед ҷовидон!*
*(“Нидои шукуфаҳо”)*

Ишора шуд, ки қисмате аз ашъори Саидаи Синавӣ дар ҳолу ҳавои шеърҳои Фурӯғи Фаррухзод суруда шудаанд ва ин ҳолат аксаран дар ашъори ошиқона ва маҳрамонаи ӯ, ки ба марҳилаи аввали эҷодиёташ мутаъаллиқ мебошанд, дида мешавад. Аз ҷумла, шеърҳои ошиқона ва маҳрамонаи ӯ аз қабили “Қӯямат”, “Рӯъё”, “Миёни қатраҳои ашк”, “Борон куҷост?”, “Ҳавои дил”, “Ҷонамоз”... чӣ дар образофаринӣ ва чӣ дар мазмунсозӣ шабоҳатҳои қобили мулоҳизае бо шеърҳои Фурӯғро доранд. Барои намуна, шеъри “Миёни қатраҳои ашк”-и Саидаро тақдим менамоем:

*Миёни шаҳри лабҳоят ту гум кардӣ лабонамро,*
*Ба арши меҳри волои дили худ баркашонидӣ.*
*Миёни шаҳрҳои бошукӯҳи бӯсаҳои хеш,*
*Насими оби Замзам дар лабони ман чашонидӣ.*

*Фишори бозувони ту маро то авҷи гардун бурд,*
*Вуҷуди нозукам аз ман куҷое дар гумонам рафт.*
*Чиҳо кардӣ маро, эй мард, кай донам, чиҳо кардӣ?*
*Тани худро ба ту бахшиданӣ будам, ки ҷонам рафт.*

Ё худ дар ҷои дигар мегӯяд:

*Оҳ, мешармам аз шабе, ки туро*
*Аз паси сояҳо садо кардам.*
*Шармам ояд аз он шаби мастӣ,*
*Худ надонам, ки ман чиҳо кардам!*
*(“Ҳавои дил”)*

Ин ҳолат, бидуни шакку шубҳа, таҳлил ва нақду баррасии ҷиддиеро дар муқоиса бо ашъори Фурӯғи Фаррухзод тақозо мекунад, то ҳадду меъёр ва мизони таъсирпазирии Саида аз Фурӯғ ба таври боиста ва шоиста мушаххас гардад.

**ДАР ҲАРИМИ РӮЪЁ**

Пас аз тааммул ва таҳқиқ, давраҳои эҷодии Саидаи Синавиро метавон ба ду марҳилаи асосӣ тақсим кард:

1. Давраи аввал: солҳои 1984-1994. Давраи тоҷикистонии эҷодиёти Саидаи Синавӣ (Деҳнав-Ҳисор-Душанбе-Деҳнав), ки таҳти таъсири шеъри Фурӯғи Фаррухзод қарор дошт.

2. Давраи дуввум: аз соли 1994 то имрӯз. Давраи ӯзбекистонии эҷодиёти Саидаи Синавӣ (Деҳнав-Тирмиз), ки ҳосили ҷустуҷӯҳо ва ковишҳои адабиву ҳунарии ӯ мебошад.

Дар ашъори давраи аввали Саида аз як сӯ фақри забон ва заъфи ифода, аз сӯйи дигар истифодаи бемаврид аз абзорҳо, дастгоҳҳо ва калимаву таъбироти Фурӯғи Фаррухзод ба назар мерасид. Худи ӯ низ инро эҳсос мекард ва роҳи раҳоӣ аз ин вартаро меҷуст. Пас аз он ки аз сӯйи дӯстон ва мунтақидони шеър дар маҳфили адабии "Чашмаи хуршед" барои тақлидгароӣ аз Фурӯғ ва баъзан ба урёнгӯияш мавриди интиқоди шадид қарор гирифт, ба омӯзишу мутолиъаи ҳар чӣ бештари адабиёти классикиву муъосири форсӣ-тоҷикӣ ва ӯзбекӣ эҳтимом варзид, нуқсҳо ва камбудиҳои худро дар корбурди калимаву таъбирҳо, образҳо ва тасвирҳо ба таври амиқ дарк намуд. Ҳатто дар баъзе аз муддатҳо дар сурудани шеър танаффусро тарҷеҳ дод, вале дунёи шеър ӯро ҳамеша ба сӯйи худ фаро мехонд:

*Чӣ бад кардам, Худоё! Тавба аз ҳар кори бад дорам,*
*Вале аз шеъргӯӣ тавба кардан ҳаст душворам.*
*...Тахайюл деҳ, тасаввур деҳ, тафаккур деҳ, Худовандо,*
*Забони соҳире бахшой, то афсун шавад ёрам.*

*(Ғазали "Дарди дил")*

Ин ҳолат дар рӯҳия ва қалби шоира таҳаввулоти ҷадидеро бо гаройишҳои маҳаллӣ, характер ва менталитети миллӣ ба вуҷуд овард. Доманаи мавзӯъоти шеъри ӯро, ки асосан бо баён ва тасвири лаҳзаҳои ошиқона маҳдуд мешуд, васеътар намуд, ҷанбаҳои фикрии онро қавитар кард. Дар натиҷа, ба тадриҷ аз доираи таъсири забон, баён ва образҳои шеърии Фурӯғи Фаррухзод берун баромадан гирифт. Дуруст, ки дар аввали кор аз шеъри шоирони ватанӣ (чун нависандаи ин сатрҳо, Абдулло Раҳмон, Паймон) то андозае "вом" ҳам гирифт, аммо бо гузашти як даҳсолаи дигар (аз соли 2005 то имрӯз) ба сохтусози "имorати худӣ" шурӯъ кард ва то ҷое, ки мебинему эҳсос мекунем, дар шеъри имрӯзини Саидаи Синавӣ тамоюли гурез аз сабки забон, шеваи баён ва образофаринихоe, ки ҳосили таъсирпазириҳои қаблӣ будаанд, ғалаба карда ва шеърияти ӯро ба фазое комилан тару тоза, агар ба таъбири худи шоира бигӯем, ба "ҳарими рӯъёӣ" ворид намудааст. Аз он ба баъд дар сурудаҳои ӯ аз як сӯ калимаву таъбироти халқӣ ва маҳаллӣ чун: *тӯй, шӯй, биннипучуқ, ҷақидан, кучук, турушмағз, қанот, тоба, подахоначӣ, келину домод, каллаи бемӯ, тангаи зарди кисаи ёр, пишаки чилла, рӯсияҳи пуфакчаи*

*алвастӣ, забон ба дандон канда гирифтан, чун мол будан...*, ки барои тақвияти колорити миллии асарҳои ӯ хидмат мекунанд, пайдо шуда бошанд, аз сӯйи дигар даҳҳо калимаву таъбиру ибора ва ифодаи тоза офаридаи шоира чун *шукӯҳи шукуфа, нидои шукуфаҳо, суруди шукуфаҳо, синаи Замин, ҳарими рӯъёӣ, марди меҳрафрӯз, накӯмарди хаёлӣ, меваи лаб, гарм ёд кардан, меҳроби меҳр, чароғи гетӣ, гесӯи таманно, орзӯи маҳтобӣ, рақси парешонӣ, бӯсагул, гулбӯса, бӯсаситон, бӯсаи борон, борони бӯса, ташнаи гудозишҳо, номаҳои ношунида, хокистари ғам, булбулони аршии масти фасонагӯ, ...* зуҳур карданд. Саидаи Синавӣ ҳам дар давраи дуввуми эҷодиёти худ аз баёни хушки ҳолат ва ҳаяҷонҳои ботинии қаҳрамони лирикӣ ба баёну тасвири дарунбинонаи психологӣ, аз тасвиру тавсифи реалистӣ ва романтикии манзара ва воқеъа ба тавсифу тасвири то ҳадде бо аносири сюрреалистиви омехта бо гаройишҳои романтикӣ майл кард.

Дар бархе аз ашъори индавраинаи шоира аносире аз сувари хаёл ва ҳисомезӣ, ки маҳсули тазвиҷ ва ихтилоти ду ё якчанд калимаи марбут ба хонаводаҳои гуногуни маъноӣ бо риъояти таносуби калом аст, ба назар мерасанд ва ин ҳолат моро умедвор мекунад, ки шеъри Саидаи Синавӣ дар пешорӯйи таҳаввулоти чашмгир қарор дорад.

## ДАР ҚАЛАМРАВИ МАСНАВӢ

Ниҳоятан, Саидаи Синавӣ ба ҷуброни ҷиддии он солҳое, ки ашъораш чӣ ба шакли алоҳида дар нашрияҳо ва чӣ ба шакли маҷмӯъа чоп нашуда ё кам мунташир шудаанд, иқдом кард ва гузидаи ашъорашро, ки ҳосили такопӯҳо, сӯзу созҳо ва ҷустуҷӯҳои қариб сисолаи ӯст, тақдими мухлисон ва алоқамандони шеър намуд. Ин гузидаи ашъор, ки "Шукуфаи эҳсос" унвон дорад, ҳовии 7 силсилаи шеър дар жанрҳои гуногуни классикӣ ва нав мебошад, ки дар ҳақиқат, агар маҷмӯъабандӣ кунем, 5-6 маҷмӯъаи мустақили шеъриро ташкил медиҳад.

Силсилаи аввали ин гузидаи ашъор "Сипоснома" ном гирифта ва 11 номаи манзуми дар жанри маснавӣ сурудашудаи шоираро бо унвонҳои зер дар бар мегирад: "Муноҷотнома", "Санонома", "Сипоснома", "Сапеданома", "Синонома", "Синанома", "Саиданома", "Сафарнома", "Сӯгнома", "Сиёҳнома", "Соҷиданома". Чуноне, ки мебинем, аз ин 11 маснавӣ унвони 10-тоаш бо ҳарфи "с" шурӯъ шуда ва ба ҷуз аз тақвияти мусиқияти номҳо, пайванде мантиқиро байни онҳо низ эҷод кардааст. Ин силсила тибқи равиши қадимиён бо наъту муноҷоти Парвардигор шурӯъ шудааст. Шоира шояд ба хотири риъояти ин суннати адабӣ, ду маснавии аввали худ –

“Муноҷотнома” ва “Санонома”-ро ба наъту муноҷоти Худованд ихтисос додааст. Маснавиҳои “Сипоснома” ва “Сапеданома” низ идомаи мантиқии ду маснавии қаблӣ буда, ба шукри Холиқи меҳрубон, ки ба бандаи худ ақлу хирад, донишу биниш, фарзандони фарзона, ризқу рӯзӣ, ҷамолу шарафи инсонӣ ва ғайра додааст, ихтисос дорад.

Саидаи Синавӣ дар маснавиҳои худ, ки аз лиҳози ҳаҷм ниҳоят кӯтоҳанд, ба баёни ҳолат, эҳсосот ва андешаҳои худ мепардозад ва аз воқеъабандиву ҳикоясозии хушку холӣ иҷтиноб меҷӯяд. Аз байни онҳо танҳо маснавии “Сафарнома”, ки барои бачаҳои синни мактабист, дорои сюжет мебошад. 3 маснавии охири ӯ маснавиҳои марсияӣ мебошанд. Маснавии “Сӯгнома” дар расои модарбузурги меҳрубон, “Сиёҳнома” дар сӯги ҷавонмарге бо номи Зуфарҷон, “Соҷиданома” дар сӯгвории духтаре ноком бо номи Соҷида суруда шудаанд. Маснавии кӯтоҳи “Саиданома”, ки дар яке аз баҳрҳои мушкили арӯз суруда шудааст, маснавии шарҳиҳолӣ ва шиквоист. Шоира гуфтугӯе бо худ оғоз мекунад ва дар ибтидо аз оҷизиву танҳоиву фақириву бечорагии худ менолад (ҳолати “қабз”):

*Аз шунидан ту нашнавӣ, беш аст,*
*Шикваҳои Саида аз хеш аст.*
*О, Саида, ба ҳоли ту сӯзам,*
*Курта бар мотамат ба тан дӯзам.*

Вале дар байти охирин боз ба худ ва ба Худои худ бармегардад ва ба таскину дилбардории худ мепардозад (ҳолати “баст”):

*Шукр гӯ, чунки модарӣ, ҳай-ҳай,*
*Маҳвашиву чӣ дилбарӣ, бай-бай!*

Маснавии “Синанома” маснавии васфӣ буда ба тавсифу таърифи дирӯз, имрӯз ва ояндаи деҳистони Сина, васфи манзараҳои дилнишини табиъат ва одамони соддадилу заҳматкаши он ихтисос ёфтааст. “Синонома” насиҳате ба писари шоира – Сино аст, ки аҳамияти тарбиятӣ ва таълимӣ дорад.

Системаи вазн дар маснавиҳои Саидаи Синавӣ низ мутанаввеъ ва ҷолиби диққат аст. Масалан, маснавиҳои “Сапеданома” ва “Саиданома” дар яке аз баҳрои мушкили вазни арӯз – Хафифи мусаддаси солими махбуни мақтӯъи мусаббағ: фоиъилотун мафоъилун фаълон: –V – – / V – V – / – – суруда шуда бошанд, маснавиҳои “Муноҷот”, “Сипоснома”, “Сафарнома” ва “Сиёҳнома” дар баҳри Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур (V - - - / V - - - / V - - ), маснавиҳои “Санонома”,

“Сӯгнома”, “Соҷиданома”, “Синанома” ва “Синонома” дар вазни “Маснавии маънавӣ” – баҳри Рамали мусаддаси маҳзуф ё мақсур (- V - - / - V - - / - V -) ба риштаи назм кашида шудаанд. Забон ва сабки баёни ин маснавиҳо, ки комилан маҳсули давраи дуввуми эҷодиёти Саидаи Синавӣ мебошанд, нисбат ба ашъори пешинаи ӯ марғубтар ва матлубтар садо медиҳанд.

Саидаи Синавӣ бо ин маснавиҳо на танҳо аз сабку шеваи забон ва тарзи  баёни Фурӯғи Фаррухзод фирор мекунад, балки то ҳадде ба тарзи забону баёни классикӣ наздик мешавад ва ҳамчунон, ҳифзи вижагиҳои гӯйиши маҳаллиро низ фаромӯш намекунад. Бо вуҷуди ин ки ин маснавиҳо нахустин машқҳои шоира мебошанд ва дар онҳо ҷо-ҷо сактаҳои вазнӣ, ҳашву такрорҳои бемаврид, эҳёнан пур кардани мисраъҳо низ ба чашм мехӯранд, метавон гуфт, ки жанри маснавӣ ба завқу салиқаи шоирии Саида ниҳоят созгор афтода ва ӯ нисбат ба қолабҳои дигари классикӣ дар ин жанр, муваффақияти чашмгиртар ба даст овардааст.

Кӯтоҳи сухан ин ки Саидаи Синавӣ бо маснавиҳои худ, ки аз лиҳози ҳаҷм ниҳоят кӯтоҳанд ва ҷанбаи бисёр қавии ахлоқӣ-тарбиятӣ доранд, қаробате рӯҳӣ ва маънавӣ бо шоираи маъруфи эронӣ дар асри гузашта – Парвини Эътисомӣ пайдо мекунад.

## МУЪОШИҚА БО ҒАЗАЛ

Силсилаи дуввуми гузидаи ашъори Саида Синавӣ “Чароғи гетӣ” ном дорад, ки истиъорае аз офтоб аст ва офтоб, ки ба нуру равшанӣ далолат мекунад, дар талқини шоира ба Ишқ таъбир мешавад. Ва шоираи мо ин Ишқро дар қолаби ғазал, ки жанре ниҳоят созгор барои саройиши ошиқонаҳост, ҷойгузин мекунад. Он чӣ ки қобили мулоҳиза аст, ин аст, ки дар ин силсила 111 ғазали хурду калони шоира, ки дар солҳои гуногуни эҷодиёташ суруда шудаанд, ҷой гирифтаанд. Кӯтоҳтарин ғазали ӯ 4 байтӣ буда, дарозтаринаш 10 байтӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки агар як қисми ками ғазалҳои ин силсила дар давраи аввали эҷодиёти Саида иншо шуда бошанд, аксари ғазалҳои ин силсила дар давраи дуввуми эҷодиёти ӯ ба дунё омадаанд. Аз ин рӯ, ҳолу ҳаво, мазмуну мӯҳтаво, кайфият ва дараҷаи бадеъияти ғазалиёти Саида якдаст ва яксон нестанд. Мо дар ғазалиёти шоира ҳам ғазалҳои заъиф, ҳам ғазалҳои хуб, ҳам ғазалҳои суннатӣ ва ҳам ғазалҳои навро дида метавонем.

Аввалин унсуре, ки дар ҳар навъи ғазал ба чашм мехӯрад, сарбайт аст. Пас, салосату балоғат дар  сарбайт, ки ба он “ҳусни матлаъ” таъбир мешавад, воҷиб мегардад. Хушбахтона, бахше аз ғазалиёти Саида дорои ҳусни матлаъ мебошанд. Барои намуна:

*Чу боди даргузар аз манзилат бигзаштаму рафтам,*
*Чу пайкони хатое аз дилат бигзаштаму рафтам.*
*(Ғазали "Бигзаштаму рафтам")*

*Манзили ғамзадаамро нафаси сур куҷо,*
*Мани бечора куҷову ҳарами нур куҷо?*
*(Ғазали "Куҷо?")*

*Бо ту хоҳам, ки шабе домани саҳро гирам,*
*Нафаси тозаи гул аз лаби дарё гирам.*
*("Бо ту хоҳам...")*

Медонем, ки ғазал қолабе комилан суннатист, вале дар охирин даҳаи асри гузашта (солҳои 90) гурӯҳе аз шоирони тоҷику эронӣ бо шикастани системаи образҳо, ифодаҳо ва дастгоҳҳои беш аз ҳазорсола, аносири шеъри нав ва рӯҳи замони навро вориди ғазал карданд. Дар натиҷа, мафҳуми тозае бо номи "ғазали нав" ба вуҷуд омад. Аммо бархе аз шоирон ба қолаби суннатии ғазал, образҳо ва абзорҳои қадимии он садоқатмандона амал карданд ва ба рози "ғазали нав" мутаваҷҷеҳ нашуданд. Баъзе аз шоирон ҳар ду навъи ғазалро пазируфтанд. Саида аз ҷумлаи онҳоест, ки ба ҳар ду навъи ғазал мутамоил аст. Дуруст аст, ки ҷойгоҳи "ғазали нав" дар ғазалиёти ӯ ҳанӯз ба таври лозим такомулу ташаккул наёфтааст ва ҳанӯз дар ҳоли шаклгирӣ аст. Вале дар ҳар сурат, панҷ-шаш ғазали ӯро метавон ба унвони намунаҳои хуби "ғазали нав" ном бурд. Барои намуна:

*Бистаре зи гул дорам дар миёни хоҳишҳо,*
*Хастаҷону танҳоям аз ситезу коҳишҳо.*
*Ҷомаҳои хобиям мавҷаҳои тугёнест,*
*Майли оғушат дорам бо ғиреву нолишҳо...*
*Дар тулӯъи ишқи ту оламе дигар дорам,*
*Рӯҳи осиям инҷо ташнаи гудозишҳо...*
*(Ғазали "Ташнаи гудозишҳо")*

Ғазали суннатӣ ё худ классикӣ, ки қисмати асосии ғазалиёти ин гузидаро ташкил медиҳад, дар баъзе ҳолатҳо аз равзанаи завқу диди Саидаи Синавӣ муваффақиятомез таҷаллӣ мекунад. Барои намуна:

*Нагзашт шабам, ёр чаро рафту наёмад,*
*Он рӯз дигар бор чаро рафту наёмад?*
*Чун барф бишуд зулфи Зулайхо-ш сапеда,*
*Он Юсуфи бозор чаро рафту наёмад?*

*...Як умр вафо кард Саида ба умеде,*
*Он ёри вафодор чаро рафту наёмад?*
*(Ғазали “Чаро рафту наёмад?”)*

Инро ҳам бояд таъкид кард, ки дар аксари ғазалҳои суннатии Саида такрори калимаҳо, таъбиру ибораҳои ғазали классикӣ, образҳои забонзадшудаи шеъри беш аз ҳазорсолаи мо ғарам-ғарам ба мушоҳида мерасанд. Аз ин рӯ, наметавон гуфт, ки Саида дар саройиши ғазал ҳамеша муваффақ будааст.

Дар давраи дуввуми эҷодиёт мавзӯъи ғазалиёти Саидаи Синавӣ танҳо бо баёни одатии саргузаштҳо ва эҳсосоти ошиқона маҳдуд намегардад, балки бо мавзӯъоте аз қабили васфи Ватан, васфи деҳаи Сина, меҳру муҳаббат ба Падару Модар ва фарзандону дӯстон, сӯгвории пайвандон ва дӯстони азиз, васфи табиъат, тавсифи фазилатҳои инсонӣ, шарҳи ҳол ва ғайра густариш пайдо мекунад. Баъзан, тасвири табиъат бо лаҳзаҳо ва ҳолатҳои ошиқона тазйин меёбад. Шоира дар ин мавқеъҳо ҳолати ботинии ошиқ ё маъшуқро бо ҳолати ба он шабеҳи манзара ё ҳодисаи табиъат паҳлӯи ҳам мегузорад ва ба ин восита ба иктишофи ҷузъиёти характери қаҳрамони лирикӣ даст меёбад. Масалан, дар ин байт ғаму ғусса хӯрдан ва дарун-дарун гиристани қаҳрамони лирикӣ ба *ошӯби борон,* хаёли парешон ва бесару нӯги ӯ ба манзили пур аз сӯзу гудози булбулон ташбеҳ карда шудааст:

*Бубин, андар баҳори синаам ошӯби борон аст,*
*Хаёлам манзили шӯридаи савти ҳазорон аст.*
*(Ғазали “Ошӯби борон”)*

Албатта, ин гуна тасвир, яъне, ташбеҳи ҳолати рӯҳии инсон ба ҳолат ё ҳодисаҳои табиъат дар ашъори Одамушшуъарои шеъри мо устод Рӯдакӣ ва шояд пеш аз ӯ ҳам вуҷуд дошт:

Бихандад лола дар саҳро, ба сони чеҳраи Лайло,
Бигиряд абр бар гардун ба сони дидаи Маҷнун.

Ин гуна бозёбии нуктаи утфи ҳолати рӯҳӣ ва ботинии Инсон бо манзара ва ҳодисаҳои Табиъат, ки тарзи тасвири классикист ва асосан тавассути санъатҳои ташбеҳи пӯшида ва ташхис сохта мешавад, дар шеъри Саида, аз ҷумла, дар ғазалиёти ӯ зина ба зина ривоҷ меёбад ва ба воситаи ҳисомезии калом вориди фазои нав мегардад:

*Гул ба атри ман омез дар ҳарими рӯъёӣ,*
*О, ба доманам биншон лолаҳои саҳроӣ.*
*Накҳати шукӯҳамро дар тани ту афшонам,*

*Хилвате ба ман бинмо дар ҷалоли зебоӣ.*
*Нарм-нарм ба рӯям зан бӯсаҳо ба шоху барг,*
*О, раҳо намо як дам аз ғубори танҳоӣ.*
*Ҷому соғарам бикшо, то шукуфа бикшоям,*
*Кун раҳо маро як дам аз азоби раҳпоӣ.*
*Баски интизорам ман аз шукуфа лабрезон,*
*Шомро шамим афзо бо шукӯҳи шайдоӣ.*
*Рақсу ишваҳо омӯз бо Саидаи маҳзун,*
*Мавҷи лола омӯзон бо ҷилои раъноӣ.*
*(Ғазали "Ҳарими рӯъё")*

Аз аввал то охири ин ғазал, ки намунаи хубе аз "ғазали нав"-и форсӣ-тоҷикӣ аст, тасвири ашё ва ҳолатҳои марбут ба Инсон бо ашё ва ҳодисаҳои Табиъат тавъаман сохта шуда ва ҳисомезиҳои ҷолиби диққатро ба вуҷуд овардааст. Таваҷҷӯҳ кунед, хоҳиш(амр)и *омадани ошиқ дар ҳарими рӯъёӣ (ҳолате байни хобу бедорӣ) ва гулро ба атри маъшуқ (қаҳрамони ғиноӣ) омехтан ва дар домани ӯ лолаҳои саҳроӣ нишондан* чӣ хоҳише латиф аст. Дар идомаи ғазал қаҳрамони лирикӣ ин хоҳиши ошиқонаи шоиронаро пилла-пилла "месабзонад" ва мегӯяд: *ман накҳати шукӯҳу шавкати худро дар тани ту хоҳам афшонд, ту дар ин гуна ҷалоли зебоӣ бо ман хилвате дошта бош.* Дар байти севвум ду навъи санъати ташбеҳ вуҷуд дорад: ташбеҳи акс ва ташбеҳи измор (пӯшида): шоху барг мансуб ба гул ё дарахт аст, на ба инсон. Вале қаҳрамони лирикӣ мегӯяд: *биёву ба рӯям – шоху баргам нарм-нарм бӯса зан ва лаҳзае маро аз ғубори танҳоӣ пок (раҳо) кун!* Пас, маълум мешавад, қаҳрамони лирикӣ гулро, ки дорои шоху барг аст, ба рӯйи худ (ва умуман худро!) монанд кардааст ва ин навъи ташбеҳ (ба Инсон монанд карда шудани ашё ё ҳодисаҳои Табиъат), ташбеҳи акс хонда мешавад. Мавҷи эҳсосот, шӯру изтироби қаҳрамони лирикӣ дар ин ғазал аз калимае то калимаи дигар, аз байте то байти дигар ба таври диалектикӣ ривоҷ меёбад ва динамикаи хоси баёни образнок ва шоиронаро ба вуҷуд меоварад. Таъбирҳои *шукуфа кушодан, аз шукуфа лабрез будан ва мавҷи лола омӯзондан,* ки аз офариаҳои худи шоираанд, иртиботи мантиқии байни абёти ғазалро таъмин менамоянд.

Саида гоҳе дар сувари хаёл он қадар пеш меравад ва бо истифода аз *калимаву таъбироте чун сурма, дида, дом, саҳар, висол, шом, сайри сафед, гули бодом, печидан, оҳуи чашмони ҷоду, сайд, қафас, ром кардан* ба хаёлпардозиву суратсозиҳо андармон мегардад, ки ноогоҳона по ба хиттаи Сабки ҳиндӣ мегузорад ва бо Зебуннисои он хитта ба мушоъира менишинад:

*Ба сурма дидагонамро бароят дом мекардам,*
*Саҳаргаҳро ба уммеди висолат шом мекардам.*

*Сарои навбаҳорон буд бо ёди накўят дил,*
*Аз он сайри сафеде дар гули бодом мекардам.*
*Дилам ҳар гаҳ, ки мепечид дар гирдоби шўру шар,*
*Ғазалҳои туро мехондаму ором мекардам.*
*(Ғазали “Дом мекардам”)*

Медонем, ки худи “ғазал” гуфтугузор ва муъошиқа (ишқварзӣ) бо занон аст. Саида низ аз меҳвари аслии ғазал дур намеравад ва қисмати асосии ғазалиёти худро ба тавсифи ишқу тасвири ҳолатҳои ошиқона ва баёни олами ботинии ошиқ ихтисос медиҳад. Қаҳрамони ғиноии ў маъшуқест, ки ҳамонанди Зулайхои ошиқ ба Юсуф, дар мақоми ошиқ ҷилвагарӣ мекунад:

*Боз хоҳам, ки ба ин мастию шайдоии хеш,*
*Ошиқат бошаму унвони Зулайхо гирам.*
*(Ғазали “Бо ту хоҳам…”)*

Танаввўъи вазн низ яке аз бартариҳои ғазалиёти Саидаи Синавӣ аст. Саида на танҳо дар баҳрҳои аслӣ чун Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз ва Мутақориб, балки дар зиҳофоти мухталифи онҳо ва баҳрҳои фаръӣ низ ғазал сурудааст. Ин ҳолат аз ташаннуҷи авзоъи қалбӣ ва ботинӣ, аз беқарорӣ ва шўрангезии рўҳият ва табиъати ў ҳикоят мекунад. Масалан, ғазали 5 байтии “Шакарханд”-и ў, ки дар яке аз зиҳофоти баҳри Ҳазаҷ – Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсур суруда шудааст, аз ҳашву сактаҳои вазнӣ орист ва арзиши хуби зебошинохтӣ (ба ҷуз ин ки дар аввали ҳар мисраъи байти матлаъ ҷонишини “ман” ду бор такрор шудааст) дорад:

*Ман лутфу латифаю шакарханд,*
*Ман дил ба ду синаи Самарқанд.*
*Ман оби шифоям аз Бухоро,*
*Ҳар хандаву заҳрхандам аз қанд.*
*Аз Тирмизаму бас офтобӣ,*
*Аз кўҳнадиёри ҳикмату панд...*

Зебоиҳо ва орояҳои ғазалиёти Саидаи Синавӣ бештар аз инҳост, ки ин ҷо гуфта шуд, вале дар баробари ҳуснҳо, нуқсҳое низ дар ғазалиёти шоира ба чашм мехўранд. Масалан, ғайр аз сактаҳои вазнӣ ва ҳашвҳо дар баъзе аз маворид, дар бисёре аз байтҳо адотҳои ташбеҳ аз қабили: *чун, чу, ҳамучу, ҳамчун, мисли, ба сони, монанди, ҳамонанди* фаровон ба кор бурда мешаванд. Дар натиҷа, дар ғазалиҳои ў санъатҳои маънавӣ аз қабили ташбеҳи пўшида ва истиъора нисбатан камтар ба назар мерасанд. Санъати ийҳом, ки бурҳони қотеъи шоирист, ниҳоят кам ба назар намерасад. Аммо дар байти зер дар ду маврид

санъати ийҳом ба кор бурда шудааст: 1. *Сина* – синаи кӯҳ; *Сина* – номи зодгоҳи шоира. 2. *Ширин шудан* – номи маъшуқи Фарҳод, мисли Ширини Фарҳод шудан; *Ширин шудан* – муқобили талх ё тунд шудан. Дар як байт дар ду маврид истифода шудани санъати ийҳом ҳодисаи нодир ба ҳисоб меравад:

*Мезанам нохун ба рӯйи Синаи кӯҳи фироқ,*
*Дар ғамаш Ширин шудам, он талхваш Фарҳод кист?*
*(Ғазали “Кист?”)*

Такрори аз ҳад зиёд ва баъзан бемавриди баъзе аз вожаҳо ва таркибҳо низ ба қубҳи шеър далолат мекунад. Мутаассифона, дар 112 ғазали Саида 24 бор калимаи “бӯса” дар мавридҳои гуногун ба кор бурда шудааст, ки на ҳамеша дилкашу дилхоҳ аст...

Дар ҳар сурат, ин чашмандози кӯтоҳ ба ғазалиёти Саидаи Синавӣ ба мо имкон медиҳад, ки ӯро дар радифи яке шоираҳои ғазалсарои муъосир қарор бидиҳем ва ҷойгоҳи ӯро дар ғазали ошиқонаи занона ба таври бояду шояд эътироф намоем.

**ГУЛИ НОЗИ ПАДАР**

Силсилаи севвуми гузидаи ашъори Саидаи Синавӣ “Офтобам – Падарам, моҳтобам – Модарам” унвон дорад ва 9 шеъри нимоӣ ва 1 шеъри кӯтоҳи дар жанри маснавӣ сурудашударо дар васфу ситойиш ва такриму таъзими волидайн дар бар мегирад.

“Синаи Замин” унвони чаҳорумин силсилаи ин гузида аст, ки аз 14 шеъри дар қолабҳои нимоӣ ва ғайра дар васфи зодгоҳи шоира – Сина ва марсияи пайвандон, дӯстону ҳамдеҳагон сурудашуда таркиб ёфтааст. Унвони ин силсила низ бо санъати ийҳом сохта шудааст: 1.Сина – макони қалб, марказ. 2. Сина – номи зодгоҳи шоира. Вале мутаассифона, дар дохили силсила ин санъат ба таври бояду шояд ба назар намерасад.

Аксари шеърҳои ин ду силсила ба ҳамдигар гиреҳ хӯрдаанд ва идомаи мантиқии ҳамдигар мебошанд. Модаркалон – Падар – Модар – бародар – хоҳар – Сина – фарзандони Сина – номи мавзеъҳои Сина – табиъати Сина... ҳамаи инҳо бо занҷираи мантиқӣ ба ҳамдигар васл мешаванд ва дар маҷмӯъ як манзара ва симои воҳидро ба вуҷуд меоваранд. Падар ва Модар рамзи Сина ҳастанд, чеҳраи нуронии Падар, дастони ларзони ба дуъо бардошташудаи ӯ, садои азон гуфтан ва бар намоз ба по истодани ӯ, симои ғамгусор ва чашмони интизори Модар дар асл ҳамон Сина аст, ки дар ҳаққи фарзанди дурафтодааш дуъо мекунад ва ташнаву интизори омадани ӯст:

*...Дуъо хоҳам зи дастонат, Падарҷон,*
*Зи мулку боғу роғу хонаи ту.*
*Агарчи хидмате баҳрат накардам,*
*Зи баҳри ҳиммати шоҳонаи ту.*
*(“Дуъо хоҳам”)*

## БАҲОРЕ ДАР СИНА

“Шукӯҳи шукуфа”, ки 57 шеъри асосан дар қолаби нимоӣ (чаҳорпора) сурудашудаи Саидаи Синавиро дар бар мегирад, панҷумин силсилаи ин гузида аст. Иш ашъор комилан аз ошиқонаҳои дилгудози шоира, ки дар тӯли бист-бисту чор соли ахир суруда шудаанд, фароҳам омада ва қисмате аз онҳо низ дар матбуот ва маҷмӯъаи “Таманно”-ву гузинаҳои гурӯҳӣ ба чоп расидаанд.

Баъзеҳо, ки иддаъои шоирӣ доранд, шеърро тафаннунӣ месозанд. Яъне, бо доштани донишҳои лозимӣ дар фанни шеър, аз ҷумла, вазну қофияву санъатҳои адабӣ калимаҳоро дар канори ҳам ва рӯйи ҳам мечинанд, дар қолаби вазну қофия мерезанд, суханбозиҳоро истифода мебаранд ва гӯё шеър “меофаранд”. Ба қавли адабиётшиноси маъруф Сафар Абдулло “ашхосе, ки фақат аз рӯйи илму варзиши нирӯи ҳофиза ва татаббуъоти зиёд дар ашъори дигарон табъи шоирӣ ёфта ва шеър мегӯянд, шоир набудаанд ва ашъори онҳо аз руҳи онҳо ҳикоят намекунад”.[6] Ин навъ “шоирон” дар асл шоир нестанд, балки нозим ё шоирмаъоб ҳастанду халос. Хушбахтона, Саида Синавӣ аз доираи ин гуна ашхос ба дур аст ва ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон ӯро нозим ё шоирмаъоб номид. Дар акси ҳол, ин таъриф нисбат ба шахсият ва шеъри Саида беинсофии бузург хоҳад шуд. Зеро Саида илми шеърро дар дарсҳои адабиётшиносону шеършиносони ягон донишкадаи филологӣ наомӯхта ва умуман, аз назарияи шеър камтар огоҳ будааст. Он чӣ ки ӯ аз овони ҷавонӣ суруда ва ӯро ба унвони як шоир ҷилвагар намудааст, зотӣ ва табиъӣ мебошад. Саидаи Синавӣ табиъатан шоир аст, хулқу хӯ, сиришту сарнавишти ӯ шоирона аст.

Саидаи Синавӣ, ҳатто дар ҳамон шеърҳое, ки таҳти таъсири Фурӯғ сурудааст, ба табйини андешаҳои хусусии худ эҳтимом варзидааст. Шоираи мо Марде тахайюлӣ, Марде Ормониро идеали худ қарор медиҳад ва дар олами рӯъёи худ бо ӯ роз мегӯяд. Марде, ки рӯзе меояду ӯро аз азобҳои ҳиҷрон, ғарибиву танҳоиҳо, таҳқиру маломатҳо, аҷзу нотавониҳо, айбу гуноҳҳо наҷот медиҳад:

---

[6] Сафар Абдулло. Нури сухан. – Олмотӣ, “Дайк-Пресс”, 2005. – С.25.

*Бодаи ишқ аз нигоҳи ман бинӯш,*
*Ишқро аз қалби ман идрок кун.*
*Дасти ман, дасти зани гумроҳ гир,*
*Гар тавонӣ, аз гуноҳам пок кун!*
*(“Қӯямат”)*

Дар аксари ҳолатҳо, чунон ки дар ғазалҳои шоира низ ба мушоҳида мерасад, симои Абармарди Ормонии Саида дар сурати Юсуф мутаҷаллӣ мешавад. Бояд гуфт, ки талмеҳи қиссаи Юсуфу Зулайхо аз Қуръони карим ва достонҳои шеъри классикии мо дар ашъори Саидаи Синавӣ ҷойгоҳи хос дорад таҳқиқи алоҳидаеро тақозо мекунад. Саида дар ҷои дигар “борон”-ро намоде аз он Абармарди Ормонӣ медонад ва мегӯяд:

*Борон куҷост, атри фараҳбахши осмон,*
*Резад ба рӯи сафҳаи дарди ниҳони ман.*
*Шояд бад-ин навозиши борони нимашаб,*
*Осуда гардадам дилу чашму лабони ман.*
*(“Борон куҷост?”*

Як бахши нисбатан камтари чаҳорпораҳои ин силсила марбут ба давраи дуввуми эҷодиёти Саида Синавӣ мебошанд ва аз нигоҳи мазмуну мӯҳтаво, забону баён ва гиру дори суханофарӣ аз ашъори пешинаи ӯ фарқ мекунанд. Дар шеърҳои индавраинаи навгӯӣ ва навҷӯиҳои шоира зина ба зина афзойиш меёбад. Шоира бо сохтани вожаҳо, таъбиру ибораҳои нав монанди *бӯсаи борон* (“Бӯсаи борон”), *гулбӯса* (“Нест пайдо”), *бо нигоҳ бӯса боридан* (“Садои торикӣ”)... ҷанбаҳои рамзиву намодии шеърашро қавитар мекунад.

Бояд гуфт, ки шеъри ҳазору дусадсолаи мо шеъри комилан мардона бо гаройиши ғампарастӣ буд. Ҳатто шоираҳои мо шеърро “мардонавор” гуфтанд (ҷуз аз чанд байту ғазали Робияи Балхиву Зебуннисо). Кор то ба ҷое кашид, ки шоираҳои муъосири мо чун Розия Озоду Зебо Аминзодаву Парвини Эътисомиву Гулрухсор ҳам ба баёни эҳсосоту авотифи занона камтар майл намуданд. Шеъри воқеъан занона бо шеъри Фурӯғи Фаррухзод зуҳур кард. Фарзона онро то ҳадде идома дод, вале Саида ба он болу пари тозае бахшид. Дар шеърҳои Саида, хусусан, дар шеърҳои ин силсилааш характери занонаи шеъри ӯ бар асоси имижҳои хоси занона чун *ноз, ишва, дилбарӣ, дилрабоӣ, дилситонӣ, пардоз, оро, шона, атр, накҳат, нафас, гарм, нарм, ҷоду, сеҳр, афсун, қаҳр, меҳр, тӯҳмат, ғайбат, шукр, шукрона, дуъо, ситойиш, мушкилкушо, бибимушкилкушо, фол, бӯса, бағал, гиря, нола, ханда, шукуфтан, пажмурдан, сӯхтан, хушкидан, шарм, ҳаё, ширинӣ, ғам, дард, андӯҳ, лутф, латофат, ӯсма, сурма, чашм, абрӯ, лаб, зулф, гесӯ, мӯ, ҳино, доман, меҳрубонӣ,*

*рашк, ҳавас, орзӯ...* ва сифатҳои мардона чун *Марди меҳрубон, Хизри Ишқ, Марди комҷӯ (“Хизри Ишқ”), Марди роҳ, накӯмард, накӯмарди хаёлӣ (“Садои торикӣ”), марди меҳрафрӯз (“Туро пурсидам аз бод”) марди шикастанафс, Марди бообрӯ (“Бар худ фурӯ баред”), кайҳоннаварди Осмони Шеър...,* ки низ барои тақвияти имижҳои занона хидмат мекунанд, офарида шудааст.

Шашумин силсилаи ин гузидаи ашъор “Гесӯи таманно” ном дорад ва аз 15 шеър дар қолабҳои озоду сапед таркиб ёфтааст. Аз ин теъдод 10 тоаш шеъри озод, 5 тоаш шеъри сафеди омехта бо унсурҳои шеъри озод мебошад. То ҷое, ки маълум мегардад, Саидаи Синавӣ тавонистааст нозуктарин ва латифтарин эҳсосоти худро дар қолабҳои шеъри нимоӣ (чаҳорпора) ва озод ба роҳат бирезад ва дар фазои он озодона шиноварӣ намояд:

*Дар синаам баҳор*
*Ошуфтатар зи лола ба саҳро дамидааст.*
*Бастам ба кокулони худ*
*Гулпунаи сафед.*
*Бо сад умед ӯсма ба абрӯ кашидаам.*
*Бо мушк шустаам саропо вуҷуди хеш,*
*Поку намозӣ, ояти ишқ аст дар забон*
*Эй саҷдагоҳи қиблаву эй нури дидаам.*
*(“Дар синаам баҳор”)*

Ё худ:

*Кош, гӯшамро навозад*
*Бо азони бомдод*
*Ҳар саҳар аз дур овози Падар!*

*...Оҳ, аз нав бошам, эй кош,*
*Кӯдаки гаҳворабанд,*
*Духтари ширин, гули нози Падар!*
*(“Оҳ, эй кош!”)*

Чуноне ки мебинем, Саидаи Синавӣ шеъри сапед хеле кам суруда ва зоҳиран ин қолаб ба мазоқу салиқаи ӯ созгор наёмадааст. Аз ин ҷост, ки дар ин навъи шеър муваффақ нашудааст. Агар гуфта шавад, беҳтарин шеъри сапеди ӯ ҳамин шеъри “Бо Офтоби Шаҳри Дил” аст, ки бо тасовири зеҳнӣ сохта шудааст ва он ҳам зоҳиран, илҳоме аз повести “Офтоби Шаҳри Дил”-и Искандар Мирзост:

*Зиндагӣ,*
*Ту фиреби зебоӣ,*
*Ҳарчӣ будиву ҳастӣ,*
*Маро гуворoӣ.*

*Гуноҳ табассум кард,*
*Сӯйи ман хандид.*
*Насим бӯйи гунаҳ дошт.*
*Замона қаҳрӣ буд,*
*Ӯ ба ман механдид...*

Дар ҳафтумин силсилаи ин гузидаи ашъор, ки “Чор тор” унвон дорад, 36 рубоӣ, 114 дубайтӣ, 60 қитъа ҷой гирифтааст.

Хусусияти асосии ин силсила, ки ҳовии жанрҳои хурди лирикӣ мебошад, рӯҳияи комилан миллӣ ва маҳаллӣ доштани он аст. Дар мағз-мағзи ҳар як сатри рубоиву дубайтӣ ва қитъаъоти Саида колорити ва характери барҷастаи миллӣ, вижагиҳои маҳаллӣ бо сарчашмагириӣ аз фарҳанги қавмӣ (этнокултура) ва фолклор ба таври зинда ва гӯё ба мушоҳида мерасад.

**...ВА НИҲОЯТ...**

Дар маҷмӯъ, дар гузидаи ашъоре, ки мавриди истифодаи мо қарор гирифтааст, 228 шеър дар қолабҳои маснавӣ, ғазал, чаҳорпора (нимоӣ), озоду сапед, 150 рубоиву дубайтӣ ва 60 қитъа тақдими мухлисони каломи мавзун мешавад. Чуноне ки мебинем, шоираи мо умри худро бесамар нагузаронида ва бо вуҷуди сангиниҳои рӯзгор, осори қобили мулоҳизае ба сафҳаи рӯзгор гузоштааст. Дар сурате, ки тақрибан ҳамин миқдор сурудаҳои ӯ ба сурати парокандаву парешон ва суфтаву рехтанашуда вуҷуд доранд, ки аз қаламрави ин гузида берун мондаанд.

Аз чашмандози умумӣ ба шеъри Саидаи Синавӣ маълум шуд, дар анвоъи гуногуни шеъри ӯ вожаҳое аз қабили *Ишқ, дил, Мард, фаришта, Зан, Модар, Падар, дуъо, деҳа, Сина, шаҳр, Юсуф, Зулайхо, Ширин, бӯса, борон, бод, шукуфа, рақс, паерешонӣ, ғам, ханда, гиря, ашк, ноз, ишва, оғӯш, шаб, хилват, танҳоӣ, ҷоду, рашк, рӯъё, рӯй (чеҳра, рух, рухсор), чашм, лаб, зулф, гесӯ* ниҳоят фаровон истифода шудаанд. Дар нигоҳи аввал ва сарсарӣ, ин ҳолат дар зеҳни хонанда ё шунаванда як миқдор нуқсангез ҷилва мекунад, вале вақте, ки ба моҳияти масъала жарфтар нигоҳ карда мешавад, маълум мегардад, ки ин калимаҳои ниҳоят зиёд ба кор бурдашуда на аз фақри забонии Саида, балки аз зеҳн ва идроку эҳсосоти огоҳи шоир сарчашма гирифтаанд. Он гоҳ маълум мегардад, ки ин калимаҳо ва таъбирҳои зиёд ба коррафта дар мақоми калидвожаҳои шеъри Саидаи Синавианд ва аксари онҳо бори хоси маъноиро бо доштани рамзу намоде аз шахсе, ашёе, ҳодисае, моҳият ва мафҳуме бар дӯши худ мекашанд.

Ғараз аз ин пешгуфторгунаи тӯлонии густохона, ки аз ҳадди як мақола низ убур кард, ин буд, ки ламъа-ламъа ишора шавад: Саидаи Синавӣ гуфтаниҳо, диданиҳо ва шуниданиҳои аҷибу ғарибе дорад, вале мутаассифона, бино бар далоиле, ки дар ибтидо таъкид шуд, мавриди таваҷҷӯҳи накди адабӣ қарор нагирифтааст. Ҳоло накди адабии мо, ки ба ҷои пеш рафтан рӯз то рӯз костатар ва хастатар мегардад, чӣ кореро метавонад дар ин замина анҷом бидиҳад? Тамоми сангиниҳои накди адабии як ҳавзаро бар дӯши (агарчӣ таҳамтансифат аст!) профессори мӯҳтарам Ҷумъа Ҳамроев – илоҳо, Парвардигор умрашонро зиёд кунад ва ҳаргиз хаста набошанд! – бор кардан магар аз рӯи инсоф аст?

Адабиётшиносони мо як касалии сирояткунандае доранд: ҳамеша худро бо як мавзӯъ ва ё эҷодиёти як нафар адиб маҳдуд месозанд. Барои ҳамин ҳам адабиётшиносони нозуксанҷи мо чун Наргис Шоалиева аз доираи накду баррасии шеъри Сӯҳроби Сипеҳрӣ, Дилшоди Фарҳодзод аз чорчӯби накду таҳлили ашъори Фарзона берун намеоянд, фақат ду-се адабиётшиноси ҷавони мо – Ҷамшед Ҷумъақулов, Ҷонмирзо Мирзоев ва Меҳмон Нарзиқулов талошҳое дар ин замина доранд ва мутаассифона, онро ҳам наметавон фаъол хонд...

Боқӣ ба қазовати шумо ҳавола аст, азизон!

**Ҷаъфар МУҲАММАД (Холмӯъминов),**
***номзади улуми фалсафа, дотсенти Донишгоҳи Давлатии Забонҳои ҷаҳони Ӯзбекистон***

# СИПОСНОМА



*Маснавиёт*

*Эй Худои меҳрубон, бахшандаӣ,*
*Дар дилам чун шӯълаи рахшандаӣ.*
*Ҳар умеде аз ту кардам илтиҷо,*
*Мустаҷобам кардаӣ, ҳамду сано!*

## МУНОҶОТНОМА

Ало, Парвардигори ҷумла олам,
Манам бар раҳматат мӯҳтоҷ ҳар дам.
Нишаста дар таги девори тақдир,
Ба дасту пойи нафсам карда занҷир.
Ба бахту тахт ман коре надорам,
Ба ҷуз Ту ёри ғамхоре надорам.
Ба хилватгоҳ биштобам баҳорон,
Ки созӣ мушкили манро ту осон.
Гиреҳи мушкилам афтода дар банд,
Фиреби зиндагонӣ дод сад панд.
Ҳариму боғи гулшан додгӯ монд,
Забони ақли ман аз гуфтугӯ монд.
Надорам ҷуз Ту ғамхоре, аё, Ёр,
Ситон аз синаҳоям захми озор.
Ба ҷойи шеър хун аз синаам рехт,
Тиҳӣ дасти заъифӣ хоки ман бехт.
Надорам қудрате, то хезам аз ҷо,
Ба ночорӣ, бубин, афтодам аз по.
Заъифу оҷизу лолу ҳақирам,
Ба дашти ноумедӣ ман фақирам.
Худовандо, биё, дастони ман гир,
Раҳо бинмо маро аз банди занҷир.
Дили манро ту дар дасти ҳаво кун,
Ту дарди бедавои ман даво кун.
Ғарибу хаставу зору низорам,
Ба раҳматҳои ту уммедворам.
Чӣ толеъу чӣ рӯзу ҳол дорам,
Бубин, Ё раб, чи сон аҳвол дорам...

## САНОНОМА

Эй Худои меҳрубон, бахшандаӣ,
Дар дилам чун шӯълаи рахшандаӣ.
Ҳар умеде аз ту кардам илтиҷо,
Мустаҷобам кардаӣ, ҳамду сано!
Бар мане, ки хостам оқил шавам,
Бандаи заҳматкаши одил шавам.
Шодмонам, додаӣ манро писар,
Додаӣ тоъат варо шому саҳар.
Духтаре, ки додаӣ, сад шукри ҳақ,
Аз накӯномӣ варо деҳаш сабақ.
Ҳарду дунёи варо обод кун,
Ҳардуро ҳам бо ҷамолат шод кун.
Ғайри ту Парвардигоро, Қодиро,
Ҳеҷ ғайре нест моро мутако.
Аз баду бадномӣ моро деҳ паноҳ,
Назди як банда ту нанмо рӯсиёҳ.
Ҳар куҷо аз раҳматат кун бо умед,
Бо гунаҳ ҳаргиз макун сурху сафед.
Бахш ризқу рӯзиямро аз ҳалол,
Бас нигаҳбонӣ намоям аз вубол.
Шукр, номат дар забонам пойдор,
Зикри ту боқист бо ман устувор.
Эй Худо, дар ид дорам ман талаб,
Бахш моро адлу инсофу адаб.
Эй Худо, бар ман ту ғамхорӣ намо,
Бар раҳи худ баҳри ман ёрӣ намо.
Баски номат Каъбаи дилхоҳи ман,
Ёди некӯят зиёратгоҳи ман.
Эй Худо, пироҳани шармам бидеҳ,
Рӯйи сурху як дили гармам бидеҳ.
Дур дор аз нафси бад манро мудом,
Дур дор аз шӯҳрати волову ном.
Номи неку хотири ҷамъам бидеҳ,
Дар дили ман шӯълаи шамъам бидеҳ.
Осиям, аммо макун рӯям сиёҳ,
Дор покам аз риёву аз гуноҳ.
Гарчӣ ман як бандаи парсӯхта,

Чашми худ бар раҳмати ту дӯхта.
Менишинам дар умеди зулҷалол,
Бо умеде, ки бубинам он ҷамол.
Он ҷамоле, ки ба мислаш кас надид,
Шабнами ҳар гул чу ашки ман чашид.
Ё илоҳо, махфират бар мо намо,
Бахш аз лутфат ба мо нашъунамо.
Дар паноҳат мо каси дилдодаем,
Лутф бар мо кун, ки беҳад содаем.
Як назар кун бар дили зору хароб,
Номи ту гирам ба чашмони пуроб.
Эй Ҳабибо, Қодиро, дилхастаам,
Аз дили фасли муборак растаам.
Моҳи март аст моҳи хубони азиз,
Фасли гул дар назди қалбам ҳеҷ чиз.
Ман саропо баргу гул гаштам чунон,
Дар мисоли гул чу ҳастам бенишон.
Аз шукуфа номи худ гум кардаам,
Ихтиёр аз хеш маҳкум кардаам.
Дар миёни шаҳри гулҳоям хароб,
Дар дами тавлиди шеърам бо азоб.
Чашмаи ҷӯшони шеърам коста,
Аз мани бечора ҷонам хоста.
Муғчаҳоям лаб кушода бо забон,
Ҳар яке гӯяд: Худои меҳрубон!
Аз дили шаб ханда дорад моҳтоб,
Ҷуз ману ўянд сармасту хароб.
Бо гулу гулбуттаҳоям ҳамнишин,
Рашк дорад аз ҳасад рӯйи замин.
Муғчаҳоям роз гӯяд безабон,
Зору маҳзун ҳоли ман созад баён.
Эй Худои меҳрубон, дорам умед,
Аз ту бахту шодию роҳи сафед.
Эй Худои меҳрубон, Парвардигор,
Дар паноҳи хеш моро нек дор.
Эй азизи ин дили шайдои ман,
Дар ду дунё ҳастию пайдои ман.
Ҳар куҷо дорам Худои меҳрубон,
Пас маро ғам чист дар ҳар ду ҷаҳон?

## СИПОСНОМА

Худованде, ки моро офаридаст,
Ба мо ҳаргиз ба чашми кам надидаст.
Кунам ман шукри беҳад бар Худованд,
Ки моро ӯст танҳо ёру дилбанд.
Ман аз он ҳарчӣ дод ӯ, сарофарозам,
Фараҳманду накӯву бониёзам.
Ки бахшида маро чашмони пурнур,
Аз ӯ ҳастам зи ин ман шоду масрур.
Дили ҳассос додастам ягона,
Ки бошад кони ашъору тарона.
Кунам шукре, ки бар ман дод фарзанд,
Ки бошад ӯ маро як умр пайванд.
Дили сад чок дорам, қалби пурхун,
Манам чун мурдаи аз хок берун.
Шаби зулмонии ман беситора,
Дилам, қалби ҳазинам пора-пора.
Гули ошӯби ман ин ҷо хазон аст,
Ки санги қисматам номеҳрубон аст.
Ба по хезам, маро санге занад ӯ,
Ба бахти ман чаро чанге занад ӯ?
Асар аз рангу бӯйи ман намондаст,
Ба чашмам тортан ҳам хона мондаст.
Тани зебои ман хӯроки ғам шуд,
Қади сарвам нигар якбора хам шуд.
Сари гӯраш шабонро мекунам рӯз,
Куҷо хезад зи қабраш ёри дилсӯз?
Манам бозичаи дастони тақдир,
Ки андар навҷавонӣ гаштаам пир.
Ба сони хори саҳро неш дорам,
Тамаъ аз хешу аз дарвеш дорам.
Нишони одамӣ кардам фаромӯш,
Ба мору аждаҳо гаштам ҳамоғӯш.

Худовандо, ту ҷонам меситонӣ,
Ту моро холиқи рӯзирасонӣ.
Сари сахтам навозишхоҳ гашта,
Ғизоям нола гашта, оҳ гашта.
Бу ҷуз ғам ёри ҳамтое надорам,
Ба ҷуз ин рӯзӣ савдое надорам.
Миёни гӯри танг дармондаам ман,
Ғариб афтода, ҳайрон мондаам ман.
Шабу рӯзам сияҳ з-ин гуна тақдир,
Ки андар навҷавонӣ гаштаам пир.
Ба инсон хастаҳолӣ шукри беҳад,
Накун ҳолам Худовандо, аз ин бад.
Нишаста бар ғарибӣ зор нолам,
Ба ҳоли синаи афгор нолам.
Худоё, лутфи беандоза кардӣ,
Зи бухлу бад дили ман тоза кардӣ.
Худоё, дӯстдору ҳамдами мо,
Худоё, аз худат бешу ками мо.
Маро аз бад ту эмин дор, эмин,
Нигаҳбони ду тифлам бош, омин!
Накун шармандаву осиву бадрӯ,
Бубахшо раҳму шафқат бар дили ӯ.
Талабгорам ба ҷумла некбахтӣ,
Намонад ҳеҷ як фарде ба сахтӣ.
Аҷаб бахшандаӣ, Маъбуди якто
Ту худ Қодир, ту беҳамтову зебо.

## САПЕДАНОМА

Шукри Аллоҳ гузору тоъат кун,
То тавонӣ ба Ӯ ибодат кун.
Лаззат аз маззаи дуъо бардор,
Ҳар чӣ ҷуз зикри Ӯст, дон бекор.
Шукри обе ки мехурӣ, бигзор,
Ғофило, хобӣ гар, бишав бедор.
Шав ба тақвою ору номус кун,
Шамъи дилро фурӯзу фонус кун.
Хонаи қалб олами рӯъёст,
Безабон асту бин чӣ сон гӯёст.
Ҷонситон асту ҷон бахшанда,
Холиқу меҳрубони ҳар банда.
Қодиру одилу тавоно аст,
Беназиру ҳабибу якто аст.
Марҳами дардҳои бедармон,
Ӯ туро офариду бахшид ҷон.
Лолаву настаран куҷо рӯяд,
Аз куҷо лахти гӯшт сухан гӯяд?
Ҳеҷ донӣ, ки медиҳад рӯзӣ,
Нақш кун номи Ӯ ба гулдӯзӣ.
Шукргӯ дар сапедадам бошӣ,
Назди Холиқ ту мӯҳтарам бошӣ.

## СИНОНОМА

*Барои писарам Сино*

Аз накӯиҳо ҳикоят мекунам,
Бар раҳи адлат ҳидоят мекунам.
Эй писар, ҳар ҷо равӣ, бо худ бубар,
Дурри иймонро ба монанди сипар.
Рухнамо шав бо касе андар салом,
Хуш бубошу соҳиби сад эҳтиром.
Дил маёзору макун дашному шӯр,
Шав мададгоре ба ҳар як карру кӯр.
Чеҳраи хандони худ ҳаргиз матоб,
Баҳри ҳар бечора кун кори савоб.
Соҳиби ақлу саховатпеша бош,
Марди содиқ бош, боандеша бош.
Кач магӯву кач марав зинҳор ту,
Рост гӯ бар марди каҷрафтор ту.
Бар касу нокас ту некӣ тӯша кун,
Донаеро кишт кун, ту хӯша кун.
Аз бадон парҳез кун, бо нек шин,
Киштаи худро шавӣ то хӯшачин.
Бо зану фарзанди худ дилбанд бош,
Огаҳ аз ҳар як фиребу фанд бош.
Осиёне гарчи раҳ гум кардаанд,
Тифли хеш аз меҳр маҳрум кардаанд.
Гирди хони хеш ту роҳаш бидеҳ,
Аз пушаймонӣ ғаму оҳаш бидеҳ.
Гирди хони ӯ машин зору хамӯш,
Бар дурӯғаш ҳеҷ гаҳ манмо ту гӯш.
Сирри худ бар ҳар касу нокас магӯ,
Ризқи худро аз касу нокас маҷӯ.
Дасти худ гул соз, гулкорӣ намо,
Ҷони худ андак фидокорӣ намо.

Меҳнате аз таҳти дил кун бемалол,
Гар бихоҳӣ баҳри худ нони ҳалол.
Меҳри худ аз дӯстон ҳаргиз макан,
Лек маншин ҳеҷ бо зоғу заған.
Чашми худ бикшой баъд аз марги ман,
Баъди ман аст хоҳарат як барги ман.
Хоҳари худро намон ту хору зор,
Баҳри меҳри ман макун зору низор.
Меҳри ман бар ӯ бубахшу ёрӣ кун,
То ба умре баҳри ӯ ғамхорӣ кун.
Бо умеди ту бихобам хуш мудом,
Бар Худо биспорамат бо эҳтиром.



## СИНАНОМА

Сина, эй номи хушат вирди забон,
Чун ту ҳастиву гуворо ин ҷаҳон.
Сина, меҳроби намозиву шукӯҳ,
Сина, эй савту навои қалбу рӯҳ.
Набзҳоро ҳам ту дорӣ дар канор,
Сина, эй маъвои дилҳои фигор.
Ҷannate ҳастӣ дилангезу аҷаб,
Маскани тасвиру илҳоми адаб.
Меҳани ишқиву чун ганҷинаӣ,
Маскани меҳрӣ, ту охир, Синаӣ.
Сина, дилҳои ҷаҳонро ту паноҳ,
Сина, бар сирри ҳама бошӣ гувоҳ.
Деҳи Сина, офтобат мешавам,
Мисли дил дар сина обат мешавам.
Лолаҳоят ғарқ дар зикри Худост,
Қатраи оби ту дармону давост.
Хоҷаи ғори ту тасвире баланд,
Хоҷа Баркӯҳи ту лоиқ, дилписанд.
Хуфта дар оғӯши ту Чилдухтарон,
Хоҷаҳо дар қалби ту карда макон.
Маскани Хоҷаи Арбобиву низ,
Мавтани[7] бодому писта, ҳам мавиз.
Хона дорад шамс ҳам пушти сарат,
Шӯълаафшон гашта бар бому дарат.
Осмон ҳам бар ту бинмояд назар,
Гашта боғу роғҳоят пурсамар.
Деҳи Сина, садқаи номат худам.
Ахтари якдонаи шомат худам.
Деҳи Сина, садқаи номат шавам,
Моҳи зебои намо(з)шомат шавам.
Сина, даргоҳи азизони манӣ,
Сина, охир хонаи ҷони манӣ.
Водии ишқи Худованди карим,
Зикр гӯяд мардумат, зикри Раҳим.

[7] Мавтан – ватан.

## САИДАНОМА

Аз шунидан ту нашнавӣ, беш аст,
Шикваҳои Саида аз хеш аст.
О, Саида, ба ҳоли ту сӯзам,
Курта бар мотамат ба тан дӯзам.
Бистари хобии ту бошад кӯҳ,
Нотавонӣ ба зери сад андӯҳ.
Қиссаҳоят чу кӯл бошад шӯр,
Мурдаӣ, мондаӣ бурун аз гӯр.
Чашми бахтат сафед, чун кӯр аст,
Бас, ки беҳтар барои ту гӯр аст.
Қисмату толеъи ту номард аст,
Қалби саршори ту ҳама дард аст.
Дастҳоят зи осмон кандаст,
Оҳ кашам, чун хаёли побанд аст.
Қалби зорат ҳазору як чок аст,
Ормони ту хуфта дар хок аст.
Чатри борониат, ки дуздиданд,
Боз дида турову хандиданд.
Зери андӯҳу ғам туро дидам,
Зарбае буд, ки ман ларзидам.
Рангу рӯят чу моҳ бошад зард,
Хуфтаӣ, хез ту зи болини дард.
Шукр гӯ, чунки модарӣ, ҳай-ҳай,
Маҳвашиву чӣ дилбарӣ, бай-бай!

## САФАРНОМА

Зи чашми осмон аз кӯҳи Сина,
Гузаштам ҳамраҳи бобом дина.
Гузаштем аз мусалсалкӯҳи[8] Помир,
Зи кӯҳҳои баланди Алҷазоир.
Зи кӯҳи осмонбӯси Хуросон,
Набуда раҳкушоӣ кори осон.
Натарсидем зи хирсу деву гургон.
Зиёрат карда мо қабри бузургон.
Ба раҳ албастизан бар мо ҳуҷум кард,
Худоро шукр, ногаҳ мора гум кард.
Гузаштему давидему паридем,
Дили албастизанро мо даридем.
Будаст албастизан хело хатарнок,
Будаст низ хоҳараш мори заҳарнок.
Хиҷолат дода моро байни мардум,
Ду тан ялмоғизи бепою бедум.
Зи дастам боз дошт он бетаҳорат,
Сазовори гапи пасту ҳақорат.
Ту гӯӣ, хоҳараш чун мору каҷдум,
Ба мисли калтакесак буд бедум.
Зи рӯям беибо ӯ бӯса мекард,
Хаёли хӯрдани самбӯса мекард.
Қариб месохт зи гӯштам тушбера,
Қариб бобом мемонд бе набера.
Вале ҳарчанд ҳуҷум карданд онон,
Будам ман кабкаки масти хиромон.
Ду-се марди зиёӣ карда меҳмон,
Ба нози неъмату ҳам мурғи бирён.
Ҳумоюнпайк бо дасти дуъоем,
Ба сад иқлим мо дар рафтуоем.

[8] Мусалсалкӯҳ – силсилакӯҳ.

Ниҳоят ёфтем ёрони ҷонӣ,
Кунем то бар шумо мо шодмонӣ.
Маро бобои барфӣ ёфт аз кӯҳ,
Ҳазину хаста буду пиру маҷрӯҳ.
Варо мо парвариш кардем чандон,
Бишуд бобои мо шӯху ғазалхон.



## СӮГНОМА

Ман ғанӣ будам зи меҳрат дар ҷаҳон,
Давлати ман будӣ, эй модаркалон.
Он ҳама дороиҳоям аз ту буд,
Он ҳама афсонаи буду набуд.
Дошт домони туро домони марг,
Бе ту будам шохаи бедолу барг.
Чашми ман аз ашкҳо сероб шуд,
Дидаву дил аз бароят об шуд.
Чашму абрӯи базебат дар назар,
Нақш монда хотирамро ҷилвагар.
Шишта-шишта мешавам ман интизор,
Гиря месозам бароят зор-зор.
Ку ҳамон дастони пурэҳсони ту,
Ку ҳамон қалби пур аз иймони ту?
Меҳрубониҳои ту ёдам расид,
Ин қалам охир ба имдодам расид.
Рӯзи маргат абр гардид офтоб,
Гиря мекард ӯ ба чашмони пуроб.
Ин дили  маҷрӯҳи ман ғамнок буд,
Ҷисми ту дар байни тобут пок буд.
Буғчаҳоят чун гирифтам, кофтам,
Як кафан бо мушку анбар ёфтам.
Гиря кардам, зери лаб гуфтам дуъо,
Ман туро биспурдам онҷо бар Худо.

## СИЁҲНОМА

*Ба ёди шогирди ҷавонмаргам Зуфарҷон*

Зуфарҷон, эй ҷавони бистсола,
Ба ғамҳои ту булбул карда нола.
Камоли навҷавониро надидӣ,
На шаҳди зиндагониро чашидӣ.
Туро буд чеҳраи гарму дили нарм,
Ду рухсорат чу себи сурх аз шарм.
Вуҷуди ту тиҳӣ аз ҳар гунаҳ буд,
Ду абрӯву ду чашмонат сияҳ буд.
Ҷавон будиву бо ақлу ирода,
Ту бар тахти равон, мардум пиёда.
Гули армони ту охир хазон шуд,
Ки сархам аз ғамат садҳо ҷавон шуд.
Чаро қисмат туро аз мо ҷудо кард,
Ба ҷони навҷавони ту ҷафо кард?
Ба рӯйи қабри ту шуд лола гулгун,
Дили модар-падар кардӣ ту пурхун.
Сияҳ пӯшида дар сӯги ту олам,
Гулу себарга пажмурда зи мотам.
Зуфарҷон, рӯҳи покат шод бошад,
Макони охират обод бошад.

## СОҶИДАНОМА

*Ба ёди Соҷидаи бе ному нишон...*

Хок он ҷони ҷавонат хоста,
Лоларухсорат зи шарм ороста,
Мӯйҳои мушкини чилкокулат,
В-он лабони нозуки барги гулат,
Он садафдандони дурру гавҳарат,
Ғунчаи накшода садбарги тарат.
Чеҳраат чун моҳи шом афрӯхта,
Болини садгул ба дастат дӯхта.
Соҷида, гулдухтари мисли парӣ,
Кардаӣ дар зери хок ин дилбарӣ.
Духтаре покиза будиву ту пок,
Сад дареғо, хуфтаӣ дар зери хок.
Рафтӣ з-ин дунё ту бе ному нишон,
Дар дили хоки сияҳ кардӣ макон.
Ҷонамози дӯхтаат дорад фиғон,
Рӯйи аспи чӯбинат бо сад забон.
Аз дили кӯҳу камар ояд садо,
Соҷида, эй номуроди бенаво.
Модари бечораат бе шоху барг,
Бедаво андӯҳи ӯ то рӯзи марг.
Модарат байни ҳама бечора шуд,
Қисмати сахташ чу санги хора шуд.
Эй арӯси нозанини рӯйи дор,
Ман зи ту ранҷидаам, маъзур дор.
Аксҳоят зеби мотамхона шуд,
Марги ту сад қисса шуд, афсона шуд.

# ЧАРОҒИ ГЕТӢ



*Ғазалиёт*

*Марҳабо, эй аҳли дил, сайре ба гулзорам кунед,*
*Мефурӯшам дарди худ, рӯ сӯйи бозорам кунед.*

## БА САР ОЯД

Булбул ба қафас нолаи зорам чу сарояд,
Ҳар гул ба ҳавас ғунча сари ноз кушояд.

Гесӯи тарам дид агар сабзаю насрин,
Бе боди сабо хезаду дар рақс дарояд.

Чун дид ба китфонам агар нози фаришта,
Чашмони шаётин[9] дигар аз хона барояд.

Ҳай-ҳай, зи алам зоғ занад таънаи беҷо,
Дилдори шакарлаб ба таманно зи дар ояд.

Шаҳлоии чашмони маро дид чу Маҷнун,
Аз хонаи Лайлӣ ба ду по не, ба сар ояд...

[9] Шаётин – шайтонҳо.

## ОШӮБИ БОРОН

Бубин, андар баҳори синаам ошӯби борон аст,
Хаёлам манзили шӯридаи савти ҳазорон аст.

Гулафшонии шаҳри ишқро ою зиёрат кун,
Ба шохи ҳар гулу себарга ашкам дурру марҷон аст.

Ба мавҷи лолаи саҳрои мавҷамро барангезам,
Ба шайдои зи лутфам сад ҷаҳони гул парешон аст.

Имои чашму абрӯям ба ҳайрат оварад гулро,
Дурахши нури чашмонам, ки хилватгоҳи иймон аст.

Шабони моҳтобиро барои мо ато карданд,
Сано Парвардигорамро, ки худ бахшандаи ҷон аст.

## ТАХАЙЮЛИ[10] САРГАРДОН

Тахайюл дар фазои шеър ҳамчун рӯҳи саргардон,
Ҷунуну ҳиссу эҳсоси аҷалро шуд балогардон.

Ҳуруфам рӯи дафтар кандаҳои дони тасбеҳ аст,
Хаёлотам ба дасти боди саргардон варақгардон.

Ғубори хотирам чун донаҳои ашки борон аст,
Дилам абрист, садҳо абр андар синаам гирён.

Чароғи ақл дар назди нафосат лол аз ҳайрат,
Баҳор аз ӯ латофатрезу ман аз ӯ дусадчандон.

Нигоҳи марги ғафлат сӯйи ман доим ҳаросон аст,
Аҷаб аз чеҳраи марге, ки доим сӯйи ман хандон.

Саида ғарқ бар лола шаҳиди ишқи ноком аст,
Ба шеъре ҳам намеарзад ҷаҳони дуни[11] бесомон.

[10] Тахайюл – хаёлот.
[11] Дун – бад, паст, зишт.

## ЁДИ ВАСЛ

Баҳри марги ман нигоҳе аз ту бас бошад маро,
Инчунин мурдан дар ин дунё ҳавас бошад маро.

Чархи қисмат бар сарам бо номи ту гардад ҳаме,
Пойандозам ҳамеша хору хас бошад маро.

Қасру тахту тоҷеи шоҳӣ ман оташ мезанам,
Хокбӯси даргаҳат будан ҳавас бошад маро.

“Эй хаёли қоматат оҳи заъифонро асо”[12]
Шоми ҳиҷрон ёди васлат додрас бошад маро...

[12] Мисраъ аз Мирзо Абдулқодири Бедил.

## ЭЙ ОШИҚИ ДЕРИНАМ

Эй ошиқи деринам, баргарду биё аз дар,
Ду чашм ба раҳ дорам, ду даст ба пеши бар.

Ту ояи Қуръонӣ, нозил ба нигоҳам шав,
Мебӯсаму мехонам, то ки кунамат аз бар.

Дар домани поки ман бигзор намози хеш,
Покизатар аз ашкам дар гӯшаи чашми тар.

Қурбонии ишқам ман, оғуштаи хуни хеш,
Оҳи дили ман бишнав, андӯҳи маро бингар!

Дар чодари абрам ман моҳи шаби танҳоӣ,
Ғайри ту намехоҳам як умр касе дигар.

## САФАР

Ба мисли боди даргузар сафар кунам,
Ба хешу ақрабо равон хабар кунам.

Ба дасти зиндагӣ манам чу армуғон,
Ба фасли лаҳзаҳои хуш назар кунам.

Агар маҷоли фурсате ҳанӯз ҳаст,
Ғазал шавам, ба қалбҳо асар кунам.

Кашам ба абрувон ба ноз ӯсмае,
Канори ёр шомро саҳар кунам.

Кушуда ғунчасон, зи худ бурун шавам,
Дуборае қиссае зи ишқ сар кунам...

## КУ ОН...

Ку даргоҳи ҳамон ёре, ки пойандози ман ҷонаш,
Ку он нимкушта сайди ман, ки гирам аз гиребонаш.

Нумӯ бахшам ба рӯи хирааш бо ҷилваҳои ишқ,
Кунам бо бӯсае қурбонӣ андар роҳи осонаш.

Зи чашми шӯълазояш ман рабоям нури яздонӣ,
Ки то як лаҳза нашносад ҷалолу тоқи айвонаш.

Ҳарими синаашро хонае созад барои ман,
Лабони ангубиниям бигардад неъмати хонаш.

Ку даргоҳи ҳамон ёре, ки пойандози ман ҷонаш,
Ғизояш меваи лаб, кулчаҳои рӯйи ман нонаш...

## КУҶО?

Манзили ғамзадаамро нафаси сур[13] куҷо,
Мани бечора куҷову ҳарами нур куҷо?

Лаби аз ханда тиҳӣ[14] дораму рухсораи зард,
Андалебам[15] ба куҷову мани ҳамҷӯр куҷо?

Дили ошуфтаи ман мазраъаи[16] сӯхта аст,
Он малак соқӣ куҷо, шаъшаъаи[17] ҳур куҷо?

Чаманистони ман аз сардии зулмат шуда хушк,
Зулфи ошуфта куҷову мани ранҷур куҷо?

Зарҳали ишқ куҷо ранги маро бикшояд,
Тани нимбисмили манро қадаре зӯр куҷо?

---

[13] Сур – ҷашн, ид, тантана; олати мусиқӣ чун карнай ва сурнай.
[14] Тиҳӣ – холӣ.
[15] Андалеб – булбул.
[16] Мазраъ, мазраъа – кишт, киштгоҳ, зироъатгоҳ.
[17] Шаъшаъа – шуъо, шӯъла, нур.

## КУ ГӮШЕ?

Худо шоҳид, шаҳиди Карбалоям,
Гирифторе зи ишқаш бар балоям.

Дар ин ошуфтабахтӣ пойбандам,
Ҳабибе ку, кунад мушкилкушоям?

Начотеро намебинам аз ин дард,
Гирифтору асиру мубталоям.

Ба сони гунг ёҳу мекашам, лек,
Ку гӯше, бишнавад инак, садоям?

Чӣ созам, бо кӣ гӯям дарди худро,
Ки бе ӯ дардманду бенавоям.

## ШАКАРХАНД

Ман лутфу латифаю шакарханд,
Ман дил ба ду синаи Самарқанд.

Ман оби шифоям аз Бухоро,
Ҳар хандаву заҳрхандам аз қанд.

Аз Тирмизаму бас офтобӣ,
Аз кӯҳнадиёри ҳикмату панд.

Аз Деҳинаву зи Шаҳрисабзам,
Ман ошиқаму надонӣ то чанд.

Ман тоҷики тоҷдорам, эй дӯст,
Соҳибватанам ба ҷумла савганд.

## ТАШНАИ ГУДОЗИШҲО

Бистаре зи гул дорам дар миёни хоҳишҳо,
Хастаҷону танҳоям аз ситезу[18] коҳишҳо.

Ҷомаҳои хобиям мавҷаҳои туғёнест,
Майли оғушат дорам бо ғиреву нолишҳо.

Шоми хилвате дорам бо хаёли ту мадҳуш,
Аз лаби ту мехоҳам соғари навозишҳо.

Дар тулӯъи ишқи ту оламе дигар дорам,
Рӯҳи осиям инҷо ташнаи гудозишҳо.

Ман зи мадҳ безорам, лаб бубанд, эй маддоҳ,
Ишқро тараннум кун, бигзар аз ситойишҳо.

[18] Ситез – туғён, барошуфтан.

## БО ТУ ХОҲАМ

Бо ту хоҳам, ки шабе домани саҳро гирам,
Нафаси тозаи гул аз лаби дарё гирам.

Боз хоҳам, ки ба ин мастию шайдоии хеш,
Ошиқат бошаму унвони Зулайхо гирам.

Соғари нӯш тавонам, ки бигирам зи лабат,
Соқии бӯса бигардам, дили дунё гирам.

Қасди садсолаи ман реша дар об  аст, бале,
Бас, бихоҳам, ки қасосам тани танҳо гирам.

Чун тавонам бикунам волаву шӯрида туро?
Ман нахоҳам, ки сабақ аз дили Лайло гирам.

## НОМИ МОДАР

Касе омаду номи Модар гирифт,
Аз ин қалби хомӯши мо даргирифт.

Пазируфта[19] нози чаман андалеб,
Ба табрики гул ҷому соғар гирифт.

Заминро ситойиш[20] намуд офтоб,
Ҷаҳонро шамими[21] муъаттар гирифт.

Нумӯ карда меҳру[22] маҳи осмон,
Қадаҳро зи чашмони ахтар[23] гирифт.

Зи эзид[24] хабар шуд санову дуруд,
Ҳумо сӯи мақсуди дил пар гирифт.

Чароғони гетӣ[25] фурӯзон шуданд,
Замину замону ҷаҳон фар[26] гирифт.

[19] Пазируфтан – қабул кардан, истиқбол намудан.
[20] Ситойиш – таъриф, тавсиф.
[21] Шамим – атр, накҳат.
[22] Меҳр – офтоб, хуршед.
[23] Ахтар – ситора.
[24] Эзид, эзад – Парвардигор, Офаридгор.
[25] Чароғони гетӣ – чароғони дунё. Киноя аз "ситорагон".
[26] Фар(р) – нур, шукӯҳ.

## БИГИРЯМ

Эй хилвати ман, мон, ба барат зор бигирям,
Бар ҳоли хароби дили ғамбор бигирям.

Бар ҳалқаи дастони Юсуф дар дили зиндон,
Дар шоми зулуматзадаи тор бигирям.

Борони ду чашмони маро ашк махонед,
Аз хуни ҷигар ранги нагунсор бигирям.

Аз чашмаи чашмони ҳабибону ғарибон,
Сад бор чӣ, биншаста дусад бор бигирям.

## КИСТ?

Лутф меборад лабонаш, бин, ки он сайёд кист,
Мекушад бо шеъри нобаш, гӯ, ки он ҷаллод кист?

Ғунчаи табъи салимам ташнаи шеъри хуш аст,
Дар биҳишти ишқ бин, он ҳури модарзод кист?

Банда моему асири ишқи ӯ афтодаем,
Неъмати дунё насибаш гашта, он озод кист?

Дар хароботам кунун дасти дуъо молам ба рӯ,
Кист, он ёраш Худову хонааш обод кист?

Дар мазори орзуям номи ӯ кардам ниҳол,
Гулшани шеъри маро он нахли навбунёд кист?

Мезанам нохун бар рӯйи Синаи кӯҳи фироқ,
Дар ғамаш Ширин шудам, он талхваш Фарҳод кист?

## ДОМ МЕКАРДАМ

Ба сурма дидагонамро бароят дом мекардам,
Саҳаргаҳро ба уммеди висолат шом мекардам.

Сарои навбаҳорон буд бо ёди накӯят дил,
Аз он сайри сафеде дар гули бодом мекардам.

Дилам ҳар гаҳ, ки мепечид дар гирдоби шӯру шар,
Ғазалҳои туро мехондаму ором мекардам.

Хаёлан оҳуи чашмони ҷодуи ту садҳо бор,
Чу сайде дар қафас бигрифта ӯро ром мекардам.

## МАЪЗАРАТ АЗ МАН МАХОҲ...

Маъзарат[27] аз ман махоҳ, эй булбули бешӯру шар,
Дил шикастиву бирафтӣ бо ҳазорон карру фар.

Ҳайф бошад ин чаманро будани бегонагон,
Об хӯрад ин чаман, гирад ғизо аз чашми тар.

Ҷойи хобу ҷойи роҳат мекашӣ заҳмат мудом,
Савти булбул хуш ба гӯш ояд ба ҳангоми саҳар.

Орзӯи ин чаманро мекунӣ боре агар,
Хор шав, овора шав, бечора шав, бечоратар.

Бо насими ишқ омез осмони хешро,
Фориғ аз андӯҳи ҷонкоҳандаи аҳли назар.

Бигзар аз дунёи худ дар олами эҳсоси гунг,
То ки бошӣ бенавову мулзаму як муштипар.

27 Маъзарат – узр, узрхоҳӣ.

## СОЛҲО БИГЗАШТУ...

Солҳо бигзашту сайди лоғари домат будам,
Мойили лабҳои ту, ҳам оҳуи ромат будам.

Бо ҳама найрангу афсун ҷони ман гар костӣ,
Лек ман он моҳи якто дар дили шомат будам.

Нолаи булбул будам андар гулистонат, аҷаб,
Маззаю таъми лазизи пухтаю хомат будам.

Лӯъбатам кардӣ чу душман ту ба чанги нокасон,
Ёри ту зоғе буду ҳайфо, ки бадноматбудам.

## НАМОНД

*Дар косаҳои чинӣ ҷарангу садо намонд,*
*Бӯйи умед дар сари зулфи сабо намонд.*

*Ҷаъфар Муҳаммад*

Хуршед хуфт бар сарам, нуру зиё намонд,
Дар одамият инчунин рӯю риё намонд.

Ин чархи бесутун фурӯ афтода бар сарам,
Зеро, ки раҳму шафқату шарму ҳаё намонд.

Гар нолаҳои чуғзи шабон шуд иҷобатам,
Дар рӯзгори ман дигар файзу сафо намонд.

Ночору мустамандаму[28] ошуфтахотирам,
Бишкаста хотирам, ки нигар, мӯмиё намонд.

Эй шоҳбайти тозаам, худро ту об  кун,
Обам харидаву нигар, хайру сахо намонд.

Як қатра оби соф бубин, з-ашки мо гарон[29],
Зеро, ки як иҷобате аз сад дуъо намонд.

[28] Мустаманд – бечора, нотавон.
[29] Гарон – қимати боло.

## ҶОНАМ БА КАФ ОМАД

Хуш омадӣ, эй ёр, ки ҷонам ба каф омад,
Аз синаи шӯридаам овози даф омад.

Дар анҷумани ишқ будам садри хуҷиста,
Афришта ба китфони ман аз ҳар тараф омад.

Сайёд будам, дар пайи сайде ба шаби тор,
Буд он шаби қадреву дилам бар ҳадаф омад.

Нолидани чуғз аз маҳалам рафт дар ин шаб,
Дар хонаи ман гумшуда шаъну шараф омад.

Ишқи ту барангехт ба дил шӯришу тӯфон,
Як мавҷ заду аз дили дарё садаф омад.

## БАРХЕЗАД

Рашки ҷаннат ба висоли ману ту бархезад,
Нозбӯи дили ман ноз ба шӯр ангезад.

Оҳ, ин лаҳза сари гӯри Зулайхо бинӣ,
Гули армони вуҷудаш ба сари по хезад.

Соқии даҳр бувад мухлиси махмурии ман,
Қадаҳ аз шабнами гул созаду бар ман резад.

Шоҳини ишқ зи парвоз сабақ медиҳадам,
Мутриб аз ғулғулаи ишқ тараб ангезад.

Бӯса бахшидани лабҳои ақиқам дида,
Душмани лайливашам хезаду хокам безад.

Юсуф аз шавқи висол осиву девона шавад,
Баҳри оғӯши Зулайхо ба аҷал бистезад.

## МАХМУРАТ КУНАМ

Соқиё, ҷоме бидеҳ, бо ашк пуршӯрат кунам,
Ҳамқадаҳ, баҳрат яке афришта аз нурат кунам.

То каломи покро бӯсӣ ту аз баҳри тавоф,
Бо шароби ояҳо биллаҳ, ки махмурат кунам.

Нахли пурошӯб созам то ба гулбоғи адаб,
Дар навои булбули шӯрида ҳамҷӯрат кунам.

Дар намози ишқ бинмоям имомат, кошкӣ,
Аз фиребу аз фасоду фитнаҳо дурат кунам.

Чун Зулайхо шӯҳраи ишқи ту бошам то абад,
Юсуфе созам зи ту, бо ишқ машҳурат кунам.

## ИШҚИ ТУ

Ишқи ту, эй бевафо, аъмои[30] модарзод кард,
Ҳар чӣ ганҷе доштам дар зиндагӣ, бар бод кард.

Аз шабистони хаёлам равшании моҳ бурд,
Дар дилам андӯҳро чун кӯҳи ғам бунёд кард.

Шеванам[31] пур шуд ба лаб аз дастат, эй девонахӯ,
Нолаамро най гирифту раҳ ба раҳ аз ёд кард.

Аз ду чашмам гашт ҷорӣ ҷӯйбори ашки хун,
Қисматам чун шикварo аз дастат, эй сайёд, кард...

Чашми сайёди ту, эй номард мард, анҷоми кор,
Мурғи ҷонамро ниҳоят аз қафас озод кард.

[30] Аъмо – кӯр, нобино.
[31] Шеван – оҳу нола, гиря.

## БОЯД ШАБЕ

Зулфи худ бояд шабе бар рӯйи ту афшон кунам,
Соғари лабҳо бубахшам, то туро меҳмон кунам.

Чойи шаҳди қиссаҳо нӯшӣ ту аз чашмони ман,
Дарди худ хоҳам, ки дар пеши ту дастархон кунам.

Лаҳазаҳо аз худ рабоям ман ба нози ишваҳо,
Афсунат биномояму бо меҳр андармон кунам.

Ақли ту дуздам ба сеҳру ҷодуи чашмони хеш,
Дар ду дунё раҳ наёбӣ, баски саргардон кунам.

Маҷнунат бинмояму хонам туро бар кӯйи ишқ,
Огаҳ, эй ғофил, туро ман охир аз иймон кунам.

## ЛӮЪБАТ[32]

Чорчӯби қисматам гӯё ба дастат сохтӣ,
Ҳамчу хас бигрифтаву осон ба оташ бохтӣ.

Дар ҷаҳони козибон[33] чун лӯъбате ороста,
Бо фиреби чашми худ гаҳ сӯхтӣ, гаҳ сохтӣ.

Қадри манро аз кучо медонӣ, эй пулдори маст?
Поймолам карда чун бар рӯи чашмам тохтӣ.

Нолаҳо андар гулӯям монд дар вақти дуъо,
Чун маро имрӯз назди нокасе нашнохтӣ.

Дар шаби ҳаҷрат ба мӯйи ман сапедиҳо дамид,
Рӯсиёҳӣ кардаву бар сели ғам андохтӣ...

[32] Лӯъбат (лӯъбатак) – бозича, зоча.
[33] Козибон – дурӯғгӯён, фиребгарон, каззобон.

## РАФТАНД

Шарар аз синаам дуздида рафтанд,
Ба ғам ҳамхоба будам, дида рафтанд.

Ба санги таъна кардандам маломат,
Гули ошӯби манро чида рафтанд.

Гуноҳолудаам карданду умре,
Ба рағми душманон санҷида рафтанд.

Ғанӣ будам дар оғӯши ғаму дард,
Ба ҳоли зори ман хандида рафтанд.

Шифои дардро аз ман рабуданд,
Зи дил не, водареғ, аз дида рафтанд.

## НОЗ КУНАМ

Ку марҳами дарди ман, ки то ноз кунам,
Бо шавқи рухаш пар зада парвоз кунам.

Ёди бағали Ватан кунам дар бағалаш,
Чашмони варо ба рӯйи худ боз кунам.

Бо ман бишавад ҷӯр ҳама ҳури биҳишт,
Гар номи варо гирифта овоз кунам.

Дар анҷумани ишқ чу як соқии маст,
Резам қадаҳе, маҳраму ҳамроз кунам.

Аз маърифаташ сафо бигирам сари ноз,
Дар маҳфили ӯ шеъри тар оғоз кунам.

## БИЁ

Биё, эй дӯст, бо ман анҷуман кун,
Ҳикоят аз гулу хори чаман кун.

Намози ишқ хон дар хонаи ман,
Тавофи Каъбаи шеъру сухан кун.

Ватан гӯ, то ки ҷони ман барояд,
Ғарибам, ойу дар қалбам Ватан кун.

Бароям як каф аз хоки Ватан ор,
Зи хокаш баҳри ман як пираҳан кун.

Бимирам ман агар бо ёди Меҳан[34],
Ба ашкат шӯ, ба дастонат кафан кун.

[34] Меҳан – Ватан.

## ОБ БИДЕҲ

Ташнаам, “Чашмаи Хуршед”[35] бишав, об бидеҳ,
Бо ғазал замзамае соз, ба ман хоб бидеҳ.

Соқии шеър бишав, масту фаромўшам кун,
Шаби ялдо[36] бишаву соғари маҳтоб бидеҳ.

Рухи пажмурдаи моро назари нек бикун,
Бўсаҳо бар лаби ман аз ғазали ноб[37] бидеҳ.

Соате, лаҳзае ё сонияе бо ман бош,
Дарси лутфу караму шафқату одоб бидеҳ.

Бо Саида нафасе ҳамнафасу ҳамдил шав,
Шона зан зулфи суханрову сипас тоб бидеҳ.

[35] Ишора ба маҳфили адабии “Чашмаи хуршед”, ки дар солҳои 1994-2000 дар шаҳри Тирмиз фаъолият дошт.

[36] Шаби ялдо – шаби дароз, дарозтарин шаби сол.

[37] Ноб – соф, пок; асл.

## БИГЗАШТАМУ РАФТАМ

Чу боди даргузар аз манзилат бигзаштаму рафтам,
Чу пайкони хатое аз дилат бигзаштаму рафтам.

Гуле будам, ки пажмурдам ба гулдони дилат бе об,
Хушо, аз сарвати обу гилат бигзаштаму рафтам.

Гулистонат тиҳӣ буд чун зи ошӯби гули лола,
Чу як пайки накӯ аз маҳфилат бигзаштаму рафтам.

Дилатро дор бо каф ғофило, паймона бишкастам,
Ки аз ӯ ҳамчу тири қотилат бигзаштаму рафтам.

Ман он киштии дарёям, ки аз тӯфон натарсида,
Ба сӯйи мақсадам аз соҳилат бигзаштаму рафтам...

## АЗ ХОКИ ДИЁР

Себарга дамида, дар дилам карда баҳор,
Наврӯз намуда олам аз мақдами ёр.

Ошӯби баҳор бар дилам карда Ватан,
Куштаст маро замзамаву савти ҳазор.

Дар домани сабзаҳо маро гӯр кунед,
То сабзаву гул маро бигирад ба канор.

Дар теппачае, ки хуфта авлоди башар,
Дар пояи гӯри ман барояд гули хор.

То зиннати чашми ҳамватанҳо бошам,
Ҳар сол бароям чу гул аз хоки диёр.

## НАЙРАНГ АСТ

Бо чархи ситезахӯ дилам дар ҷанг аст,
Дар дасти ситезахӯи қисмат санг аст.

Аз талхии даврони ситампеша, бубин,
Гулҳои чаман ба дидаам беранг аст.

Имрӯз маро ба дасти ғам пардозанд,
Пардоз ба рӯи ман гули ожанг аст.

Андӯҳи дилам чу лола лаб бикшода,
Ҳайҳот, ба дил азоби гӯри танг аст.

Эй най, ту чӣ ошиқона менолӣ боз?
Фарёд, ки пешаи ҷаҳон найранг аст...

## ТАБИБИ ҲОЗИҚ

Ман он садрам ба боғи бенавоён,
Набошад сарҳади бахтам намоён.

Табиби ҳозиқи ман навбаҳор аст,
Зи ашки дидаам дуздида борон.

Нумӯ дорад чаманзорони гетӣ,
Аз оби нуқрасои чашмасорон.

Сароби рӯдҳои ваҳшиям ман,
Навои нолаҳои шохсорон.

Гули худрӯи дашти ишқ будам,
Ки рӯйидам фақат дар қалби ёрон.

## ҲОЛИ МАН

Булбули шўрида пурсад ҳоли ман,
Мекунад бо нола истиқболи ман.

Ашк аз аҳволи ман дорад хабар,
Пурс аз ў, то кушояд фоли ман.

Ою аз ғамҳо суроғамро бигир,
Бин ту дар оғўши дард аҳволи ман.

Гар занам худро ба шамъи рӯйи ӯ,
Чун пари парвона сӯзад боли ман.

З-ибтидо фарҷоми ман маълум буд,
Лӯлиё, бархез, макшо фоли ман!

## КАЙ?

Кай рӯ ба сӯйи ин дили бемор мекунӣ,
Кай номи ман ба хоб ту такрор мекунӣ?

Кай мерасад шабони хаёлоти дерпо,
Бо бӯса кай зи хоб ту бедор мекунӣ?

Кай мерасад лабони ту бар ҷоми ташнаам,
Кай бӯсачинӣ аз гули рухсор мекунӣ?

Дастони қисматат шиканад кош, эй азиз,
Ӯ Юсуф[38] асту чанд ту инкор мекунӣ?

Ҳаҷру алам ба як тарафу як тараф – ниёз,
Нархи ту чанд, рӯ чу ба бозор мекунӣ?

[38] Ишора ба қиссаи Ҳазрати Юсуф(а).

## ВОЙ, БАР ҲОЛАМ...

Нолаҳоямро ба най омӯхтанд,
Ҳам маро дар ошёнам сӯхтанд.

Гаҳ ба ман омӯхтанд оқилвашӣ,
Гаҳ зи ман девонагӣ андӯхтанд.

Шабчароғе сохтанд аз лойи ман,
Аз замирам гулхане афрӯхтанд.

Ошиқам хонданд дар бозори ишқ,
Чашми ман бар роҳи ёрам дӯхтанд.

Ман харидораш шудам, дар растае,
Вой, бар ҳолам, маро бифрӯхтанд...

## БЕШ АСТ

Ба худ биншастану гуфтан зи фарри[39] анҷуман беш аст,
Саёҳат дар хаёли хештан аз сад чаман беш аст.

Агар қадре надорӣ назди ёру ҳамватанҳоят,
Ғарибиҳо зи оғӯши фараҳбахши Ватан беш аст.

Харoботе, ки дар он ҷо ту шукре бар Худо дорӣ,
Зи сад тахти Сулаймону зи садҳо мову ман беш аст.

Либоси орият гар ту надорӣ дар бисоти хеш,
Бароят аз ҳама дастори зебо як кафан беш аст.

Агар аз ту наояд накҳати инсонӣ дар дунё,
Зи ту дар зиндагӣ даҳчанд ҳар зоғу заған беш аст.

Тавонӣ гар ба ин дунё либоси ақл дар бар кун,
Туро зебандаю нархаш зи садҳо пераҳан беш аст.

Саида бо Худо якҷост, танҳо нест, танҳо нест,
Ки шайдоӣ дар ишқаш аз ҳазорон ҷону тан беш аст.

[39] Фарр – нур, шукӯҳ.

## ОШИҚАШ ДАР ХОБ МОНД

Пир шуд Зебуннисову[40] ошиқаш дар хоб монд,
Ранги зард аз ў нишон дар чеҳраи маҳтоб монд.

Бўса аз рўяш ситонд андӯҳу ғам дар дашти ҳаҷр,
Ташна мурду лек лабҳои тараш бе об монд.

Аз умеди ишқи ў қалбу ҷигарҳо пора шуд,
Тори зулфонаш дареғ, аз зарбаи мизроб монд.

Нагсалид[41] андўҳи ў аз синааш вақти видоъ,
Доғи ҳиҷронаш вале дар синаи маҳтоб монд.

---

[40] Ишора ба мисраъи Зебуннисо: "Пир шуд Зебуннисо, ӯро харидоре нашуд".
[41] Нагсалид – гусаста (канда) нашуд.

## ЧАРО РАФТУ НАЁМАД?

Нагзашт шабам, ёр чаро рафту наёмад,
Он рӯз дигар бор чаро рафту наёмад?

Чун барф бишуд зулфи Зулайхо-ш сапеда,
Он Юсуфи бозор чаро рафту наёмад?

Аз зулмати шаб деви сияҳ ком ситонид,
Он шамъи шаби тор чаро рафту наёмад?

Дар коми ғаму ғусса шудам ҷоми майи ноб,
Он Хизри накӯкор чаро рафту наёмад?

Сармояи ман, давлати ман буд фиребаш,
Он мояи озор чаро рафту наёмад?

Афғони мани ғамзада то авҷи само рафт,
Он мунису ғамхор чаро рафту наёмад?

Сад бор чаман ашки маро шабнами гул кард,
Он кабк ба гулзор чаро рафту наёмад?

Ғам сӯхт вуҷудам пайи паймону вафояш,
Он ёри ситамгор чаро рафту наёмад?

Як умр вафо кард Саида ба умеде,
Он ёри вафодор чаро рафту наёмад?

## РУҶӮЪ

Ҳар сафар аз баҳри лабҳоят лаби тар оварам,
Баҳри ифшои ту ман шеъри муъаттар оварам.

Гар дар оғӯшат фишорӣ чун дарахти орзӯ,
Домани худ пур намуда ашки ахтар оварам.

Аз вуболи ин дили озурдаам андеша кун,
Ташнаӣ гар, обро аз ҷӯйи Кавсар оварам.

Гар шабе меҳмони ин дил мешавӣ бо майли хеш,
Аз бароят бахтро болои бистар оварам.

## АФРИШТА ЁРАМ

Ғариб афтодаму дар ҳоли зорам,
Чу шамъ обу адо дар шоми торам.

Ду чашмам дар раҳи хешу таборон,
Ба сони навбаҳорон гиря дорам.

Дили дунё бароям гашта вайрон,
Ки ман танҳояму бе ғамгусорам.

Ба аҳволи пареш афтода тақдир,
Ки рафтам аз дили хешу таборам.

Шаҳиди бенаво гаштам ман охир,
Ба ранги лола шуд санги мазорам.

Суроғам дар дили гӯри ғарибон,
Ба чашми вою ман бо чашми чорам.

Ба ин ҳоли табаҳ дорам умеде,
Ки меояд шабе афришта[42] ёрам.

[42] Афришта – фаришта.

## ГУЛИ ПАЖМУРДА

Гули пажмурдаам, ғам об дода,
Маро рангу рухи маҳтоб дода.

Сари зонуи худ ғам то саҳаргоҳ,
Нишонда, бар ду чашмам хоб дода.

Ду дасти ғам ба гесӯям чу шона,
Давида, гесувонам тоб дода.

Чу устоди саодатхоҳ гетӣ[43],
Сабақро бар ман аз ҳар боб дода.

Ҳамон оҳанги маҳзуни шаби тор,
Сабақҳое ба ман з-одоб дода.

[43] Гетӣ – олам, дунё.

## ЧӢ МЕКУНӢ?

Бе ман ту, эй азиз, чаманро чӣ мекунӣ,
Зебоиҳои сарву суманро чӣ мекунӣ?

Аз гесувони ман агар атре намерасад,
Атру абиру мушки Хутанро чӣ мекунӣ?

Бе нози дилбаронаи ман фасли навбаҳор,
Ҳусну шукӯҳу лутфи суханро чӣ мекунӣ?

Афсуният ҳаром бувад бе нигоҳи ман,
Маҷнун бишав, бирав, ту ватанро чӣ мекунӣ?

Мурғони хонагӣ чу шудастанд улфатат,
Гӯ, ин нигоҳи ваҳшии манро чӣ мекунӣ?

## ҒАМ

Ғам подшоҳи қалби ману ман ғуломи ӯ,
Ҳастам ғизои хӯрдании субҳу шоми ӯ.

Ҷонам фидои ғам, ки ҳам ӯ шоҳи олам аст,
Сайёди дилситон ғаму ман кабки роми ӯ.

Хубони нозанин ба раҳаш саф кашидаанд,
Сарҳо чу гул хамида, зи пайи эҳтироми ӯ.

Як даҳр аз ҳароси ду чашмони ваҳшияш,
Монанди наварӯс ба по бар саломи ӯ.

Аз ишқ зиннаташ диҳаму бӯса бахшамаш,
Чун андалеб дар чаманам бо каломи ӯ.

Ҷонам фидо ба бӯсаю дасти навозишаш,
Оғоз мешавад ғазали нав ба номи ӯ.

## БА СОҲИЛ НАРАСИД

Пойи бишкастаи ман ҳеҷ ба манзил нарасид,
Шамъи шабсӯзи дилам ҳеҷ ба қандил нарасид.

Зиннати боғ нашуд нахли[44] гулафшони дилам,
Тири мижгони ман, эй дӯст, ба як дил нарасид.

Ҳусни ман таъна назад ҳеҷ ба райҳону ба гул,
Қоиқи[45] мақсади ман ҳеҷ ба соҳил нарасид.

Тири сайёд маро кушт ба саҳрои ҷунун,
Шевану нолаи ман ҳеҷ ба қотил нарасид.

Муғча бастам ба сад уммеду ният дар сари сол,
Оҳ, нахли дили ман ҳеҷ ба ҳосил нарасид...

[44] Нахл – ниҳол, ниҳоли хурмо.
[45] Қоиқ – киштӣ, кема.

## ОМАДАЕМУ МЕРАВЕМ

Баҳри фиреби хештан омадаему меравем,
Бо маниҳои мову ман омадаему меравем.

Бо ҳама нозу ман-манӣ, хусравию фурӯтанӣ,
Баҳри фидои ҷону тан омадаему меравем.

Тӯшаи роҳи мо – гунаҳ, гашта ҳақиру рӯсиҳ,
Ҳамчу гадои беватан омадаему меравем.

Ҳусну ҷамол – даргузар, авҷу камол – даргузар,
Ҳамчу ғизол[46] аз Хутан[47] омадаему меравем.

Хоки сиёҳ насиби мо, гӯр шавад ҳабиби мо,
Бас, ки барои як кафан омадаему меравем...

[46] Ғизол – оҳу.
[47] Хутан – вилояте дар Чин, ки бо оҳу ва мушкаш маъруф аст.

## КОШКӢ...

Ман асиру бандаи номи ту будам, кошкӣ,
Ахтари рахшандаи шоми ту будам, кошкӣ.

Дар сари хони ғаму шодии ту шому саҳар,
Сархушу мастонаи ҷоми ту будам, кошкӣ.

Бо нигоҳат сеҳр мекардиву бо лутфат фусун,
Кабки хушрафтор бар боми ту будам, кошкӣ.

Ҷуфти покат кош мебудам ба ду дунё туро,
Сайди оҳубарраи роми ту будам, кошкӣ.

Дар шикори бўсаам меомадӣ чун гурги маст,
Дилбари зебою хушноми ту будам, кошкӣ.

Кошкӣ, дар кишвари қалби ту будам сарвазир,
Давлату бахти саранҷоми ту будам, кошкӣ.

Ошёне кош, будӣ бар ду чашми шоди ман,
Шеъри ноби бўса дар коми ту будам, кошкӣ.

## БИБИМУШКИЛКУШО КУНЕД

Аз олами фиреб диламро раҳо кунед,
Як лаҳза бо садои хуше ҳамсадо кунед.

Бо шўру бо шарори суханҳои ҷонгудоз,
Ин дарди бедавои диламро даво кунед.

Як лаҳза бар лабони хамўшам сухан диҳед,
Гулхандаҳо зи хандаи гул ҳадяҳо кунед.

Як лаҳза бигзаред зи савдои мову ман,
Бо булбулони боғи дили ман наво кунед.

Аз барги гул назокате бахшед бар рухам,
Аз баҳри бахти ман бибимушкилкушо кунед.

## РӮ НАОРАМ

Бар дарат бо нола таркидам чунон,
Рӯ наорам, надҳӣ то аз нола ҷон.

То ба қалби хеш сӯзан дарниҳӣ,
То нахандӣ ҳеҷ бар нуқсу зиён.

То нарӯяд гул зи лабҳои хамӯш,
То дар он булбул насозад ошён.

То дарахти кинаатро нашканам.
Рӯ ба рӯям то намонӣ аз забон,

То ғururат бишканам бо дасти хеш,
То наомӯзӣ ту ошӯбу фиғон.

Нагзарӣ аз ҷони худ то бар дарам.
Чун нагирӣ ҷони қалбамро нишон.

То насозӣ тавба аз озори дил,
Надҳӣ то бар даргаҳам аз нола ҷон...

## ИФТИХОР

Тоҷикаму лоиқам ба ному насабам,
Аз Деҳинаву Синаи аҳли адабам.

Сад шукри Худо кунам, ки додаст маро,
Аз мўъҷизаҳои бахти худ дар аҷабам.

Дар назди назокатам қалам оҷизу лол,
Шукрона кунам, шеърсарояст лабам.

Ду чашми сияҳ дораму саршори фурӯғ,
Тақвою диёнат аз Худо металабам.

Аҳсант бихон Саидаи Синавиро,
Омӯз адаб зи ман, агар беадабам.

## ШАБЗИНДАДОРАМ КАРДАӢ

Қисмато, аз бевафоӣ хору зорам кардаӣ,
Рӯи роҳи бевафое интизорам кардаӣ.

Назди бедардон чӣ бошад нолаҳои зори ман,
Баҳри ғамҳои ҷаҳон шабзиндадорам кардаӣ.

Дар миёни навбаҳори ишқ афсунам басе,
Дар миёни фаслҳо чун навбаҳорам кардаӣ.

Шукр мегӯям, ки дорам ман ду чашми гирязо,
Чашмҳоямро ба сони чашмасорам кардаӣ.

Бок не аз таънаи ношустарӯе, бок не,
Шукр, ошиқҳои ман садҳо ҳазорам кардаӣ.

Эй Худои меҳрубон, ман бо Ту танҳо нестам,
Сад ҳазорон шукр, худро ғамгусорам кардаӣ.

## ҒАМХОР НАДОРАМ

Бо хотири ҷамъи ту дигар кор надорам,
Чун ёр надорам чу ту, ғамхор надорам.

Дар ҳар сари мӯ ҳаст ҳазор ошиқе чун ту,
Аммо чӣ кунам, ёри вафодор надорам.

Занбӯри асал, рав, ба гули сурхи дигар шин,
Ман тоқати неши туву озор надорам.

Кофист маро ёди яке ошиқи дерин,
Мирам чу ба ёдаш, ман аз ин ор надорам.

Ёри ту дигар будаву ҳам кори ту дигар,
Ман кор вале ғайри ту, эй ёр, надорам!

## БО ЛАФЗИ МОДАРӢ

Дар олами фасонаи зебои дилбарӣ,
Гардам гадову гушнаву созам қаландарӣ.

Чун духтари фасонае дар ҳайрату хаёл,
Дар ғайри шаб ба ваҳшатам чун духтари парӣ.

Аз дил фиғони хеш ситонам ба сад ҳунар,
Афсун кунам туро ба худам бо фусунгарӣ[48].

Аз ғояти алам бизанам таъна҇ҳо ба хеш,
К-эй бехабар зи лаззати илҳоми шоирӣ!

Маҳтобро Саидаи бехоб, алла гӯй,
Бо лаҳҷаи азизи худ, бо лафзи модарӣ.

[48] Фусунгарӣ – афсунгарӣ, сеҳргарӣ.

## БАС

Ба тамошои гули шеър ду чашмони ту бас,
Ба тавофи ду лабам он лаби хандони ту бас.

Хонаам боз насозӣ гарам аз сидқу вафо,
Баҳри ифшои дилам гӯшаи айвони ту бас.

Ку ҳамон лаҳаза, туро ҷӯяму навмед шавам,
Ишқи бас шӯридаи бесару сомони ту бас.

Бо рақибонам агар мекуниям ҳамнафасӣ,
Баҳри худ дорӣ агар, заррае иймони ту бас.

Бар тану ҷисму вуҷудам дигарон соҳибу ту,
Ҳадя фармо, ки маро нақд ҳамон ҷони ту бас.

Ҳар куҷо рафт Саида, буда шайтони лаъин,
Ба Худо, шукр маро раҳмати Раҳмони ту бас...

## ПАДАРҶОН

Падарҷон, нури чашмони сиёҳам,
Падарҷон, кӯҳи ман, эй такягоҳам.

Падарҷон, ояти Қуръони дастам,
Ту будӣ Маккаю ҳам қиблагоҳам.

Дуъоятро гирифтам, шукр, яъне,
Биҳишти аднро шоиста шоҳам.

Падарҷон, қуввату дармони қалбам,
Туӣ пиру туӣ пушту паноҳам.

Аё, эй давлати аз сар парида,
Шикаста қалби санг аз сӯзу оҳам.

Падарҷон, киштсози[49] ҳар ду олам,
Падарҷон, хоксору хоки роҳам.

Дуъогӯю саодатхоҳи мардум,
Накӯкори тиҳӣ[50] аз ҳар гуноҳам.

---

[49] Киштсоз – деҳқон.
[50] Тиҳӣ – холӣ; пок.

## ОТАШИ ҲАҶР

Вуҷудам байни оташ дар амон аст,
Ба қалби зори ман ганҷе ниҳон аст.

Раҳи ман сими дори чашмбандон,
Ба ҳоли ман дили ман дар фиғон аст.

Тавофи ишқи поки ман намоед,
Мазори ишқи ман то ҷовидон аст.

Сарам бозигаҳи санги маломат,
Дилам бозичаи дасти зиён аст.

Миёни деву дад овора гаштам,
Валекин ҷуръатам пили дамон аст.

Саида дар миёни оташи ҳаҷр,
Зи дасти ишқи худ бехонумон аст.

## МОДАРИ БЕЧОРААМ

Модари бечораи ман, зор мегиряд фалак,
Бо дили садпораи хунбор мегиряд фалак.

Баччамурда Модари ман, ҳам касалбон Модарам,
Аз шикасти қисмати бадкор мегиряд фалак.

Модари ман, Модари бечораам, дилпораам,
Аз ҷафову ҷабри ҳасратбор мегиряд фалак.

Бахти ман кам асту дурам аз ду чашми чори ту,
Бо дили афсурдаю ночор мегиряд фалак.

Нахли бахти ман шукуфта муғча зад дар байни шеър,
Ханда дар лаб бо дили хунбор мегиряд фалак...

## МАН ВОЛАВУ[51] АСИРАМ

Бо мӯъҷизоти қисмат дар сеҳр вогузирам,
Дасти ҳаёву иймон бунёди беназирам.

Байни ду дасти қисмат чун лӯъбати бапардоз,
Ҳайфо, зи ҳукми даврон, дар кӯдакӣ чу пирам.

Ҳар шаб маро шаби қадр аз ғайб мужда орад,
Дар арсаи қиёмат дар ҳоли ногузирам.

Хоҳам, фаришта марде бо боли бодпаймо,
Хоҳам, ба рӯйи дасте то субҳ баҳра гирам.

То рӯзи вопасинам ҷӯям канори он мард,
Дар байни шаҳри рӯъё[52] ман волаву асирам...

[51] Вола – ошиқ, шайдо, дилдода.
[52] Рӯъё – лаҳзае миёни воқеъият ва хобу хаёл.

## ШАБҲОИ ҲУЗНАНГЕЗ

Чи шабҳоест ин шабҳои ҳузнангези зулмонӣ,
Миёни бистари абрешимӣ мондам зи ҳайронӣ.

Ки бар хобам ту меоӣ дар ин шоми латофатрез,
Қасоси дил ситонам ин замон аз бахши пешонӣ.

Ҷафам бар хеш ман он пайкари дилҷӯйи барноят,
Гусастан дигар он ҷо аз мани ташна ту натвонӣ.

Ба банди дил туро бикшам[53] ва аз нав чун кунам эҳё,
Ба ҳайрат маҳви ҳуснам гардиву монӣ ба ҳайронӣ.

Ба мавҷи меҳр бандам пайкаратро сахт бар ҷонам,
Шавӣ саргум ту аз лолӣ, зи шавқи бахти инсонӣ.

Агар оӣ дар оғӯшам шабе, пири сухандонам,
Саида дарс омӯзад туро аз фанни шайтонӣ...

[53] Бикшам – мухаффафи «бикашам».

## ТО САҲАР

Соқии майхонаам кун аз дили шаб то саҳар,
Булбули шӯридаам, шӯридатар кун аз дигар.

Масти оғӯши ту бошам дар лаби дарёи меҳр,
Соғарат бахшам зи лабҳои хушу чашмони тар.

Эй ҳабиби ин дили шайдо, фидоят ҷони ман,
Оби чашмони ман аст он оби дарёи Хазар.

Кӯр бодо чашми ман ҷуз ту писандад ошиқе,
Дӯстат дорам, аё маҳбуб, аё соҳибназар.

Бо ту омезам, биё, дарди дили девонаро,
Бе ту  парҳезам зи дунё, бе ту бошам бесамар.

## КУҶОӢ?

Куҷоӣ ин шаби абрӣ, ки ман дар қайди боронам,
Куҷоӣ, шеърҳоятро ба лаҳни хеш то хонам.

Аё эй мард, эй кайҳоннаварди осмони шеър,
Куҷоӣ, то туро бо ояҳои ишқ хобонам.

Пас аз хобат (кадомин лаҳзаи хуш мекунад қисмат?!)
Ки ман ошуфтаву ларзон лабамро ба лабат монам.

Ба хоби хуш набандам чашмакони ташнамасти хеш,
Миёни бистари хобат бубинӣ ҷони ҳайронам.

Биафшонам дар он ҷо гесувони мушкбӯямро,
Бипечад то нигоҳи ту ба рухсори гулафшонам.

Намоям кишт меҳру оташи ишқу умеди худ,
Ба ҳамроҳи ҳамон шаб солҳо дар хотират монам.

Фаро хонам саборо аз чаманзори хаёли хеш,
Биафтам, то туро аз хоби ширин боз хезонам.

Ба умре то маро ҷӯӣ пас аз он лаҳзаи қисмат,
Маро ово кунӣ[54] бар хотири оғӯши сӯзонам.

Саида аз надоматҳо намирад, ҳеҷ медонӣ?
Куҷоӣ, то ба шамъи ишқ қалбатро фурӯзонам.

[54] Ово кардан – овоз кардан, садо задан, овоз баровардан, ба худ хондан.

## МЕҲРОБИ МЕҲР

Гулшани шукуфоӣ, эй азизи дар роҳам,
Як чаман ҳамоғӯшӣ аз ту боз мехоҳам.

Наварӯси зебоям бе ту дар паси чодар,
Гулхане фурӯ резад аз насими ҳар оҳам.

Ояти муҳаббат хон дар мазори қалби ишқ,
Аз ғами Зулайхоят, Юсуфи дилогоҳам.

Чун Саида меҳробе меҳри ту нахоҳад ёфт,
Саҷдаи вафоят ку, меҳрубони дилхоҳам?

**НАМЕДОНӢ**

Бубин, дар рӯ ба рӯят рӯ ба дунёи дигар дорам,
Намедонӣ, ки аз лолӣ чи савдое ба сар дорам.

Вуҷуди ташнаам аз хоҳиши гунге бувад лабрез,
Чӣ шӯру хоҳиши гунге бар ин лабҳои тар дорам.

Қалам аз дасти ту сад бӯса мебахшад ба шеъри ман,
Намедонӣ, ки ҷуз ин шеърҳо чизи дигар дорам.

Насими меҳр мехоҳам ба рӯю мӯю мижгонам,
Мисоли сабзаи пажмурдае дар хок сар дорам.

Ба коми ишқ нахли пурбаҳои ташнаи шеърам,
Дарахти рӯи роҳам, меваҳои пурсамар дорам.

Ба рӯят чашм пӯшам мисли ҳар як узви лоли хеш,
Нигоҳам сад забон дорад, зи ифшояш ҳазар дорам.

Дар ин савдо намедонӣ, намедонӣ чӣ ҷӯёям,
Ба кунҷи дур з-оғӯшат ҷаҳони гунгу кар дорам.

Агар аз мурғи илҳоми Саида огаҳӣ ҷӯӣ,
Ҳумои бахти некӯям, туро дар зери пар дорам...

## ЧӢ КАСЕ ҲАСТӢ...

Чӣ касе ҳастӣ, ки бе ту ҳама ҷо танҳоям,
Ҳама дам аз чӣ сабаб роҳи туро мепоям.

Кишане гарчи ба поям биниҳад номуси ман,
Бикушам номуси худрову ба наздат оям.

Бегумон, бе ту маро як дами хуш қисмат нест,
Бо ту мефахраму меболаму меосоям.

Ту азизи дили ман ҳастиву аз ман дурӣ,
Ҳар саҳар чеҳраи худ баҳри ту meoроям.

Чӣ касе ҳастӣ, ки бе ту ҳама ҷо танҳоям,
Чӣ касе ҳастӣ, ки ҳар лаҳза раҳат мепоям...

## ОБ МЕХУРАМ

Ин шоми беситора ғам аз хоб мехурам,
Шири сиёҳи ҳаҷр зи маҳтоб мехурам.

Аз тири норасидаи сайёди пурғурур,
Чун оҳуи рамида ба худ тоб мехурам.

Хас дар гулӯи об кунад рақс риндвор,
Ман печутоб дар лаби гирдоб мехурам.

Андар миёни шом, дами хоҳиши ниҳон,
Аз мавҷҳои ёди ту ман об мехурам.

Ин ҷомаҳои хоб, ки пурсад макони ту,
Сад ғуссаро бо дили бетоб мехурам.

## ХОБ НАДОДАМ

Як дарс ба ту аз дари одоб надодам,
Яъне, ки ба ту ҷоми майи ноб надодам.

Ҳайҳот, ки он шаб лаби майгуни туро ман,
Аз чашмаи мақсуди дилам об надодам.

Ҳайҳот, ки дар бистари ту хоб нарафтам,
Сад бӯса бар он шӯълаи маҳтоб надодам.

Ку он шаби ялдо, ки зи шоме ба саҳаргоҳ,
Дар чашму лабу ҷони ту ман хоб надодам.

Дил дода ба дарёи равон, рафтаму рафтам,
Аммо сари худ бар сари гирдоб надодам.

## ИМРӮЗ

Маро омехтӣ бо атри борони баҳор имрӯз,
Дилам дар гарди атрафшони роҳат интизор имрӯз.

Ба базми шеъру фарҳанги дариям боз мехонанд,
Маро кофист дар он чун ту ёре ғамгусор имрӯз.

Баҳорон атри наврӯзӣ занад бар дӯши Маҷнунбед,
Хуш он ки ёр бошад баҳри ман бо чашми чор имрӯз.

Ҳумои бахт, рӯзи навбаҳорон муждаам бифрист,
Ки хоҳам кард сайри бӯстони он диёр имрӯз.

Ҳумоюнпайк Наврӯзи Аҷам, моро ҳидоят кун,
Ки ман бо ёри хешам сарфарозу бахтёр имрӯз.

## ОМӮЗ

Эй зулфи сияҳ, ранг ту аз шоми ман омӯз,
Оғози маро бишнаву анҷоми ман омӯз.

Омӯз сияҳрангӣ ту аз бахти сиёҳам,
Ошуфтагӣ аз қисмати бадноми ман омӯз.

Омез ба амвоҷи хазонрангаи рӯзам,
Шӯру шараре аз дили нокоми ман омӯз.

Садрангаи мавҷам, ту бигӯ бар дили дарё,
Нӯшидани як ҷуръа май аз ҷоми ман омӯз.

Н-осуда манам, сила ту бар рӯи ман афшон,
Саршор ба меҳрам куну ороми ман омӯз.

## ФИГОР КАРД

Дар фасли сард ғайр зи шодӣ баҳор кард,
Зулмоти шом тифлаки моро фигор кард.

Ҷон дар хатар ниҳода чу Сӯҳроби пилтан,[55]
Фарзанди ман зи манзили модар фирор кард.

Он меҳрубони модару он нури чашми ақл,
Ҷӯяндаи падар шуду азми диёр кард.

Бо фазлу бо камол, таманнои беҳисоб,
Рӯ сӯи қиблаи ватани худ қарор кард.

Ранҷе фитод бар сари сахти ғариби ӯ,
Меҳри ватан варо, ки ба зиндони тор кард.

Ошуфта шуд дилаш, ки пур аз ишқу меҳр буд,
Пур аз фасоду чирку ғашу ҳам ғубор кард.

Дунё ҳақиқатест, ки талх аст, оқибат,
З-онгуна ақрабои ту бегона ор кард.

[55] Пилтан – филтан, бузургпайкар, паҳлавон.

## ДОҒИ ДИЛ

Таҳминаам, зи доғи писар хунчакон шуда,
Сӯҳроби ман ба теғи падар хунфишон шуда.

Доғи дилам чу лолаи Саҳрои Карбалост,
Меҳан ба ҳоли зори ман андар фиғон шуда.

Шӯридақалб, хок ба сар бод мекунам,
Хуни дилам ба сина чу табхоли ҷон шуда.

Дар чорроҳи қисмати бадхоҳ хастаам,
Бе болу пар чу булбули беошён шуда.

Ёрони ҷонӣ гашта бароям чу қавми Од,
Ёрони нотавон кунунам «меҳрубон» шуда.

Дуди ҷигар ҳавои чаманро ғариб кард,
З-ин рӯст, навбаҳори дили ман хазон шуда.

## МЕСӮЗАМ

Партави шамъаму бингар, чӣ аён месӯзам,
Шӯълаи оҳаму бингар, тану ҷон месӯзам.

Юсуфам, дидаву дониста, ки аз нори дилам,
Хонаи шавҳари Мисрӣ ба чӣ сон месӯзам.

Аз шарори нигаҳам шохаи тар даргирад,
З-оташи мавҷи ду чашмам ду ҷаҳон месӯзам.

Оҳи ман дар бидиҳад оташи пинҳони диле,
Гулханам, дар дили хошок ниҳон месӯзам.

Шамъи маҳфил нашавад сӯзи дилам, чора куҷо?
Ашкафшонаму бар сӯзиши ҷон месӯзам.

Пеши роҳи нафаси оташи ман об занед,
Варна бо тафси дилам ҳар ду ҷаҳон месӯзам.

Чун Саида агарам сӯхта бар дӯзахи ишқ,
Дӯзахам, ошиқи худро ба фиғон месӯзам.

## БОМДОДОН

Бомдодон ба гулистони хаёлам зада пар,
Булбули шўридаи ишқ биёмад ба хабар.

Хаймаи ишқ биёрост бари шеъри Аҷам,
Лутф аз синаи худ кард бурун, рафт бадар.

Чун арўси сухану лутф буд илҳоми нафис,
Буд дилошўбу дилангезу пур аз шўру шарар.

Оҳ, дар лабшакарӣ шаҳдтар аз таъми асал,
Оҳ, дар ҷилва беҳ аз шӯълаи хуршеди саҳар!

Шабнами шеъри Саида ба лабе борон бод,
Бар диле ташна бубахшад нафасе тозаву тар.

## ДАР МАЗОРИ ХЕШТАН

Сӯхтам парвонаеро аз шарори хештан,
Ошиқи бечораеро дар канори хештан.

Қисматам гӯё дар ин дунёи дун афсона буд,
Куштам аз ҳиҷрони дил ман ғамгусори хештан.

Ғунчаи уммедҳояш лаб агар накшода буд,
Дам фурӯ бастам ба сабри беқарори хештан.

Дар гулистони вуҷудаш сад гули шодобро,
Ҳеҷ кардам, ҳеҷ, дар фасли баҳори хештан.

Аз ғаму ҳиҷрони дунё синаам гулзор буд,
Ранг додам аз хуни ӯ лолазори хештан.

Санг буд қалби ману рӯҳи ҳазинам хора буд,
Номи ӯ бинвишта будам дар мазори хештан.

Ҷисми ӯро дафн кардам ман ба гӯри чашми хеш,
Чун Саида қисса кардам кору бори хештан.

## ОШНО НАБУД

Чун ман касе ба ишқи туам мубтало набуд,
В-он ишқ офате буду кам аз бало набуд.

Гаштам шаҳиди ишқу азизон наёфтанд,
Зеро мазори зори дилам Карбало набуд.

Селоби хунфишони ҷигартоби синаам,
Бо раъду барқи қисмати ман ошно набуд.

Тӯфони рашк ҷони маро мебарад зи бун,
Дигар маро ба назди ту рӯю риё набуд.

З-он рашки хонасӯз бубин, беватан шудам,
Дар чашми рашк асар бинигар, аз ҳаё набуд.

## ПАЙМОНШИКАНАМ МАН

Гӯӣ, ки туро маҳваши гулпираҳанам ман,
Не, булбули афтодаи дур аз ватанам ман.

Чашмони ту гӯяд, ки маро ёр бигирӣ,
Зарпечаки печони гули ёсуманам ман.

Имрӯз агар карда фалак ранги маро зард,
Маҳтобрухи гултани нозукбаданам ман.

Берун зи чаман руста будам чун гули худрӯ,
Садбаргаму нилуфараму ёсуманам ман.

Садрангии табъам ба назокат шуда рангин,
Дар асл, ки мавҷи гули садҳо чаманам ман.

Ҳарчӣ ту ба тӯфони дилам рахна намоӣ,
Барбод диҳам киштии Нӯҳат, ки манам, ман.

Не-не, ҳама лоф аст, бубин, модари зорам,
К-аз теғи фалак куштаю гулгункафанам ман.

Ман тавбагузорандаи ишқам чу Саида,
Ошиқкуши шӯридаи паймоншиканам ман.

## МУҲОБОТ КАРДАНИСТ

Шатранҷбози[56] бахт маро мот карданист,
Ӯ азм бар тавофи харобот карданист.

Аз нолаҳои зори зани пушти панҷара,
Бо сад мақом рақси муноҷот карданист.

Нушобаи хунини дилам аз баҳри лолаҳо,
Ҳамсони лолаам, ки муҳобот карданист.

Аз лайлу аз наҳор чӣ ҷӯё ҳамешавед,
Садранг бар намози хаёлот карданист.

Аз рашки ман ду дидаи шатранҷ шуд сафед,
Дар гӯри ман қироъати оёт карданист.

[56] Шатранҷбоз – шоҳмотбоз.

## ҲАЙРАТ

Зи ҳайрат рӯ ба рӯйи ишқ аз дӯзах панаҳ дорам,
Намедонам мани осӣ чаро қасди гунаҳ дорам?

Миёни панҷаҳои ишқ сӯзад рӯҳи осиям,
Нигар, бо ин ҳама ман шукри ин бахти сияҳ дорам.

Ато кардӣ маро ёраб, гуноҳ охир атои кист,
Ба шаҳри пургуноҳиҳо чаро ҳамвора раҳ дорам?

Гунаҳ не, ин ҳама донам, атои поки Яздонист,
Ба шоми тираам шукре, ки ман вораста маҳ дорам.

Зи баски мебарам акси туро дар чашмҳои хеш,
Гунаҳкорам, валекин сӯйи покиҳо нигаҳ дорам.

## ЧӢ СОЗАМ?

Гирифтори шару шӯрам ба майдони сухан ҳайрон,
Бубин ҳангомаи чашмам, ки борад селу ҳам борон.

Табиат моҷаро дорад бар ин шӯре, ки ман дорам,
Чӣ созам, то биосоям миёни наштари морон?

Ғанимат чист дар дунёи дун, асло намедонам,
Чӣ бояд кард дармон аз барои макри маккорон?

Бубин, гумкардароҳам ҳамчу карру кӯри модарзод,
Мани афтодарӯҳеро куҷо шуд ёрии ёрон?

Пару болам шикастанду ба базми қатл биншастанд,
Куҷо роҳ аст бар ман дар миёни ин тамаъкорон?

## ШАҲРИ ХАЁЛ

Шаҳри хаёл буд музайян[57] ба рангу бӯ,
Бо мева гашта ғарқ дарахтони орзӯ.

Саршори орзӯ шудам дар парниёни бахт,
Бо булбулони арш намудам чу гуфтугӯ.

Гардида ҳамнишини бузургони фасли ишқ,
Дар баҳри мӯъҷизоти илоҳӣ шудам фурӯ.

Мақбули ҷумла гаштаму онҷо дар анҷуман,
Парҳез дошт қалби ман аз мардуми дурӯ.

Ошиқ шудам ба сони Зулайхо ба Юсуфе,
Ку хилвате, ки арз намоям ба гӯши ӯ?

Рӯзе Саида афсуни андешаҳо шавад,
Дар ҳалқаи биҳиштиён, бо мардуми накӯ.

[57] Музайян – оросташуда, оро додашуда, зинатшуда.

## ОБ КУ?

Андар танӯри ғам бифитодам, ки об ку,
Мурдам зи ташнагиву паём аз савоб ку?

Роҳи наҷоту қиблаи манро кӣ дидааст,
Андар суоли ман зи ту пайки ҷавоб ку?

Чун шишапорае дилам дар рӯйи чӯғ доғ,
Бар ҳоли зори ин дили ман изтироб ку?

Ман бар каломи тозаи имрӯз ташнаам,
Бинвис бар саҳифааш, соҳибкитоб ку?

Икдоми неку хислати дарбори илм чист.
Аҷреву[58] он иҷобати роҳи азоб ку?

[58] Аҷр – мукофот, подош.

## САРАМ ДАР МАҚДАМАТ ҚУРБОН

Сарам дар мақдамат[59] қурбон, биё, хандида-хандида,
Ба оҳанги дилам омез мисли тори шӯрида.

Алайҳи марг меҷангам, намемирам миёни роҳ,
Ба ёди васли ту, бо ёди он ишқи наварзида.

Наӣ огаҳ ту аз оҳеву афғоне, ки ман дорам,
Гули ожанг бар рӯям, гули испед бар дида.

Гули ошӯби ғам рӯйида дар қалбу вуҷуди ман,
Зулайховор дар ишқи ҳамон Юсуфи шармида.

Шабе бо ахтарони ишқи худ ою мунаввар кун,
Бикун ту решакан ғамро ба зӯрат чидаю чида.

Сарам назри қадамҳоят, биё, хандида-хандида,
Ба оҳанги дилам омез мисли тори шӯрида...

[59] Мақдам – қадам.

## МАЙДОНИ СУХАН

Аз тиҳидастӣ[60] расам кай ман ба майдони сухан,
Кай расад дастони ман то бар гиребони сухан?

Сад нишон кардам, вале тирам ғалат рафт аз нишон,
Он манам сайёди золим, ташнаи ҷони сухан.

Дар ҳиҷоб омад ба наздам лўъбати нозукадо,
Тир хўрдам борҳо охир ба майдони сухан.

Аз сухандонон бигирам ман дуъо ҳар лаҳзае,
То бароям бар фалак бо боли имкони сухан.

Хўшаи гандум ҳамехоҳам ба боғи шеъри хуб,
То расам бар қадри ҳар як резаи нони сухан.

Эй Саида, дар алам аз ташнагӣ ҷон медиҳӣ,
Лаззати дунё бичаш аз гўшаи хони сухан.

[60] Тиҳидастӣ – фақирӣ, кўтоҳдастӣ.

## ҲАЙФО...

Ошуфта гули зард ба дастони баҳорам,
Фарсудаву беҷонаму беҳолу мадорам.

Ангушт ба лаб бурда рақибон ба тамасхур,
Ҳайратзада гаштанд зи ошӯбу шарорам.

Он пири ҳақиқат дида манрову барошуфт,
Ҳайфо, ки гилу хокаму як мушти ғуборам.

Шуд нола бадар аз дили харсанг ба саҳро,
Марг аст ҳақиқат, ки бигирад ба канорам.

Ғафлатзадагонему бубин бозии айём,
Дунё ҳаме се рӯзаву ман бар чӣ қарорам.

## АНДОЗ

Дар сина агар дорӣ диле, шӯру шар андоз,
Ҷонам ба лабам, шӯру қиёмат ба сар андоз.

Аз неку бадаш чашм бипӯш, аз ҳама бигзар,
Булбул шаву дар синаи гулҳо шарар андоз.

Шамъи дили ман бо шарари ишқ биафрӯз,
Бар синаи ман шавқ деҳу гӯш барандоз.

Дар толеъу бахтам ту бишав мурғи ҳумое,
Бар дилбари зорат бинишину назар андоз.

Дар боғи Саида гули армон шаву як рӯз,
Атреву шамиме ба ҳама баҳру бар андоз.

## ОР НАДОРАМ

Савдозадаи ишқаму ман ёр надорам,
Парво зи ғаму ғайбати ағёр надорам.

Чашмони ман аз рашки рақибон шуда равшан,
Ман кор ба он ёри дилозор надорам.

Аз қудс[61] намояд рухи худ Юсуфи Канъон,
Парво ба ягон пардаи асрор надорам.

Бо ашк бишӯям тану ҳам пайкари ӯро,
Бо бӯса бишӯям рухи ӯ, ор надорам.

Ҷаннат бувад ар зери қадамҳои мани зор,[62]
Як зарра ниёзе ба дигар кор надорам.

Лабрез Саида зи ғаму ранҷи ҷудоист,
Садбарги тарам, як гила аз хор надорам.

---

[61] Қудс – олами малакут.
[62] Ишора ба ҳадиси «Биҳишт зери қадами модарон аст».

## АЗ ОФТОБИ ИШҚ

Шармат наёмад аз ману ранҷу азоби Ишқ,
Васвоса кард ё ки туро изтироби Ишқ?

Бо нури ишқ мезанам оташ ба синаат,
То гирӣ баҳрае ту ҳам аз офтоби Ишқ.

Холиқ марову ишқи маро ҳадя бар ту кард,
Рӯй ор назди ӯву бигӯ аз савоби Ишқ.

Бо накҳату таровати ботин маро нигар,
Кун мазза аз шамидани атру гулоби Ишқ.

Шукрона мекунам ба дари эзади бузург,
Ҷисми маро чу халқ намуд аз гилоби Ишқ.

Ҳарчанд лофи ишқу вафо мезананд, лек,
Сархуш наянд ҳамчу ман аз дурди[63] ноби Ишқ.

[63] Дурд – таҳшини майи ноб дар хум.

## ҲАМЧУ НАЙ

Бо дами афсун вуҷудамро чу хоке бод кард,
Дар дилам андӯҳро чун кӯҳи ғам бунёд кард.

Дар шабистони хаёлам равшании моҳтоб,
Нолаамро аз лабонам ҳамчу най аз ёд кард.

Аз ду чашмам ҷорӣ шуд селобаҳои ашку хун,
Аз хуни дил лолазори хешро обод кард.

Кай тавонам фатҳ кардан қалби Юсуфи азиз,
Он ки садҳо шикваро аз дасти як сайёд кард.

Нолаам аз дасти он девонахӯи бевафо,
Дар лабонам пир гардиду зи ғам фарёд кард.

Айб бошад чун Саида зистан танҳою зор,
Ишқи ӯ дар зиндагӣ танҳои модарзод кард.

## БИН, КИ МОДАРАМ

Як гарди хоки роҳ манам бин, ки модарам,
Дарёи раҳми ман равад аз чашмаи сарам.

Бо нолаҳои чуғзи шабонгоҳи тирадил,
Қоруни кинапарвар аст моҳи кишварам.

Доро куҷост, Ҳотаму Зардушти шӯрапушт,
Шояд, ки ғолиб ойиву н-ояд, ки боварам.

Шоҳе ба беадолатӣ сарвар ба кинаӣ,
Қасди Алӣ ту аз Валӣ бистонӣ, доварам.

Эй золимони баддилу бадхоҳи қавми хеш,
Эй шоҳи бе дилу ҷигар, бечашму бесарам.

Гаҳвораи башар ба фалак дакка мехурад,
Дунё шурӯъ мешавад аз дидаи тарам.

## АҶАБ

Дар канори орзӯ нахли гулафшонам аҷаб,
Зулфи шабранги ғамеву анбарафшонам аҷаб.

Нашкуфад дар боғи ҳасрат он гули армони ман,
Бӯса ҷуз ғам кӣ занад бар зулфи афшонам, аҷаб.

Хотирам аз зулми сад андеша мегардад хароб,
Даҳр резад ашк дар ҳоли парешонам аҷаб.

Ғунча хандад дар чаман бар хотири ошуфтаам,
Таъна созад ошиқе бар шӯҳрату шонам аҷаб.

Аз навою нолаҳоям ғам гиребон чок кард,
Сел борад ҳар замон чашми хунафшонам аҷаб.

## ШАЙДО КУНАМ

Кош, туро як шабе лаҳзае пайдо кунам,
Боз ба ҳуснам туро ошиқи шайдо кунам.

Кош дили санги ту нарм кунам ҳамчу мум,
Бӯса диҳам бар лабат, чашми туро во кунам.

Сар занам аз равзанат шӯъласифат бесадо,
Шоми сиёҳи туро равшану зебо кунам.

Кош, насибам кунад бистари танҳоият,
Ёди туро то абад дар дили худ ҷо кунам.

Кош, бад-он шоми нек шеъри навин гӯямат,
Бесару сомон шавам, ноз чу Лайло кунам...

## ОҒӮШ МЕКУНАМ

*Ба Аҳмад Зоҳир*

Хуш он даме, ки савти туро гӯш мекунам,
Монанди Оби Хизр варо нӯш мекунам.

Аз изтиробу нашъаи овози ҷонситон,
Ин ҷони хастаро ҳама мадҳуш мекунам.

Ин дил, дили ғариб чӣ хоҳад, ки ҳар баҳор,
Бо ёди ту чу ғунча сияҳпӯш мекунам.

Аз зарби ҷонгудози навоҳои дилкашат,
Дунё чӣ буду ҳаст, фаромӯш мекунам.

Зоҳир, туро ҳамекунам ово ба зиндагӣ,
Дардо, ба гиря хоки ту оғӯш мекунам.

## АДОИ ТУ ШАВАМ

*Ба Асадулло Қаландаров*

Ҳофизо, булбули зоро, ман адои ту шавам,
Нола кун аз дилу ҷонат, ки фидои ту шавам.

Як дам аз лутф саро, то ба ту Наврӯз кунам,
Ошиқи лолу фиребо ба садои ту шавам.

Гар илоҷ аст, биё, ҷилваи мастона намо,
То парешон ба навою ба нидои ту шавам.

Бинавозам дилу ҳам дидаи ту аз сари лутф,
Як даме, лаҳзае ман нуру зиёи ту шавам.

Кошу сад кош, нишинам ба ту дар сояи бахт,
Нолаи уд шавам, рангу ҷилои ту шавам.

Ин ҳама мегузарад, лек дар ин давру замон,
Ту бишав шери Худову[64] ман адои тушавам.

[64] Ишора ба номи «Асадуллоҳ», ки «Шери Худо» маъно медиҳад.

## САФАР ДОРАМ

Кафан пӯшида бе ҳасрат бубин, азми сафар дорам,
Лаҳад дар моҷаро асту на биме аз хатар дорам.

Кунам падруд[65] бешак ман кунун дунёи фониро,
На ғам дорам аз ин рафтан, на ҳам чашмони тар дорам.

Худоро шукр мегӯям, ки мемирам мани осӣ,
Аз ин олам парешон рӯ ба дунёи дигар дорам.

Накардам роҳате як дам, надидам ҳеҷ ғамхорӣ,
Бар ин дунё чӣ месӯзам, чу нахле пурсамар дорам.

Надорам молу дунёе дар ин дунёи ғамхона,
Чу бигирифтанд ҷонамро, на ҷони муштипар дорам.

Худо дорам мани мискин миёни гӯри зулматбор,
Тани сарду лаби хушку вуҷуди бешарар дорам.

Худо дорам ба ин ҳолам, Худои поку бахшанда,
Ба ғайри ӯ надорам мутакко, на симу зар дорам.

[65] Падруд – худоҳофизӣ, хайрбод.

## ЭЙ АЗИЗИ ДУРИ МАН

Ман гадои кӯи васлат, эй азизи дури ман,
Нури ман, африштаи ман, ахтари ман, ҳури ман.

Хандаю болиданат аз ғунча пурсидам, ки гуфт,
Ҳар нишоту ҳар каломат шодии ман, сури ман.

Роз мегӯӣ бароям синаатро коста,
Савтҳоят дарди ман, ҳам тори ман, ҳам ҷӯри ман.

Аз нигоҳат об хӯрад чашми ошиқҳо басе,
Тири чашмат қатли ман, ҳам хотири ранҷури ман.

Нӯшханде мекунӣ, лаброба сӯям дошта,
Бӯсаҳоят нӯши ман, ҳам хоби ман, ҳам хӯри ман.

Ин Саида нест чун он Лайлии номеҳрубон,
Дӯст медорад туро, эй оҳуи масрури ман.

# ГИРЯ

*Ба ёди Абдусаттори Ҳасан*

Гиряҳои зори марде рахна бар ҷонам намуд,
Ғарқи навмедӣ намуду ғарқи армонам намуд.

Гиряҳои бесадояш лаҳзае ҷонам бисӯхт,
Хонаву дар, кӯю барзан ҷумла ҳайронам намуд.

Қиссагӯ буд духтари зораш пайи тобути ӯ,
Қиссаҳои талхи ӯ бас дидагирёнам намуд.

Ранги зарди кӯдаки ноболиғе кардам хароб,
Буттаи сабзи сари роҳ оҳу афғонам намуд.

Во дареғ, аз нахли пурборе, ки гуфта алвидоъ,
Ин алам бингар, ки бас пуршӯру исёнам намуд.

Мурдаи хушноми ӯро ёд карданд аксаре,
Пайкари зебои он зан ғарқи иймонам намуд.

## ЭЙ САНГ...

Эй санг, каш оҳ аз ҷигари хеш, ки чунам,
Каш соғари май соқӣ зи ҷӯи дили хунам.

Бар чанг бизан чанг ба оҳанги дили ман,
Мутриб, ки ман овора ба саҳрои ҷунунам.

Най нолаи ҷонкоҳи дилам аз чӣ напардохт,
К-аз хонаву аз деҳаву аз шаҳр бурунам.

Танҳояму танҳо, ки дилам ғарқи фироқ аст,
Дарвешзани майзада бо ҳоли забунам.

Комам закум аз бодаи ҳиҷрони Саида-ст,
Ӯ сархуши ғам гаштаву ман з-он ба фузунам.

## АТРИ БОРОН

Манзили ишқи ту аз ашк шабе об диҳам,
Дидаҳоро ба садоҳои туам хоб диҳам.

Гар насиб аст лаби шаҳди туро ин ду лабам,
Бўсаҳо баҳри ту дар шўълаи маҳтоб диҳам.

Эй хуш он лаҳза, ки оғўши ту гаштам чу насиб,
Атри борон шаваму зевари ноёб диҳам.

Шонаи меҳр шавам, хуш бинавозам сари ту,
Лабу рўят ба ҳавас аз ду лабам об диҳам.

Бехабар созамат аз ҳастии онрўзаи хеш,
Ҳоҷии ишқ шавам, бўса ба меҳроб диҳам.

## БО НОМИ ТУ

Бо номи Ту назокату пардоз мекунам,
Розу ниёзи зиндагӣ оғоз мекунам.

Рангин зи номи Ту бувад ин рӯзгори ман,
Бо номи Ту шукуфта чу гул ноз мекунам.

Набзи дилам ба номи Ту дар сина мезанад,
Рӯҳу тавони хеш сарафроз мекунам.

Аз раҳматат набудаам як лаҳза ноумед,
Шукри зиёд кардааму боз мекунам.

Мушкилкушост номи азизат Саидаро,
Бо номи Ту гиреҳ зи дилам боз мекунам.

## ДАРДИ ДИЛ

Чӣ бад кардам, Худоё! Тавба аз ҳар кори бад дорам,
Вале аз шеъргӯӣ тавба кардан ҳаст душворам.

Насими шеъри тар бар ҷони ман бахшо, ки дилгирам,
Вагарна бигзарам аз даҳр бо чашмони бедорам.

Маро бигзор, дарди дил ба гӯши зиндагӣ гӯям,
Ва ё баргир ҷонамро, ки ман аз хеш безорам.

Тахайюл деҳ, тасаввур деҳ, тафаккур деҳ, Худовандо,
Забони соҳире бахшой, то афсун шавад ёрам.

Дар ин шабҳои маҳтобӣ, гирифторам ба бехобӣ,
Сайида, дарду ранҷи шеърро бо ҷон харидорам.

## ОЛАМ ТОР БУД

Он рӯз, он рӯзи сияҳ олам бароям тор буд,
Маҳбуби беҳамтои ман дар рӯи тобут бор буд.

Чун абр дар дашту даман бахти сиёҳам гиря кард,
Аз марги ӯ гӯё ҷаҳон бечораву афгор буд.

Номеҳрубони ман надид ин бесару сомониям,
Ин гул, гули яктои ӯ дар байни мардум хор буд.

Чашми фалак бар ҳоли ман бикшода шуд якборагӣ,
Шамсу қамар бар ҳоли ман дар гиряҳои зор буд.

Пажмурда буд гулҳои тар аз ашку афғони дилам,
Сад моҷаро буд бар сарам, аз ман гурезон дор буд.

Он рӯзҳо, он лаҳзаҳо як кас ба имдодам набуд,
Садҳо дареғ, имдоди ӯ ҳамчун даво даркор буд.

Он фард чун Фарҳод буд, танҳои модарзод буд,
Он марди беҳамто нигар, сад ёрро дилдор буд.

## АШКИ АХТАР[66]

Аз сафар бахши ту дар лаб бӯсаи тар оварам,
Аз барои хотират шеъри муъаттар оварам.

Гар дар оғӯшам бигирӣ чун ниҳоли орзӯ,
Меваи ширини ишқи пок дар бар оварам.

Ҳар шабе аз осмони дидаи бехоби худ,
Сӯйи ту як доман ашки поки ахтар оварам.

Аз вуболи ин дили озурдаам андеша кун,
Ташнаӣ гар, як каф оби ҳавзи Кавсар оварам.

Гар шабе бошӣ ту меҳмони дили пазмони ман,
Ман ба бахти меҳрубони хеш бовар оварам.

[66] Ахтар – ситора.

## ЧАШМОНИ ОБӢ[67]

Чашмони обии ману ҷони азобиям,
Ширин чу ангубин шуда лаъли гулобиям.

Як қалби пуршарораи пур аз ниёзи ишқ,
Сад хӯша армуғони дили офтобиям.

Дар боғи сина нахли муҳаббат расидааст,
Чун себи пахтасеб рухи моҳтобиям.

Домони поки ман, ки фақат ҷонамози туст,
Ҳайрону зор бистару ин рахти хобиям.

Доим Саида шоҳиди ҳаҷру фироқ буд,
Вақт аст, то биёиву ӯро биёбиям.

[67] Чашмони обӣ – чашмони кабуд.

## ЗОР ГИРИСТАМ

Дар хок туро додаву худ зор гиристам,
Борон шудаму бар сари ҳар хор гиристам.

Чашми фалак он рӯз ба хун ҷисми туро шуст,
Бо чашми арӯсӣ, ба таги тор гиристам.

Оҳам ба фалак рафтаву дудам ба само зад,
Бо чашму дилу дидаи хунбор гиристам.

Дунё ҳама яксар ба тамошои ман омад,
Бар ҳоли пареши зани афгор гиристам.

Ҷон додани ман бар сари зону-т чӣ буда-ст?
Чун хоҳару чун модари ғамхор гиристам.

Дар кунҷи дилам, донӣ агар, ҷои ту холист,
Бо ёди ту дар кӯчаву бозор гиристам.

Аз ашки Саида ба сари гӯри ту гул руст,
Чун бар сари гӯрат ба шаби тор гиристам.

Шабнам шуда ашкам. Бинигар, то ба саҳаргаҳ,
Сад бор гиристам ва дигар бор гиристам.

## ОҒӮШИ ТАМАННО

Эй боиси бехобии чашмони тари ман,
Бархезу биё зуд, ки холист бари ман!

Бар подшаҳи боғу чаман нома фиристам,
То як гули сурхе биниҳад тоҷи сари ман.

Эй ошиқи овораи тақдир, куҷоӣ?
Боз ой, ки дар роҳи ту боз аст дари ман!

Баргард ба оғӯши таманнои Саида,
Эй ошиқи соҳибдилу соҳибназари ман!

## ҲАРИМИ РӮЪЁ

Гул ба атри ман омез дар ҳарими рӯъёӣ,
О, ба доманам биншон лолаҳои саҳроӣ.

Накҳати шукӯҳамро дар тани ту афшонам,
Хилвате ба ман бинмо дар ҷалоли зебоӣ.

Нарм-нарм ба рӯям зан бӯсаҳо ба шоху барг,
О, раҳо намо як дам аз ғубори танҳоӣ.

Ҷому соғарам бикшо, то шукуфа бикшоям,
Кун раҳо маро як дам аз азоби раҳпоӣ.

Баски интизорам ман аз шукуфа лабрезон,
Шомро шамим афзо бо шукӯҳи шайдоӣ.

Рақсу ишваҳо омӯз бо Саидаи маҳзун,
Мавҷи лола омӯзон бо ҷилои раъноӣ.

## САМАР МЕХОҲАМ

Боғбоно, зи ҳаёти[68] ту самар мехоҳам,
Чидан аз боғи дилат меваи тар мехоҳам.

Ба дили сарду ба чашмони хамӯшам аз ту,
Қарз аз синаи пуршӯру шарар мехоҳам.

Хизри ман, ову назар кун ба хароботи дилам,
Ба хароботи дилам аз ту назар мехоҳам.

Корвон мегузарад, бин, чӣ сабуксайру хамӯш,
Ба ду дунё зи ту шаҳди лаби тар мехоҳам.

Назр кун бӯса ба лабҳои мани бӯсаталаб,
Нақши лабҳои ту ҳар шому саҳар мехоҳам.

[68] Ҳаёт – боғ.

## ЧӢ МЕДОНӢ?

Ту дар гулбазми васлӣ, дарди ҳиҷронро чӣ медонӣ?
Ту дилосудаӣ, туғёну тӯфонро чӣ медонӣ?

Ту, эй сероб аз нӯшобаҳои бӯсаҳои тар,
Азоби ташнагии ишқи сӯзонро чӣ медонӣ?

Дари васли кушоди хеш бикшоӣ ба осонӣ,
Аз ин рӯ бастани ҷовиди паймонро чӣ медонӣ?

Ту аз сӯзу гудози ишқ асло нестӣ огоҳ,
Ту чун ошиқ наӣ, уммеду ҳиҷронро чӣ медонӣ?

Саида ошиқи ӯ то куҷо бошад, куҷо фаҳмӣ,
Ғаму дарди ниҳону сӯзиши ҷонро чӣ медонӣ?

## СИПОС

Он ки хоҳони биҳишт аст, биёяд ба барам,
Аҳли ҷаннат ҳама ҷамъ омада дар бому дарам.

Чашмаи нӯшини ҷонбахш маро дода Худо,
Ҳамд бар Холиқи созандаи ин баҳру барам.

Ҷаннаташ зери қадамҳои мани зор бихонд,
Модарам, мушти парам, тоҷи арӯсӣ ба сарам.

Шукри он Холиқи бахшанда, ки аз бахшиши ӯ,
Нури яздонӣ дурахшад зи ду чашмони тарам.

Чун Саида ба салому ба сипосаш хезам,
Сураи "Кавсар"-у "Ихлос" чу модар сипарам.

## ГАРМУ ОЗАРӢ

Хоҳам, ситораи ту шавам гарму озарӣ[69],
Як шаб маро чу нур ба чашмат фурӯ барӣ.

Ҳамчун фариштае бинишинам ба бистарат,
Оғӯш гирамат ба ҳавас нарм чун парӣ.

Афсуни худ ба хоби ту афсонае кунам,
Хонам маҳин ба гӯши ту шеъри хуши дарӣ.

Хоҳад дили Саида ҳавои дили туро,
Эй марди ишқ, кош, ба гардун маро барӣ!

[69] Озарӣ – оташин, дурахшанда.

## ДИЛИ ҒАМ

Гирифтам хонаи ғамро иҷора,
Дили ғам баҳри ман шуд пора-пора.

Бароям, гуфт, шав моҳи заминӣ,
Бигӯям то туро ман моҳпора.

Намуда хаставу озурдахотир,
Ба по афганд, агар будам савора.

Ба заҳри чашми ғам бемор будам,
Ба ҳолам об мешуд санги хора.

Саида, меҳрубонат баски ғам буд,
Барои ғам ту маҳ будӣ, ситора.

## ТИРУКАМОН ШУД

Аҳволи дилам дид чу булбул, ба фиғон шуд,
Доғи дили ман дид агар лола, ниҳон шуд.

Бишнид чу ощўби ман абри сари гардун,
Селобаи хун рехт, нигар, баҳри дамон шуд.

Чун рӯйи маро дид гулу сабзаву насрин,
Аз ғусса бипечиду гирифтори хазон шуд.

Дардам бишуниду шафақи субҳ, саҳар сўхт,
Садрангии тўфони дилам тирукамон шуд.

# ОФТОБАМ ПАДАРАМ, МОҲТОБАМ МОДАРАМ



*Чаҳорпораҳо*

*Аё, эй давлати бемислу якто,*
*Саъодат металаб, то пар кушоям.*
*Ба мулки бахт, андар кӯйи ободд,*
*Дуъои ту бувад мушкилкушоям.*

## ДУЪО ХОҲАМ

Маро таърих гар дар лавҳи хотир,
Нигаҳ дорад чу як афсонаи хуб.
Чуноне ки маро афсона карданд,
Миёни ҳалқаи ёрони маҳбуб.

Биҳишти рӯйи ин дунёи берӯ,
Маро бошад миёни гулшани шеър.
Агарчӣ нестам он сон сухандон,
Вале бошам чу ҷон андар тани шеър.

Дуъо хоҳам зи сангу хори деҳа,
Дуъо хоҳам зи ҳар хурду калонаш.
Дуъо хоҳам зи ҳар буду набудаш,
Зи пирони далеру дилҷавонаш.

Дуъо хоҳам зи дастонат, Падарҷон,
Зи мулку боғу роғу хонаи ту.
Агарчи хидмате баҳрат накардам,
Зи баҳри ҳиммати шоҳонаи ту.

Аё, эй давлати бемислу якто,
Саъодат металаб, то пар кушоям.
Ба мулки бахт, андар кӯйи ободд,
Дуъои ту бувад мушкилкушоям.

Бубахш андар паноҳи чашмасорон,
Ки оби чашмаҳои шӯху шодоб
Шавад шеъру бирезад бар сари ман,
Ки ҳастам ташнаи он чашмаву об.

Дуъо бахшо, ки ҳастам ташнаи шеър,
Чунон ҳам ташнаам, донӣ, Падарҷон.
Бихоҳам, аз дуъоят файз ёбанд,
Ҳамин абёти зору дидагирён.

Дуъо бахшо, ки сабзад орзӯям,
Шавад рангин мароми гуфтугӯям.
Дуъои ту шавад манро мададгор,
Фақат бошад дуъоят пурсуҷӯям.

**ПИРИ МАН**

Пири ман, як қатра аз хуни туям,
Ман ҷигархунам, чигархуни туям.
Ман ба рӯи қабри ту чун лолаам,
Эй Падарҷон, лолу маҳзуни туям.

Гиряҳо кардӣ барои бахти ман,
Духтари яктои ширини туям.
Дастҳоят мекушудӣ бар дуъо,
Ман гулу себарга, насрини туям.

Ман нишони содарӯйи поки ту,
Эй Падар, ман моҳу парвини туям.
Хотирам аз номи некат баҳраёб,
Зарраат ман, духти[70] ширини туям.

[70] Духт – духтар.

## ПАДАРҶОН

Ҷилои рӯҳу иймонам, Падарҷон,
Азизу марҳами ҷонам, Падарҷон,
Бувад аз ӯ ду чашмонам чароғон,
Фурӯғи қалбу виҷдонам, Падарҷон!

Падарҷон, меҳмони хонадонам,
Падар, парвардигори ҷисму ҷонам.
Дуъоҳое, ки аз бахрам намудӣ,
Намуда сабз боғу бӯстонам.

Падарҷон, номи некатро парастам,
Ман аз нони ҳалолат баски растам.
Дуъоям кун, дуъоям кун, Падарҷон,
Нишони пок аз ҷони ту ҳастам.

## НИДОИ ПАДАР

Дар таваҷҷӯҳи Худои пок ман,
На саҳоба аз дили афлок ман.
Во дареғо, ҳаст ҷурмам беҳисоб,
Кош будам аз гунаҳҳо пок ман.
Аз ниёзу неъмати боғи биҳишт,
Боумедам, гарчи мушти хок ман.
Дар канори хок бояд пок мурд,
Хоки роҳам, боз гардам хок ман...

## МОДАРИ ШАБЗИНДАДОРАМ

Модари шабзиндадорам,
Номусоид рӯзгорам,
Чодари абри сиёҳам,
Чашми гирёни баҳорам.

Ашки чашмам шӯри шӯр аст.
Хонаи қалбам чу гӯр аст,
Бахти ман аз ман рамида,
Чашмаи ашкам булӯр аст.

Модари бехонумонам,
Сӯхтан шуд ҳамзабонам,
Тифлакам дар байни оташ,
Сӯхт мағзи устухонам.

Монда дар хоби гаронам,
Нест ҳолам, нест ҷонам.
Кирмҳои гӯр гӯё,
Хона карда дидагонам.

Лоласон доғ дили ман,
Хунфишон ин манзили ман,
Хок бар сар, хок гардон,
Ғам бирӯяд аз гили ман.

## ЭЙ МОДАРАМ

Эй Модарам, эй Модарам,
Эй тоҷи давлат бар сарам,
Хоҳам, ки бошӣ доимо,
Таскини чашмони тарам.

Аз дардҳоям огаҳӣ,
Аз ранҷҳоям бохабар.
Бо меҳри оламгири ту,
Чизе нагардад сар ба сар.

Олиҳаи беинтиҳо,
Ҳастӣ ту нури дидаам.
Баҳрат навиштам шеъри нав,
Аз ғунчаи ночидаам.

Аз баҳри ман ғам мехӯрӣ,
Аз бахти нопайдои ман.
Ман бахти худро ёфтам,
Огаҳ шав аз савдои ман.

Шояд маро гум мекунӣ,
Имрӯзҳо дар байни бахт.
Гул мекунам дар байни шеър,
Қад мекашам ман чун дарахт.

Ман духтари хушрӯзи ту,
Хушрӯз бош, эй Модарам!
Хоҳам, ки бошӣ доимо,
Чун тоҷи давлат бар сарам.

## МОДАРИ ҶОН

Саховатпеша ҳастӣ, Модари ҷон,
Ба ҷонам реша ҳастӣ, Модари ҷон
Ба назди дӯстони дуру наздик,
Ту бо андеша ҳастӣ, Модари ҷон.

Бигуфтам очаю овоз кардам,
Хаёлан он замон парвоз кардам,
Дилам аз хонаи ҷонам бадар шуд,
Ба поҳои ту пойандоз кардам.

Аё, эй модари ғамгини ношод,
Бикардӣ рӯйи коғаз шеърам обод.
Махӯр минбаъд ғам, эй Модари ҷон,
Ки ҳастам духтари яктои озод.

Биҳишти рӯйи дунё ҳастӣ, Модар,
Ту зеби сад таманно ҳастӣ, Модар.
Ҳамин кофист, баҳри ташнаи меҳр,
Ту уқёнусу дарё ҳастӣ, Модар.

## ТАРОНАИ МОДАР

Модари шабзиндадорам,
Тифли гирён дар канорам.
Ман варо дар қалби зорам
Бо муҳаббат мефишорам.

Тифли ман аз таб бисӯзад,
Ҷони ман имшаб бисӯзад.
Дар гулӯ печида оҳам,
Аллаам дар лаб бисӯзад.

Шаб ҳавои сард дорад,
Кӯдаки ман дард дорад.
Хоб аз чашмам парида,
Моҳ ранги зард дорад.

Дар шаби торику хомӯш,
Тифли беморам дар оғӯш.
Кош, дардашро бигирам,
Ранҷи ӯ гардад фаромӯш.

Тифли ман месӯзад аз таб,
Кай ба поён мерасад шаб?
Оҳ, эй хуршеди фардо,
Мерасӣ кай ханда бар лаб?

Тира дунё дар нигоҳам,
Рӯшноӣ аз ту хоҳам.
Баҳри тифли худ, Худоё,
Ман шифое аз ту хоҳам.

## МОДАРИ ТУ

*Барои духтарам Сайёра, ки дар*
*шабҳои танҳоӣ ҳамеша бо ман буд.*

Ту маро ситора хонӣ,
Ва надонӣ моҳтобам.
Назари хуши Худоям,
Зи диёри офтобам.

Ба тавоф сӯи ман ой,
Нигаҳе ба рӯи ман кун.
Ба ниёз лаб кушуда,
Ту намоз сӯи ман кун.

Ки чу қибла бошамат ман,
Ту маро азизи ҷонӣ.
Ту бидон, ки модарат ман,
Ту барои ман ҷаҳонӣ.

Зи муҳаббати илоҳӣ
Ба мисоли ҳуриёнам.
Ба сари ту, зодаи ман,
Назаре зи нуриёнам.

Ва ман он занам, ки рӯзе
Зи мазори ман бирӯяд
Гули ҳасратам, ки нолон
Ба ту ҳоли ман бигӯяд.

## СИНОИ МАН

Синои ман, фарзанди ман,
Дилбанди ман, пайванди ман.
Эй зодаи ишқу умед,
Ашки ману лабханди ман.

Аз гӯшаи хомӯши шаб,
Оби равон дорад садо.
Бо меҳр гӯям аллаат,
Ҷону дилам обу адо.

Дар хона месӯзам сипанд,
Баҳри ту бо бӯйи умед.
Дар шоми торику сияҳ,
Мехоҳамат бахти сафед.

Осуда хобат мебарад,
Оҳиста дар домони ман.
Ширин табассум мекунӣ,
Дар хоби худ, эй ҷони ман.

Эй ғофил аз танҳоиям,
Эй тифли дунёбехабар.
Дар хоби нози хештан,
Оё ту мебинӣ падар?

Ширин табассум мекунӣ,
Дар хоби худ, эй ҷони ман!
Аз ашки сӯзон ногаҳон,
Пур мешавад чашмони ман...

# СИНАИ ЗАМИН



*Чаҳорпораҳо*

*Сина, эй номи хушат вирди забон,*
*Чун ту ҳастиву тавоно ин ҷаҳон.*
*Сина, меҳроби намозиву шукӯҳ,*
*Сина, эй савту навои қалбу рӯҳ.*

## ДЕҲАИ СИНА

Хӯрдаам оби туро, эй деҳи Сина,
Ҳамчу шир аз синаи модар ба лаззат.
Дӯст медорам туро монанди модар,
Ҳамчу фарзандат кунам як умр иззат.

Духтари озодаи дилдодаат ман,
Бахти сабзам аз баҳорони ту сабзид.
Лолаи меҳри ман аз бахти ту бишкуфт,
Нахли табъи ман зи борони ту сабзид.

Навниҳоли қомати ман гулфишон аст,
Аз баҳори навҷавонӣ дар бари ту.
Сар кашам аз остонат сӯи хуршед,
Соя андозам замоне бар сари ту.

## ДЕҲИ МАН

Эй Синадеҳи[71] ман,
Бар дидаам чу нур,
Тобӣ ба чашми ман,
Монанди боғи ҳур.

Чун осмони соф,
Ҳастӣ ту беғубор,
Чун бахти тоҷикон,
Ҳастӣ ту навбаҳор.

Ҳастӣ дили замин,
Холӣ зи кина аст,
Дар пораи дилаш,
Номи ту Сина аст.

Эй саҷдагоҳи ман,
Саргоҳи ман туӣ.
Эй даргаҳи умед,
Шаҳроҳи ман туӣ!

Ман духтари туям,
Баҳрам чу модарӣ.
Дар байни деҳаҳо,
Дорӣ ту сарварӣ.

[71] Сина – деҳистоне дар ноҳияи Деҳнави вилояти Сурхондарё; зодгоҳи шоира.

## ҚУЛЛАҲО

Орзӯям бируст бо сахтӣ
Аз дили беҳарорати харсанг.
Қуллаҳои мурод меҷӯям
Аз талу теппаҳои рангоранг.

Қуллаҳои хаёли нотакрор
Рӯҳбахшои қалбу нерӯям.
Роз бо духти кӯҳ мегӯянд,
Қуллаҳо – қиссаҳои дилҷӯям.

Қуллаҳо, ки бузургу хушхоҳед,
Нахли орзӯи ман ба бор оред.
Духтари қуллаҳои ошиқро
То ба авҷи калом бардоред.

## ОҲИ ДИЛ

Дар насими вазони хотираам,
Бӯйи нози муъаттари шеър аст.
Ишқи сӯзони пора-пораи ман,
Сад варақ ғам ба дафтари шеър аст.

Дар паси ҳарфҳои ширинам,
Доғи талхи ҳазор рангам ҳаст.
Дар дили кӯҳсори фарҳангат,
Рӯди вахшӣ чу Тӯфалангам[72] ҳаст.

Зодаи вахшиям, аланга занам,
Аз дили хеш рӯ ба рӯйи бод.
Озарахшон ба сони тундар сахт,
Дорам аз сӯзи ҷони худ фарёд.

Синаи модаронаам сӯзад,
Аз дурӯғу дурӯии мардум.
Мекунад дилфигору дилгирам,
Ғайбату айбҷӯии мардум.

Доғам аз хандаҳои бедарде,
Аз ҳисобу китоби номарде.
Аз нигаҳҳои нотавонбинон,
Аз лаби хушк, аз дили сарде.

Аз талоши зиёди мансабхоҳ,
Аз паёпай хушомади гумроҳ,
Аз ҳасад бурдани касу нокас,
Мекашам оҳ худ ба худ ногоҳ!

72 Тӯфаланг / Тӯпаланг – рӯде дар ноҳияи Сариосиё, воқеъ дар вилояти Сурхондарё.

## РАВОНА

*Андар ин шаҳр, шаҳри боронҳо,*
*Бар сарам чатру соябоне нест.*
*Андар ин шаҳр, шаҳри сад миллат,*
*Дар баробарам ҳамзабоне нест...*

*Ҷаъфар Муҳаммад*

Дар танӯри замири сӯзонам[73],
Пайкарам реза-реза ҳезум шуд.
Дар миёни қабои шаҳриён,
Қалби пурорзӯи ман гум шуд.

Оҳ, аз ин шаҳр меравам берун,
Боди шаҳрӣ маро ҳамеронад.
Мардуми носипосу бас мағрур,
Ку сипосе, ки қиссаам хонад?

Атри борони ваҳшии деҳа,
Тарки хушбӯсаҳои ширин кард.
Қалби деҳотии маро хуншор
Шаҳри дилсарду ёри дерин кард.

Боди шаҳрӣ, ки мевазад густох,
Сӯйи гесӯи мисли моҳутам.
Атри ғурбат занад насими шаҳр,
Рӯзи маргам ба рӯйи тобутам.

Меравам ман ду даст дар оғӯш,
Аз диёре, ки рустаам чун гул.

[73] Ишора ба рӯзгори шоира, ки замоне ба кори нонвоӣ машғул буд.

Меравам сӯйи шаҳри ормонам,
Як гули сурхи ишқ дар кокул.

Ашки армони ишқ мелағжад,
Дар нигаҳҳои чашми обиям.
Ғазаби дӯзах аст, мебинам,
Бо дили хастаи азобиям.

Дар диёри қадимаи миллат,
Ташна мирам чу як гули худрӯй.
Шаҳри сармоя аст, шаҳри азим,
Поймол аст ҳар гули хушбӯй.

Меравам, меравам ду дасти ба сар,
Ба диёре, ки парварандаш гул.
Шаҳри ишқу муҳаббату ёрӣ,
Зери зарбедҳои садкокул...

## ГУЛТЕППАҲОИ ДЕҲАИ МАН

*Тақдим ба ҳамдеҳаи азизам,*
*бародархондаи саховатпешам Валӣ Худойназаров*

Гулу гултеппаҳои деҳаи ман,
Чӣ зебо дар назар бошад намудор.
Биё, бингар ба кӯҳи дилрабояш,
Агар ҳастӣ ба зебоӣ ҳаводор.

Биё, бингар ту бо чашми кушода,
Ба ҳар як манзари зебову рангин.
Даме дар деҳаам кун истироҳат,
Барад аз зиндагият ғурбату кин.

Биё, бар чашма акси хеш бингар,
Ҳавои соф андар ихтиёрат.
Тасаввур кун баҳои лоиқи деҳ,
Пас аз он рав ба ҳар ҷо, бахт ёрат!

## СУБҲИ ВОПАСИН

*Ба ёди модаркалонам*

Субҳи шоми вопасинат, во дареғ,
Мӯҳри меҳрат бар дилам бигзошта,
Тарки дунё кардӣ, эй модаркалон,
Хайр, гуфтӣ дасти манро дошта.

Бо ту будам дар фазо чун ахтаре,
Бо ту ман садҳо таманно доштам.
Розӣ будам, шод будам дар ҷаҳон,
Дар талоши бахт ғавғо доштам.

Субҳи шоми вопасинат, во дареғ,
Зӯҳра ҳам хомӯш шуд дар осмон.
Хайр, гуфтӣ дасти манро дошта,
Хайр бо ман гуфт гӯё, ки ҷаҳон...

## СӮГИ БАРОДАР

Як бародар доштам, буд паҳлавон,
Меҳрубону дӯстрӯ, ширинзабон.

Неъмати якто ба зери хок шуд,
Ашкҳоям гашт чун борон чакон.

Модари ман оҳу вовайло намуд,
Қиблагоҳам гашт пиру нотавон.

Ассалом, эй аҳли деҳам Синаҷон,
Ин дили зардоби ман шуд хунчакон.

Ман, ки дурам аз диёри модарӣ,
Дарди хуншори дилам дорам баён.

Аз дили ғарқоби хунам лола руст,
Ранги зардам ҳоли ман созад баён.

Чашмаи чашмони селобам чу хун,
Доғу ғамҳои дилам дорад забон.

Гиряҳоям дашту саҳро тар намуд,
Доду вовайло намудам бо фиғон.

Хонаи бахтам ба рӯям чаппа шуд,
Таънасорам бин, ки бар хурду калон.

Душманонам аз ғамам гул-гул шукуфт,
Синаам садпора аз захми забон.

Хастаю бечораю мискин шудам,
Бепару беболаму беошён.

Нони ман ғам, оби ман шуд ашки шӯр,
Бахти сабзам зуд гардида хазон.

Шуд тамошобин ҳама ёрони ман,
Душманам гулғунча овард арғувон.



## РАҚСИ ПАРЕШОНӢ

Шӯридадил, шӯридасар,
Тақдиру пешонии ман.
Хоҳони қарси дасти бод,
Рақси парешонии ман.

Дар гӯшаи торики шаб,
Бӯсаситони рӯйи ман.
Чашми сафеди кӯри бахт,
Шона занад бар мӯйи ман.

Ҳамду санохонӣ кунад,
Деви шабони дерпо.
Заҳраи мори сад хаёл,
Ҷон гирадам аз дасту по.

Ҳар ғунчадоғи хотирам,
Насрини рӯйи қабри ёр.
Хоки сиёҳи гӯри сард,
Ёри маро карда канор.

Бӯсагули лабҳои ашк
Нақши ду рухсораи ман.
Бӯсагаҳи лабҳои ғам
Қалби дусадпораи ман.

Он қалби бероми ёр,
Дар қалби ин хок орамид.
Сабзаву гулҳои чаман
Аз қалби хоки ӯ дамид.

Бозам расида навбаҳор,
Тақдиру пешонии ман...
Эй бод, бар то кӯйи ёр,
Рақси парешонии ман.



## АФСӮС...

*Ба ёди шоири равоншод Равшани Эҳсон*

Афсӯс мехӯрам, ки бад-он рӯзи вопасин,
Аз мо рабуд марг чун ӯ марди ошно.
Ишқе, ки метаровадам аз чашму рӯйи ман,
Ангезае зи рӯҳи ӯст, мекунад шино.

Он аҳли дард – Равшани Эҳсони ишқ буд,
Андар билоди[74] тираи дилҳои тори мо.
Дилдорие ба дарди дили хаста менамуд,
Бо хотире, ки лаҳзае шӯяд ғубори мо.

Афсӯсу сад дареғ, ки он марди интизор,
Дигар талоши дидани моро намекунад.
Дигар дар ин билоди ғарибони ишқбоз,
Гулбазми шеъру ишқ гуворо намекунад...

[74] Билод – диёр.

## БАРНО

Нозук аз гул буд ҷисми резаат,
Будӣ Барно, будӣ ту зеботарин.
Модари зебои се духтар будӣ,
Будӣ чун маҳпораи рӯйи замин.

Во дареғ аз марги беҳангоми ту,
Рӯйи зебои ту зери хок шуд.
Чашму рӯят бӯса зад хоки сиёҳ,
Рӯҳи покат ахтари афлок шуд.

Се нишонат монда бо дилҳои реш,
Хона карданд манзили бобои хеш.
Рафтиву он доғи армони ту монд,
Синаамро шӯру афғони ту монд.

Аз барои бевафое сӯхтӣ,
Дида бар роҳи вафояш дӯхтӣ.
Гӯри торик хона кардӣ оқибат,
Шамъи иймонат ба гӯр афрӯхтӣ.

## ДУЪОИ ХОҲАР

*Ба ёди бародари азизам*
*Абдусаттори Ҳасани Сайробӣ,*
*ки ғамхори адибону ҳунармандон буд.*

Қалам бар рӯи коғаз ашк мерехт,
Дили хунгаштаам хуноб мешуд.
Тамоми пайкарам аз ғусса месӯхт,
Вуҷуди ман ба ғам ғарқоб мешуд.

Ба ҳоли зори як марди фақире,
Ки рӯзе сарвари шоҳу гадо буд.
Саховатпеша буду ростроҳе,
Ҳамеша бар забони ӯ Худо буд.

Худоё, меҳрубонӣ кун варо ту,
Нигаҳбонӣ намо фарзандҳояш.
Тану ҷони варо аз ғам нигаҳ дор,
Сабурӣ бахш бар дилбандҳояш.

Худовандо, пару боли наваш деҳ,
Ба шоми тираи ӯ моҳ бифрист.
Сабурӣ пешааш бинмо, Худоё,
К-бар ҳолаш гули накшода бигрист.

Миёни дастаи мардони майдон,
Чаро бишкаста шуд болу пари ӯ?
Чаро таркаш намуд фарзанди дилбанд,
Чаро бигзашт ногаҳ ҳамсари ӯ?

Варо ман мешиносам некмарде,
Ки ӯ дар рӯзи сахтам ошно буд.

Варо фарқе набуд бо шоҳу дарвеш,
Ҳамеша дар забони ӯ Худо буд.

Варо ман мешиносам пок марде,
Ки бар ман дода буд ӯ номи хоҳар.
Худовандо, варо аз ғам нигаҳ дор,
Ки маҳзунам ба ҳоли он бародар.



## ВОПАСИН СУРУДИ АБДУСАТТОРИ ҲАСАН[75]

Ҷаҳолат не, разолат не,
Диле пур аз наво дорам.
Дар ин дунёи нooром
Фароғат аз Худо дорам.

Шафоъатбахш ёре чун
Муҳаммад Мустафо дорам.
Бар ӯ ҷонам фидо бодо,
Ки ёре ҷонфидо дорам.

Бароят нури чашмонам
Ду дасти пурдуъо дорам.
Чӣ дорам ман, чӣ дорам ман?
Худо дорам, Худо дорам.

Ба ду дунё агар пурсанд,
Фақат якто Худо дорам.
Туро биспурда бар Ӯ ман
Фақат дасти дуъо дорам.

[75] Ҳолдонҳо ҳикоят мекунанд, ки Абдусаттори Ҳасан дар вопасин лаҳазоти умраш шеъре ба ин мазмун сурудааст.

## СИНА ГӮЯМ...

Сина гӯям, хори ҳиҷрони дилам гул мешавад,
Ашкҳои шашқаторам ашки сунбул мешавад.
Чун бар истиқболи ман дар мекушояд Синаҷон,
Ҳар навоям нолаҳои зори булбул мешавад.

Сина гӯяд гар касе, чашмони ман нам мешавад,
Ашкҳоям рӯи гулҳо ҳамчу шабнам мешавад,
Обро аз чашмаи он деҳа менӯшам, агар,
Ин дили зорам саропо холӣ аз ғам мешавад...



## БАҲОРГУНА

Чор фасли дилам баҳористон,
Шукри ҳақ, лоиқам ба ин қисмат.
Саҷдаи сабзаҳои кӯҳистон,
Мезудояд аз дил ғаму ҳасрат.

Ошиқам ҳамчу Қайс дар саҳро,
Ман чу Лайлӣ ба ӯ, ки дилбандам.
Накҳати атраму гули ваҳшӣ,
Чун шамими ҳазориспандам.

Духтари ҷоннисори рӯъёям,
Сарнагунам ба мавҷи рӯъёӣ.
Сархушам аз шароби шеъри тар,
Ошиқам, ташнамасти зебоӣ...

# ШУКӮҲИ ШУКУФА



*Чаҳорпораҳо*

*Хандаҳои хуршедӣ,*
*Шӯълаҳои маҳтобӣ.*
*Эй шукуфаи эҳсос,*
*Ин қадар ту зебоӣ!*

## МАРО БИҶӮЙ

Маро шинос бо дили бузурги худ,
Маро ба коми ҷовидони худ бихоҳ.
Ба сад забон зананд санг агар маро,
Ба чашми бад кунанд ҳам маро нигоҳ.

Маро шинос ҳамчу ёри маҳваше,
Маро биҷӯ ту чун фурӯғи оташе.
Маро бихоҳ дар замину дар замон,
Чу рӯдҳо, чу мавҷҳои саркаше.

Ба коми ишқи худ бикаш, тавониям,
Нишон ба тахти бахти навҷавониям.
Маро канор гир дар канорае,
Бубахш меҳри худ ба меҳрубониям.

Ман он манам, ки нимашаб кунам сафар,
Ба моҳу ахтарон биафканам назар.
Туро бипурсам аз Худо ба илтиҷо,
Ба китфи орзӯи худ ниҳода сар.

## ИЛТИҶО

Фариштаҳо, сабақ диҳед,
Ба хомаам варақ диҳед.
Ба каф дуъои равшанӣ,
Ба рӯҳи ман шафақ диҳед.

Фариштаҳо, гузар кунед,
Ба ҳоли ман назар кунед.
Ду чашми хираи маро
Ба нур шӯълавар кунед.

Фариштаҳои раҳгузар,
Маро шавед ҳамсафар.
Маро ба хонаи Худо
Баред боз аз дигар.

Маро ба арши бениёз,
Ба мулки рӯзаву намоз,
Ба боғи ҳуриён баред,
Чу ахтари пур аз гудоз.

## ҶУЗ ТУ...

Аз ӯ таманно доштам,
Ҳам ҳусну маъно доштам.
Бо ӯ ҷаҳон гулрез буд,
Сад боғи раъно доштам.

Аллоҳ, маро ёрӣ бикун,
Андак ту ғамхорӣ бикун.
Дар кӯчаи бечорагон,
Ҳам ёрӣ, ҳам дилдорӣ кун.

Бингар, Худоё, хастаам,
Дар гӯшае биншастаам.
Аз баҳри як бечораат,
Дилро ба ғам пайвастаам.

Ман худ ғарибу бекасам,
Помоли ҳар хору хасам.
Шӯридадил, шӯридабахт,
Дар зери пойи нокасам.

Ҷуз ту маро ёре набуд,
Дилро ба кас коре набуд.
Манро ту ғамхоре будӣ,
Бар дӯши ман боре набуд.

Ман шукри номат мекунам,
Ҳар субҳу шомат мекунам.
Дар бешу дар нодориҳо,
Шукри каломат мекунам.

## БОРИ ДИГАР

Бори дигар баҳор меояд,
Аз тароват шукуфад ошӯбам.
Қабзаи зулфро кунам ҷорӯб,
Хонаро баҳри ёр мерӯбам.

Бори дигар баҳор меояд,
Ҳамраҳи ёри рафта бо армон.
Боз месозамаш варо банда,
Мекунам осияш дусад чандон.

Гесувонро ба атри боронӣ,
Медиҳам ихтиёри бӯсидан.
Гунаҳоям ба ламси хуршеданд,
Ғунчаҳоям барои рӯйидан.

Ин баҳор аз тароватни қалбам,
Лолаҳои сафед мерӯянд.
Ошиқони мананду бо ормон,
Қиссаҳоям ба моҳ мегӯянд...

## ШУКӮҲИ ШУКУФА

Эй тахайюли зебо,
Гул ба мавҷи дарёӣ.
Эй зулоли мавҷи нур,
Эй хаёли рӯъёӣ.

Хандаҳои хуршедӣ,
Шӯълаҳои маҳтобӣ.
Эй шукуфаи эҳсос,
Ин қадар ту зебоӣ!

Дар мазори қалби ман,
Лолаҳои алвонӣ.
Ранги заъфарон дорам,
Мекунӣ гулафшонӣ.

Фасли лолаҳо бигзашт,
Аз шукуфа лабрезӣ.
Боғи сарнавиштамро,
Ҳамчу нахли зархезӣ.

Дар шабе, ки зулмонист,
Ту шарораи рӯзӣ.
Дар сукути яхбаста,
Менамоӣ гулдӯзӣ.

## ЛАҲЗА

Мавҷҳо ғунуд яксар,
Ҳасратам хазон резад.
Хок бар сари ман бод,
Шаҳду заҳрам омезад.

Равзани дилам пурдуд,
Хотирам ғуборолуд.
Ашк ранги хун дорад
Нолаам надорад суд.

Об бурд чашмамро,
Чашмҳоям обӣ шуд.
Рӯю мӯю абрӯям
Шоми моҳтобӣ шуд...

## ГУЛИ БЎСА

Гули бўсаи ту сурх аст
Чу лабони ангубинат.
Чӣ базебу босалобат
Қаду басти дилнишинат.

Ба накўият бимирам,
Чӣ қадар ту меҳрубонӣ.
Зи миёни садҳазорон
Ту чӣ хубу дилситонӣ.

Эй ба чашму дидаам ҷо,
Ба ҳазораҳо ту ёрӣ.
Зи барои бўсаҳоят
Бимирам зи беқарорӣ.

Басалобатӣ, чу кўҳӣ,
Ту таронаӣ, шукўҳӣ.
Гули ташнаи раҳат ман,
Ту ҳаловатӣ, ту рўҳӣ.

## ҶӮЯМАТ

Ҷӯямат як шаб канори рӯдбор,
Нарм пурсам аз ту матлабҳои ту.
Бар лабони ташнаам хоҳам чу гул,
Шабнами покиза аз лабҳои ту.

Зери моҳу ахтари шабзиндадор,
Бо ту будан баҳри ман буд орзӯ.
Нарм-нармак кошкӣ бо бӯсае,
Чун сабо бинвозиям бо атру бӯ.

Нӯш аз қаъри вуҷуди ташнаам,
Меҳрро аз қалби зан идрок кун.
Гир дасти ин зани девонаро,
Гар тавонӣ, аз гунаҳҳо пок кун.

Зери гардун дар паноҳи ахтарон,
Бо ту хоҳам буд, эй марди далер!
Маст шав аз атри гесӯи тарам,
Чун насими шӯх оғӯшам бигир!

Бодаи ишқ аз нигоҳи ман бинӯш,
Ишқро аз қалби ман идрок кун.
Дасти ман, дасти зани гумроҳ гир,
Гар тавонӣ, аз гуноҳам пок кун!

## БАҲОРИ ОЛАМАФРӮЗ

Баҳори оламафрӯзе буду зулфам парешон буд,
Вуҷудам он замон чун муғҷаи нахли гулафшон буд.
Ба Деҳи Сурхат охир месуруд дарё суруди ман,
Шабе буд моҳтобӣ, ахтарон чун ман дурахшон буд.

Маро афсун намуд он ҷо ҳамон лабҳои хушгӯят,
Ки додам ихтиёри хешро бар дасту бозуят.
Ҳамоно бод моро менамуд он ҷо муборакбод,
Намедонистӣ, эй ҷонам, ки буд он шаб, шаби тӯят.

Биё, ҷонам, ки ман он сеҳри чашмони ту мехоҳам,
Намудам ошиёни хеш бар ҷони ту мехоҳам.
Бикуштам ҷамъи ошиқҳои дилрешам ба пои ту,
Қасам бар хуни онон, аҳду паймони ту мехоҳам.

## РӮ БА РӮ

Лабташна рӯ ба ҷониби рӯйи ту дошам,
Дар марзи қалб донаи меҳри ту коштам.
Аз тобу таб вуҷуди маро ларза мегирифт,
Чун сар ба рӯйи синаи ту мегузошам.

Дар чашми хеш акси ман он лаҳза доштӣ,
Бо меҳр рӯйи саҳфаи дил сар гузоштӣ.
Аз шадда-шадда шеърҳои мармарии худ,
Нақше ниҳон бар дилу қалбам ту коштӣ.

Эй хӯшачини шеъри ман, эй марди бахтхоҳ,
Минбаъд мебарам туро бар шеъри худ паноҳ.
Бар қуллаҳои қалби ту ман такя мекунам,
Ҷойи туро ба дил диҳам бар саҳфаи нигоҳ.

Дар чашми хеш акси маро менавохтӣ,
Бо сӯзи хеш ҷони маро мегудохтӣ.
Аз дафтари таронаи ман кафтари ҳавас,
Дар осмони хотираи ишқ сохтӣ.

Эй хӯшачини шеъри ман, эй марди бахтхоҳ,
Шуд шадда-шадда ҳарфи ман аз ту, Худо гувоҳ!
Сармасти ишқ, кош, шавӣ аз суруди ман,
Хоҳам, туро ба сояи шеърам диҳам паноҳ!

## ҲАМНАФАС

Аз дурахши ашкҳоям софтар,
Меҳри волои туву паймони ту.
Мерабояд ҳар замон ақли маро
Сеҳри оташгунаи чашмони ту.

Лаҳзаҳо хомӯшу музтар мешавам,
Рӯ ба рӯят лолу гумроҳу ҳазин.
Медиҳам аз даст ман домони сабр,
Аз шакарлабхандаҳои дилнишин.

Ҳеҷ нуқсонат намебинам ба чашм,
Нур резад аз латофат рӯйи ту.
Шаҳди гуфторат чӣ гӯям дар масал,
Дар дилам чун буттаи худрӯйи ту.

Дар раҳи ишқу ҳавас, эй ҳамнафас,
Шодию ғамҳост пай андар паям.
Ғоибу ҳозир ба ҳар ҷо доимо,
Бо ту бероромаму аз худ наям.

Аз ҷабинам рӯшноӣ медамад,
Метаровад нури дил аз рӯйи ту.
Дар нигоҳат сӯзи ҳасрат хуфтааст,
Бингарам бо чашми ҳайрат сӯйи ту.

Аз пайи ту рафта ақлу ҳуши ман,
Раҳ ба раҳ аз чӣ зи худ гум мешавам?
Рашки сӯзон аст домангири ман,
Ӯ чу оташ, ман чу ҳезум мешавам.

Рахна дар ҷонам занад паймони ту,
Ту чаро паймона гирӣ беҳисоб?
Чеҳраатро бингарам бо чашми дил,
Хонаму омӯзамат ҳамчун китоб...



## ШУКРОНА

Дӯст дорам қиссаву афсонаро,
Ҳамчуноне, ки ба халқ афсонаам.
Бок не, номам гар аз тӯҳмат бад аст,
Шодам аз он ошиқи якдонаам.

Шодам аз он ки қалам мерезад ашк,
Рӯйи коғаз қатрае аз хуни дил.
Мекунад сирри ниҳонам фош ӯ,
Чун тасалло аз ғами афзуни дил.

Одамон аз хишти бӯҳтон дар ҳаво,
Қасри ғайбатро бароям сохтанд.
Кокулонамро ба ғайбат бофтанд,
Дар ҳақам овозаҳо пардохтанд.

Мардуми бадгӯйи беандеша зад,
Домани поки маро доғи сиёҳ.
Бо алам акнун ба оби дидаам,
Мекунам ман хешро соф аз гуноҳ.

Ҳеҷ парвоям намеояд дигар,
Аз дурӯғи ростмонанди рақиб.
Марҳам аз хокистари сӯзони ишқ
Мекунам захми диламро чун табиб.

Давлати яктои ман ишқ аст, ишқ!
Масти ишқи хеш мегардам мудом.
Дар замин, дар ин биҳишти ростин,
Зиндагиро менамоям эҳтиром.

## ҲАСРАТ

Ҳайф бар ман, ки надониста туро,
Ҳадафи ишқ намудам дили худ.
Ҳайф, ҳайфо, ки бубахшидам зор,
Дили ғоратшуда бар қотили худ.

Ҳайфи он лаҳза, ки чун дӯст туро,
Сӯйи худ хондаму ҳамроз шудам.
Гиря кардам, ки туро дил бастам,
Бо гиреҳи дили худ боз шудам.

Ҳайфи он дам, ки дили ман месӯхт,
Аз нигоҳе, ки туро пӯё буд.
Тан пур аз шарари миҷмари ман,
Оташи ишқи туро ҷӯё буд.

Ҳайфи худ мекунаму гиряи талх,
Ки шудам додаи паймони дурӯғ.
Ҳайфи гулбоғу дилу дидаи ман.
Ҳайфи дил хонаму ашъори Фурӯғ.[76]

Кам наям аз ҳама ин будани хеш,
Ишқи ман беш талошад ҳама вақт.
Ҷойи дил ҷойи ҳамон акси ту аст,
Ҷойи ҷон ҷони ту бошад ҳама вақт.

Ҳайфи он лаҳзаи ҷовид, ки буд,
Вопасин шӯр дар афсонаи ишқ.
Ҳайфи он лаҳза, ки мондам дигар
Зор пушти дари кошонаи ишқ.

[76] Фурӯғи Фаррухзод.

Во дареғо, ки насанҷида туро,
Ҳадафи ишқи ту кардам дили худ.
Ҳайф, ҳайфо, ки бубахшидам зор,
Дили ғоратшуда бар қотили худ.



## АГАР БО ТУ БУДАМ...

Агар бо ту будам, чӣ сон месурудам,
Чӣ хуш мебаромад паёму дурудам.
Ту номеҳрубонӣ, ту номеҳрубонӣ,
Туӣ мотами дил, либоси кабудам.

Агар бо ту будам, будам гул ба кокул,
Будам масти дунё чӣ шак, бетааммул.
Туро чун бубинам, бихушкад дилу ҷон,
Бароят сароям, бинолам чу булбул.

Агар бо ту будам, будам масти дунё,
Мусаффо равона будам мисли дарё.
Кунун оби кӯлам, зи қисмат малулам,
Ки дурам зи дурру гуҳар, ганҷи дунё.

Агар бо ту будам ба он хонаву дар,
Ба подшоҳии ман кӣ мебуд баробар?
Ту номеҳрубонӣ, ту номеҳрубонӣ,
Ту ҷӯёи бахтӣ ба дигар, ба дигар.

Агар бо ту будам ба шабҳои ялдо,
Ба ту мекушудам ҳама рози дилро.
Миёни ҳазорон камам чун бидонӣ,
Ту номеҳрубонӣ, манам бе ту танҳо.

## ХУДО ДОНАДУ ДОНӢ

Аз ишқ ҷабинам
Пурнур ҳамеша.
Чашмони хуморам
Махмур ҳамеша.

Аз дур хаёлат
Ширину гуворост.
Гесӯи маҳинат
Зебову дилорост.

Бо ҳавсала сӯзон
Дорам дили ошиқ.
Баҳри ту, ки бошӣ,
Кай ошиқи мушфиқ?

Бо ёди ту сӯзон
Хокистари ишқам.
Эй ахтари ишқам,
Эй ахгари ишқам!

Бар захми дили ман
Ту марҳами ҷонӣ.
Гар зинда биёбам-т,
Худо донаду донӣ!

## ТАШНА

Аз ҳавои дилам маҳин имрӯз,
Накҳати навбаҳор меояд.
Сӯяш аз рӯди нури ёди дур
Завраҷе бо савор меояд.

Сӯйи ин зан, зане, ки мудом ӯ,
Ташнаи обҳои рӯъёист.
Ташна андар висоли марди фақир,
Ломакону ғарибу беҷоест.

Андар ин фасли роҳати муғча,
Орзӯ шоха-шоха гул резад.
Андар он боғ, мардумашро бин,
Бӯйи гулро ба мушк омезад...

Ханда дорам чу лолаи ваҳшӣ,
Аз насиму навозишу бодаш.
Дасти марди асилро бӯсам,
Ки зи тӯфон сиришта бунёдаш.

Ташнаи обҳои рӯъёӣ,
Дар нигоҳам намояд ангора.
Ташнаи васли ман расад аз дур,
Раҳ ба раҳ ӯ ғарибу овора.

Шаҳпараквор во кунад оғӯш,
Муғчаро дар канор мегирад.
Дар бари ёри беқарори хеш,
Дили ман ҳам қарор мегирад...

## ЧУН ФАРИШТАЕ

Эй Мард, эй садоқати шеърам, биё, ки ман,
Ҳар шаб зи ашк ахтари зебо кашонамат.
Бо нархи ҷон пазирамат, бо нури чашми худ,
Дар қасри бошукӯҳи муҳаббат нишонамат.

Офардигори шеъри ман, о чун фариштае,
Бо рӯҳи ҷовидонаат парвоз мекунам.
Аз қаъри қалб дар шаби танҳоиям туро,
Бо сад нидои ҷонгудоз овоз мекунам.



## СУРӮШИ ҒАЙБ

Сукути дардҳои як занест ин,
Ки сахтҷону талхкому ҳарзагӯст.
Ибодати фариштаҳо ба осмон,
Ғунудани ситораи фитода ӯст.

Сукути қисматест пур зи оҳи дил,
Хамӯшии лабони бевамодарон.
Хурӯши ғайб аз мазори сарди зан,
Ғиреву нола сӯйи арши бекарон.

Ҳадиси поки дасти бевамардҳост,
Калиди ҷаннат аст, қалби модар аст.
Сурӯши[77] ғайб оядам, ки дасти зан,
Суъудгоҳи[78] Меҳру[79] Моҳу ахтар аст.

[77] Сурӯш – нидо, садои ғайб.
[78] Суъудгоҳ – фурудгох, ҷойи нишаст.
[79] Меҳр – офтоб.

## НИДОИ ШУКУФАҲО

Эй нахли орзӯи ман, эй меваҳои хуб,
Ангезаи навозиши дастони меҳрубон.
Эй фасли сабзи ишқ, нидои шукуфаҳо,
Эй бӯсаҳои дузд, бимонед ҷовидон!

Эй чашмҳои хираи як марди покрав,
Оғӯши баркушудаи хомӯшу безабон.
Эй офтоби хандаи як марди бомдод,
Хоҳам, ки дар ҷаҳон ҳама монед ҷовидон!

Эй нахли орзӯи ман, эй меваи умед,
Ангезаи навозиши дастони меҳрубон!
Эй фасли сабзи ишқу суруди шукуфаҳо,
Эй бӯсаҳои дуздии нақшини ҷовидон!

## ДУНЁИ ҶОВИДОН

Он лаҳза хуш бувад маро шоме ба хилвате,
Марде ба рӯи зонуи ман дарди дил кунад.
Лабрези сӯзи ишқ, нигоҳаш ба сӯи ман,
Сад санги хoраро дами оҳаш хиҷил кунад.

Густурда рахти ноз барояш зи лахти ҷон,
Гардам ба ӯ фурӯ чу ба дунёи ҷовидон...



## ГУЛХАН

Қиссаи ман дарозу бесомон,
Қиссаи ишқу қиссаи армон.
Марг аз ишқи пок метарсад,
Ишқи ман зиндагии бепоён.

Шеъри ман розҳои танҳоист,
Шеъри ман дар талоши иқбол аст.
Шеъри ман бо забони дил гӯё,
Шеъри ман ғунчаи лаби лол аст.

Ошиқи чашмаҳост чашмонам,
Ошиқи рӯзи босафоям ман.
Бо дили содаи пур аз андӯҳ,
Ошиқи ёри бевафоям ман.

Ҳастам он зан, ки сӯйи дидораш
Меравам, меравам саъодатхоҳ.
Дар қадамгоҳи ишқи бепоён
Сар ниҳам бар ҳама ибодатгоҳ.

Ёри дур аст дар дилам наздик,
Аз ҷудоии ӯ намемирам.
Оташи ишқи покаму як рӯз,
Дар дили ӯ аланга мегирам.

## ТУРО МЕХОСТ

Лабони гарму табдори туро, эй марди оташтаб,
Шабе аз хилвате пурсидаму аз боди саҳрой̣.
Чу як маҳбубаи дилхоҳи оғӯши ҳавас будам,
Ба ёдат муғҷа бастам, пур шудам аз мавҷи зебой̣.

Намудам тарки дунё, дар нафосат ғарқ гардидам,
Дар оғӯши хаёлат гум шудам дар мавҷаи исён.
Хаёлан бӯсаҳоят кашф мекард зиндагониям,
Туро мехост лабҳо, чашмҳоям, рӯю мӯ яксон.



## ТУ РАССОМӢ

Ту рассомӣ, ба ёдат ҳаст оё,
Ҳамон рӯзе, ки кафтар мекашидӣ?
Ҳамон рӯзе, ки расмамро ба меҳре
Чу кафтар рӯйи дафтар мекашидӣ?

Ба тасвири ту будам навниҳоле,
Ки нав гул кардаву сабзида зебо.
Ба тасвири ту будам наварӯсе,
Ки бо нозу адо пӯшида зебо.

Ба тасвири ту будам шоду хандон,
Ду чашми пурхуморам буд беғам,
Ки он дам дар канори меҳрборат
Ҷавониву баҳорам буд беғам.

Вале аз бевафоии ту акнун
Нигоҳам хаставу ҷонам дар оташ.
Фақат тасвири ман сӯйи ту то ҳол
Бихандад содаву ширину дилкаш.

## БА СОНИ ТӮФАЛАНГРӮД

Худо як аст, ҳар сафар,
Ба сӯйи ту, ба рӯйи ту,
Ба чашми ту, ба мӯйи ту,
Нуҳуфта мекунам назар.

Ба сони нуриёни дур
Ҳамеша дорамат ҳавас.
Дилам ғариб метанад
Аз ишқи ту ба ҳар нафас.

Ба чашми хеш хоҳамат
Туро чу барқ, чун зиё.
Ба сони Тӯфалангрӯд,
Ба сӯйи ман биё, биё!

## БӮСАИ БОРОН

Эй осмон, таронаи боронии ту ку?
То оварад ба рақс дили ташнаи маро.
То тар шавад ба бӯсаи борон лабони ман,
То ҳар нафас ҳавову ҳавас гирадам фаро.

Ман ташнаам ба бӯсаи борони ишқи пок,
Дар рӯзҳои сӯхта аз сӯзу оҳи хеш.
Эй осмон, кучост ягон пораабри ту,
То соябон кунам ба сари бепаноҳи хеш!



## ТУ ШЕЪРИ МАН

Чу ҳарф чидаам туро,
Таби ту тоб медиҳам.
Манам гули ту, шеъри ман,
Туро гулоб медиҳам.

Ту шеъри баргузидаӣ,
Ту нури ҳар ду дидаӣ.
Ту хуштарин хаёли ман,
Ту шоҳбайти чидаӣ.

Ту симу дурри беҳтарин,
Ту шӯълаҳои ахтарин.
Ту шеъри ман, ту шеъри ман,
Ба ту ҳазор офарин!

Азизӣ ту барои ман,
Ба чашми ман шарораӣ.
Ту шеъри ман, ту шеъри ман,
Фурӯғи сад ситораӣ!

Туӣ, ту шеъри ишқи ман,
Ту нури дил ба дидаӣ.
Ту хуштарин хаёли ман,
Ту қӯшабайти чидаӣ!

**ЯК ЛАҲЗА...**

Чашмам ба чашми ошиқи ман бархӯрад агар,
Лабрез аз ҳавас шавам бо шавқи барзиёд.
Ҷони азизи хеш ба ӯ ҳадя мекунам,
Як лаҳза мебарам алами зиндагӣ зи ёд.

Як лаҳза бемулоҳиза хурсанд мешавам,
Як лаҳза мешукуфаму лабханд мешавам...



## НИГОҲИ СИТОРА

Мехонам ояҳои дил аз дарди талхи хеш,
Ғамнок дар сукути шабонгоҳи тирарӯ.
Ошуфта бо хаёли ту ман гуфтугӯ кунам,
Ногуфта дар дилам ҳама армону орзӯ.

Сӯзам ба ёди бӯсаи сӯзони ту ҳанӯз,
Дар шомҳои тираи аз ту ҷудоиям.
Аз чашми рӯз чеҳраи худ мекунам ниҳон,
Дар хилвати аламзадаи бенавоиям.

Хоҳам, ки аз ту барканам уммеди ишқи хеш,
Дар сояи каси дигар аз нав барам паноҳ.
Ё дар ҳаво ситораи оворае шавам,
Сӯйи ту бо алам нигарон афканам нигоҳ.

## МАРО НАНГ АСТ

Ҳамон чашмони шодоби ҳавас чашмони ман буданд,
Даме, ки ҳар нигоҳи чашми ту сӯям ҳаросон буд.
Даме, ки нақши бӯса аз лабонат ҳадя мекардӣ,
Лабонам гӯиё аз оташи ҳаҷри ту сӯзон буд.

Туро дорам кунун эй Мард, эй сарчашмаи шеърам,
Фаромӯшам кунун дунёи танҳоии беранг аст.
Намепарҳезам аз оғӯши ҷонбахшат, биё сӯям,
Ба кунҷи дур з-оғӯшат агар донӣ, маро нанг аст.



## ФУРЎҒ[80]

Ало, эй духти Эрон,
ахтари танҳои саргардон,
Ба авҷи осмони шеър
оҳи синаи мардон.

Ту боли сад фаришта,
олами рўъёи зебоӣ,
Тароватбахши рӯҳу қалб,
беҳамтову яктоӣ.

Фурӯғи илму фарҳангӣ,
Фурӯғи моҳи рахшанда.
Фурӯғи чашми занҳо,
шўълаҳои гармибахшанда.

Фурӯғи шеъри оламгиру
нури дидаву дилҳо,
Чароғи ишқи рахшоне,
Фурӯғи шамъи маҳфилҳо.

[80] Фурӯғи Фаррухзод – шоираи маъруфи эронӣ дар асри гузашта.

## МАЪЗУР МЕДОРӢ

Ба шифти хонаат, эй посдори мазраъи[81] ишқам,
Ба рӯзи навбаҳорон лона созам чун парастуе[82].
Туро ҳамхона гардам, чун надорам чораи дигар,
Халосат то намоям ман туро аз сеҳру ҷодуе.

Ту дорӣ ҳамсари дигар, маро дер аст дилдорӣ,
Бикун мақбул парастувор як умре вафодорӣ.
Агарчӣ наварӯсиям гузашт дар хонаи бе ту,
Арӯси ишқи покат ин манам, маъзур медорӣ...



[81] Мазраъ – зироъатгоҳ, киштзор.
[82] Парасту – фароштурук.

## ХОБ

Он пайкари азизу шафиқе, ки месуруд,
Ҳар шом қиссае ба ман бо рӯҳи дилнавоз.
Як пайкари шафиқ зи дунёи ғайб буд,
Андар суҷуд такя дошт бо чашми пурниёз.

Дастони сеҳрноки ӯ болои дафтарам,
Ашъори чидаи маро бо бӯса об дод.
Пайдо кунам чу мӯъҷиза ӯро ба ғайри шаб,
Ӯ буд, к-аз ниҳояти ғайбам шароб дод...



## ШОМИ НОЗ

Ман мепарастам аз дилу ҷон шоми нозро,
Шабҳои пурситораи лабрези розро.
Хоҳам, ки меҳрубони азизам ба сӯзу соз,
Бинад ба нимашаб ба нигоҳам ниёзро.

Дар кӯчаҳои нимашабон боз хоҳамаш,
К-аз рӯшанӣ ду дидаи ман дилфиреб буд.
Лаб бар лабаш ниҳам, диҳамаш мастии ҳаёт,
Чун он шабе, ки бод пур аз бӯйи себ буд.

Ку он канорачӯ, ки канори шаби умед
Хонам дубора қиссаи ишқам ба гӯши ӯ.
Дар осмони шаб ба раҳи Каҳкашон барам
Эй кош, дар барам ҳама ҷӯшу хурӯши ӯ.

## ҶОНАМОЗИ ТУ

Хоҳам умре аз они ман бошӣ,
Бодаи ишқи ту намоям нӯш.
Бар лабони ту бӯсаҳо бахшам,
Рӯйи дастони ту равам аз ҳуш.

Эй хушо, ки гум шавам умре,
Ман дар оғӯши ҷоннавози ту.
Саҷда орӣ ба домани покам,
Ман шавам кош ҷонамози ту...



## РӮЪЁ

Миёни мавҷаи тӯфоннавозе куфрҷӯ будам,
Миёни панҷаҳои изтироболудаи шайтон.
Миёни бозувони марди рӯъёе зи шавқу шӯр,
Ба исёну гунаҳ кардам варо ман сахт саргардон.

Чунонам ӯ зи рӯҳи осии ман сахт метарсид,
Варо то кӯчаҳои даҳшатангези гунаҳ бурдам.
Чу дарде сахт афшурдам тамоми пайкари ӯро,
Ба ӯ дар ҷодаҳои хилватангезе панаҳ бурдам.

Варо мадҳуш бинмудам ба шаҳди соғари шеърам,
Ба ӯ аз чашмаи шайтониҳо бас об нӯшондам.
Зимистон буду ман чун ҷомаҳои хоби рӯъёӣ,
Рухи поки варо бо синаҳои хеш пӯшондам...

## ҚУЛЛАИ ИХЛОС

Марде, ки соғари майи нурам дароз кард,
Аз осмони ишқи ман, аз нуриён бувад.
Ӯ аз табори оташу фарзанди рӯшанӣ,
Ӯ тоҷик, аз фурӯғи дили ҳуриён бувад.

Ӯ Юсуфи ман асту Зулайхои ӯ манам,
Ӯ ҳадяи муҳаббати яздонии ман аст.
Ҳамроҳи ӯ ба қуллаи ихлос мерасам,
Ӯ рӯҳи поку саҷдаи иймонии ман аст.



## НОМИ АЗИЗИ ТУ

Дар пештоқи қасри дилам, бо хате латиф
Номи азизу поки туро сабт кардаам.
Ман кишвари муқаддаси қалби ҳақирро
Бо номи ту, азизи дилам, забт кардаам.

Иймон биёварам ба ту, эй ҳамзабони ман,
Эй шоири азизи дилу дидаам, биё!
Эй рӯд, эй таронасарои баҳорҳо,
Баҳри ту чанд ҳарфу ҳиҷо чидаам, биё!



## МИЁНИ ҚАТРАҲОИ АШК

Миёни шаҳри лабҳоят ту гум кардӣ лабонамро,
Ба арши меҳри волои дили худ баркашонидӣ.
Миёни шаҳрҳои бошукӯҳи бӯсаҳои хеш,
Насими оби Замзам дар лабони ман чашонидӣ.

Фишори бозувони ту маро то авҷи гардун бурд,
Вуҷуди нозукам аз ман куҷое дар гумонам рафт.
Чиҳо кардӣ маро, эй мард, кай донам, чиҳо кардӣ?
Тани худро ба ту бахшиданӣ будам, ки ҷонам рафт.

Маро ту сахт коҳидӣ дар ин шаҳри парешонӣ,
Маро ту дард бахшидӣ, туро шарбат чашонидам,
Маро бо бӯсаҳои худ фурӯ бурдӣ ба коми дил,
Миёни қатраҳои ашк бар ғуслат кашонидам...

## НЕСТ ПАЙДО...

Нест пайдо, нест лабҳое, ки ман
Бо фишори орзӯ ҷӯям ба ком.
Нест пайдо лаҳзаҳое, бигзарам
Аз вуҷуду ҳастию аз нангу ном.

Нест пайдо ошиқи шайдои ман,
То барояш маҳвашу зебо шавам.
Фориғ аз пасту баланди зиндагӣ,
Дар биҳишти орзӯҳо ҷо шавам.

Нест пайдо он лабони ташнае,
То ки бо гулбӯсааш ҷӯям ба ком.
Нест пайдо лаҳзаи шавқаш, ки ман
Бигзарам аз хештан, аз нангу ном...

## БОРОН КУҶОСТ?

Борон куҷост, атри фараҳбахши осмон,
Резад ба рӯи сафҳаи дарди ниҳони ман.
Шояд бад-ин навозиши борони нимашаб,
Осуда гардадам дилу чашму лабони ман.

Ман ташнаам ба бӯсаи борони нимашаб,
Ман гушна дар навозиши он дасти офтоб.
Хоҳам ба нимашаб, ба гаҳи хоби лаҳзаӣ,
Борони бӯса ҳадя кунад ҷоми моҳтоб.



## СУКУТИ ШАБ

Сукути шаб фаро расид,
Ҷунуннамост ҷони ман.
Куҷо насими дилнавоз,
Куҷост дилситони ман?

Миёни пардаи ҳарир,
Зи лахти шеър бистарам.
Ба дидагони интизор,
Падид гашта ахтарам.

Миёни ҷомаҳои хоб,
Нуҳуфтанист ҷисми ман.
Биё, биё, ба шӯри дил,
Чу нимаву чу қисми ман.

## ШӮЪЛА

Дидагони шеърамро
Бо шарора равшан кун.
Навбаҳори ишқамро
Бо шукуфа гулшан кун.

Хонаи Худоям бар,
Куштаи шаҳидам кун.
Ҳамчу моли қурбонӣ
Хайри рӯзи идам кун!

Дар мазори қалби ман
Ишқро зиёрат кун.
Дар замин ба зону зан,
Ояте қироат кун.

## ЛОЛАРЕЗ

Чу баҳори лоларезам,
Чу замини мушкбезам.
Чу фариштаи заминӣ
Бинигар, ба саҷда хезам.

Чаман аз нафосати ман
Зи ҳасад ҳазорранг аст.
Сари сахти Маҷнун имрӯз
Ба назокатам ба ҷанг аст.

Ба ҷаҳони дилрабоӣ,
Агар имтиёз дорам,
Ба ҳама назокату ноз
Ба лабат ниёз дорам.

Лаби худ малес, эй мард,
Ки ба он ин ҳавас надорам.
Ба ҷуз он Юсуфи якто
Ҳавасе ба кас надорам.

## БА СУРАТИ ФАРИШТАЕ

Ба сурати фариштае
Туро тавоф мекунам.
Туро қиёс мекунам,
Ба байти нонавиштае.

Ба қасри ояҳои ишқ
Биё, нишонамат ба ноз.
Ба ҳурмати ибораҳо,
Ифодаҳои пурниёз.

Биё, ки аз замири ҷон,
Навозамат, гудозамат.
Ба сони як малак туро,
Бисӯзамат, бисозамат.

Ба сурати фариштае,
Туро тавоф мекунам.
Туро қиёс мекунам,
Ба байти нонавиштае.

## АЗ МАНИ ШАЙДО

Ишваи ман, ҷилваи ман, нози ман,
Нолаи ман, гиряи ман, сози ман,
Забт намуда дили шайдои ту,
Шеъри тару шираи овози ман.

Нағмаи дарди дили айёри ман,
Карда туро мунису ғамхори ман,
Аз мани  шайдо натавонӣ ту рафт,
Ёри ману дилбари дилдори ман!



## ҲАВОИ ДИЛ

Оҳ, мешармам аз шабе, ки туро
Аз паси сояҳо садо кардам.
Шармам ояд аз он шаби мастӣ,
Худ надонам, ки ман чиҳо кардам!

Шармам ояд аз он шабе, ки ба шавқ,
Пеши пойи ту дар суҷуд будам.
Марди ман, марди олами рӯъё,
Аз ту ман бо ҳама вуҷуд будам.

Ман нахоҳам, ки бигсалам аз ту
Риштаи меҳри гарми рангинам.
Аз канорам канора ҳеҷ магир,
Аз чӣ гӯӣ, ки қалбсангинам!

Хоҳам аз ҷоми ишқ нӯшидан
Ормонҳои дарднокатро.
Оҳ, хоҳам, ки болу пар бахшам
Орзӯҳои ишқи покатро!

## САДОИ ТОРИКӢ

Накӯмарде, ки ӯро дӯст дорам,
Ба сӯяш бо нигоҳам бӯса борам.
Агар ёбам варо танҳои танҳо,
Канорам гираму сахташ фишорам.

Чӣ хуш будӣ, агар пайдош кардам,
Миёни орзӯву ормонам.
Чӣ хуш будӣ, ба китфи ӯ сарамро
Даме осуда аз дунё бимонам.

Кучо бошад, кучо ин марди роҳам
Ба дунёи ҳавасҳои фиребо?
Кучо бошад, ки сармасташ кунам ман
Шабе бо атри гесувони зебо?

Хаёли рӯшани он мард ҳар шаб
Ба чашмам гарм созад хоби ширин.
Дили ман метапад, чун ёдаш орам
Ман аз андешаҳои дуру дерин.

Ба пазмонии сарду тираи хеш
Кашам ӯро ҳамеша интизорӣ.
Садое ояд аз торикии шаб:
Чаро танҳо ту ӯро дӯст дорӣ?

Умеди он накӯмарди хаёлӣ
Маро ҳар шаб бигирад гарм оғӯш.
Маро хоҳам фишорад ӯ чунон сахт,
Равам якбора дар оғӯшаш аз ҳуш.

## ТУРО ПУРСИДАМ АЗ БОД

Висоли гарми табдори туро, эй марди меҳрафрӯз,
Ба хилват хостам, пурсидамат аз боди саҳрой.
Чу як маҳбубаи дилкаш ба оғӯши ҳавас рафтам,
Ба ёдат муғча бастам, пур шудам аз мавҷи зебой.

Туро девонавор аз лолаҳои дашт пурсидам,
Ба ҷойи ту мани сармаст нӯшидам лаби ҷоме.
Бароят парниён шуд бистаре аз пайкари як зан,
Зани осии беноме, ки бошад ташнаи коме.

Шудам обу адову аз нафосат баҳр гардидам,
Дар оғӯши хаёлат гум шудам пас бо ҳама исён.
Туро дарёфтам аз орзӯи хештан охир,
Лабони бӯсахоҳам бӯса зад ёди туро сӯзон!

## БАРОИ Ӯ

Бингарам сӯйи тулӯъи офтоб,
Ҳар саҳар номи азизе дар забон.
Дар нигоҳам менамояд гарм-гарм,
Чеҳраи як ошно, як меҳрубон.

Дар дилам афсона мебофам ҳанӯз,
Ман ба ёди ӯ ба дунболи хаёл.
Бар дили ман гарчи наздик аст ӯ,
Бошадам дидораш аз дурӣ муҳол.

Шарм медорам аз ӯ аз ишқи хеш,
Чашми ман меҷӯядаш ҳар сӯ ниҳон.
Раҳ ба раҳ овораву зор аз насим,
Ман аз ӯ пурсам нишоне дар ҷаҳон.

Менамояд аз сароби дашти ишқ
Дар нигоҳи ташнаам андоми ӯ.
Хоҳамаш ширин ба коми хеш боз,
Дар лабони худ бибӯсам номи ӯ.

## ЯК ШАБ

Он марди меҳрубон, ки шабе то саҳар суруд
Ширин барои ман алами ишқи пургудоз.
Он Марди роҳ буд зи дунёи дигаре,
Бо чашмҳои содаву софу пур аз ниёз.

Дастони гарми хеш ниҳода ба дафтарам.
Бо бӯса ҳарфҳои маро нарм об од.
Сармасти ишқ кард дигар ҷовидон маро,
Ӯ буд, к-аз сурохии ғайбам шароб дод.



## ХИЗРИ ИШҚ

Зинат диҳам ба бӯса вуҷуди азизи ту,
Эй Хизри Ишқи поки ман, эй Марди комҷӯ!
Бар остони поки ту меоварам суҷуд,
Гул парварам барои ту дар роҳи орзӯ.

Ман бо нигоҳи содаву озодаам туро
Чун духти ташнамаст бихонам ба коми хеш.
Охир шаҳиди Ишқ шавам ман ба ҷойи ту,
Номи туро ниҳам ба мазорам чу номи хеш...



## НАСИБ

Баҳори пуршукуфаам шавад насиб,
Шабе, ки аз ту гарм ёд мекунам.
Канори меҳрубони хеш аз барам
Чу мебарӣ, дар он вафот мекунам.

Ба хилвате агар миёни боғи гул
Насиби ту шавад ҳамин лабони ман.
Ба дил нахостан набошадам дигар,
Фидои ту ба пуррагист ҷони ман.

Агар даме биҷӯямат туро ба ком,
Гузар кунам ман аз ҳаёву нангу ном.
Бипаз вуҷуди ман дар оташи дилат,
Ки меваҳои чидаам ҳанӯз хом.

Агар шабе ба меҳр чун малоика
Барои ман ту хилвате ҷудо кунӣ,
Ба тахти бахт чун малика хониям,
Маро хуш аз саъодати Худо кунӣ!

## ТАЪНА

Қалби ман обу қалби ту санг аст,
Дар нигоҳат ҳазор найранг аст.
Неку бадро ба ҳам биомезӣ,
Меҳри ту кина, сулҳи ту ҷанг аст.

Бар дилам мезанӣ чаро наштар?
Дам маро мекашӣ ту чун аждар.
То тавонӣ ба заҳр олоӣ,
Шаҳди коми маро чу афсунгар.

Оҳ, хоҳӣ маро кунӣ бадном,
Ё ба зар, ё ба зӯриву зорӣ.
Кай ман онам, ки аз ту бигрезам,
Гарчи хасми маниву маккорӣ!

## ГУЛИ ХУДРӮЙ

Дареғи номаҳои норасида,
Дареғи номаҳои ношунида!
Дареғи идҳои бе ману ту,
Дареғи усмаҳои нокашида!

Вазид аз пуштаҳои сабзи Ромит,
Насими ишқ дар боғи дили ман.
Вале кардӣ баҳорамро хазонрез,
Азизи ман, аё, доғи дили ман!

Туро мехост чашмони хуморам,
Вуҷуди ман пур аз ишқу ҳавас буд.
Туро мехостам чун бахти ҷовид,
Вале хушбахтии ман як нафас буд.

Ба гесӯи парешони ман, эй ёр,
Навозишҳои дастони ту монда.
Чу оташ дар таги хокистари ғам
Ба қалби зорам армони ту монда.

## ТАХАЙЮЛ

Дар олами хаёл бидидам биҳиштро,
Боғи дилам шукуфт чу гулбоғи орзӯ.
Ҳамрозу ҳамнавову ҳамово шудам даме
Бо булбулони аршии масти фасонагӯ.

Саршори Ишқи пок ба андешаҳои нек
Гаштам ба мӯъҷизоти Худованд рӯ ба рӯ.
Дидори нурбори бузургони Ишқро
Дидам ба чашми хеш сари роҳ сӯ ба сӯ.

Кош, эй Саида, оҳи туро бишнавад Худо,
Ой дучори ёре чу Юсуф фариштахӯ.
Хонӣ ҳамеша ҳамчу Зулайхои Ишқи пок
Афсонаи ғариби дили худ ба гӯши ӯ.

## НИЁЙИШ

Бо малоик як даме ҳамхонагӣ хоҳад дилам,
Ман Худои меҳрубонамро ҳамеша бандаам.
Бо гуноҳам қаҳрӣ, аммо бо савобам ошно,
Ошиқи Яздони покам, дар ҷаҳон то зиндаам!

Дар намозу рӯза хоҳам рӯзгорам бигзарад,
Орзӯи домани поки малак дорад дилам.
Дар намози шом сӯйи моҳ меорам суҷуд,
Ормони бахти равшан аз фалак дорад дилам.

Дар забонам ояҳои сабзи Қуръони маҷид,
Дар қатори бибиёни пок бошам номгӯ.
Чодарамро аз сарам боде нахоҳад бурд ҳеҷ,
Кош, бошам рӯзу шаб аз нури иймон комҷӯ!

## ШУКРОНАИ ДИЛ

Намепарҳезам аз бахши Худованд,
Аз ин дил, ин дили девонаи хеш.
Худоеро, ки ӯро дод бар ман,
Ҳамеша мекунам шукронаи беш.

Маро кофист ҳусну дилрабоӣ,
Маро кофист нанги дӯстонам.
Агар нозе бубахшояд Худо боз,
Ба як афсун ҳазорон дил ситонам.

Надорам дӯст ҳаргиз ман касеро,
Ки бошад дидааш тангу дилаш танг.
Ман онам, ки ба оҳи синасӯзам
Ба фарёд оварам охир дили санг.

Ба ғайбатгӯии кас кори ман нест,
Набошад ошиқиямро ягон нанг.
Бихоҳам, ишқи ман афсона гардад,
Сарояндаш ба сад овозу оҳанг!

Намебахшад, намебахшад дили ман
Ба чизе ҳеҷ ишқи озаринро[83].
Дилам хоҳад ба боли хеш охир
Саросар пар занад чархи бакринро.

83 Озарин – оташнок, оташин.

# ГЕСӮИ ТАМАННО



*Ашъори озоду сапед*

*...Туро аз гӯшаи боғи биҳишти шеър хоҳам ҷуст,*
*Ба чашмат роз хоҳам гуфт.*
*Туро ман аз сиришти шеър хоҳам ҷуст...*

## ГЕСӮИ ТАМАННО

*Барои Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ*

Хаёлан шӯриш ангезам,
Ба ин дунёи зулматзо,
Ба сони шӯъла бистезам,
Шавам як қатраи ашку зи чашмони тарат резам.
Зи байни як чаман шеъру ғазал
бар пой бархезам.

Чакам ғамгину дардангез
Чу борон бар бару дӯшат.
Бихонам шеърҳои дарду ҳиҷрону фироқ оҳиста бар
гӯшат.
Бубинам сабру тамкинат,
Сукунатҳои хомӯшат.

Зи худ рафтам
Худоё,
Нолаву оҳам.
Қасам бар ҷони мискинам,
Ки некӯям.
Гули хушрӯву худрӯям.
Басо ҳам сайди дилҷӯям,
Чу оҳуям.
Диле гарм аз муҳаббатҳо намоён аст дар рӯям.

Тулӯъи меҳрро дарёб,
Ки дар чашмони ман пайдост.
Тамошо кун ҷаҳони ишқро,
к-он қудрати яздони беҳамтост.
Тамошо кун ҷаҳони беканореро,
Ки берун аз сифат зебост.

Гулистонам,
Пурам аз мавҷи рангу бӯ,
Биёву боғбонам шав.
Биё, он сон
Ба покиям кашону роздонам шав.
Саропо хаставу бемору ночорам,
Биё, дармони ҷонам шав!

Фароям ову ҳамчун як насими навбаҳор оғӯши худ бикшой!
Фидоӣ бош!
Ки рӯзе дер хоҳад шуд,
Ба мисли хандаҳои вопасини офтоби дар ғуруб афтода сӯят раҳсипар ҳастам,
Ту дур аз ҳар ҷудоӣ бош!

Чу моҳии тилоям, интизори шаст биншаста
Ту ову з-интизориҳо раҳоям кун!
Наоӣ, бишканад нахли умеду ормони ман,
Маро бори дигар бо ман биёву ошноям кун!

Таманно мекунам он лаҳзаро бар ту:
Азизи ман,
Ҷаҳонро, ин ҷаҳони кӯру карро оқибат
зебоиҳоят пахш хоҳад кард.
Миёни гулшани шеъри Аҷам хушбахт хоҳӣ шуд,
Ҷаҳони гунгро шевоиҳоят пахш хоҳад кард.

Ва ман ин ҷо, ки дур аз ту
Ба сӯйи ту назар дорам,
Миёни ин тахайюл,
шеъри тақводори олӣ сайр хоҳам кард.
Туро аз гӯшаи боғи биҳишти шеър хоҳам ҷуст,
Ба чашмат роз хоҳам гуфт.
Туро ман аз сиришти шеър хоҳам ҷуст.

## БАР ХУД ФУРӮ БАРЕД

Эй ҳосили навид,
Эй ёдҳои сабзу гулафшони ошиқӣ,
Эй ҷомаҳои ишқ, мани хастарӯҳро
Бар худ фурӯ баред!

Эй нағмаҳои поки ғазалхони шоирон,
Гар қодиред, ҷони пур аз захми бандаро
Аз сӯҳбати ғализи ғанимон раҳо кунед,
Гар қодиред, то чаманистони орзӯ,
Яъне, ба шаҳри булбули хушгуфтугӯ баред!

Шаҳбайти тоза хонамаш
Дар гӯши боғбон,
Бар боғҳои хурраму хушрангу бӯ баред!

Набвад писанд ҳеҷ
Оҳу фиғону нолаи ҷонкоҳи ошиқон...
Ин ҷони хастаро
Бар соясори марди накӯву шикастанафс
ва бообрӯ баред!

Маскан диҳед ҷони ғариби Саидаро
Бар Синаи шарифу мусаффову беғубор,
Бар шаҳри босалобати сад орзу баред!

## ЯГОНА

Дар нимароҳи хотира,
Дар нимаҳои шаб,
Бо қалби нима-нимаи зорам
Бо тобу таб
Ҷӯё шудам туро.
Танҳо шудам барои ту,
Зебо шудам туро.
Бо ишваву карашма
Фиребо шудам туро.
Ҳар шаб пур аз шарора
Таманно шудам туро.
Дилхуни ман туӣ,
Маҳзуни ман туӣ,
Маҷнуни ман туӣ,
Лайло шудам туро.

Чун нури чашми хеш маро
Дар раҳи вафо
Кардӣ ту бебаҳо,
Якто шудам туро,
Дунё шудам туро!

## ЭЙ ХУДО

*Барои писарам Сино*

Худ гувоҳӣ, ки дили кӯчаки ӯ,
Аз ғаразҳо холист.
Шукри Ту,
К-аз ту буда ҳама хайроти накӯ.
Эй Худо, ҳеҷ набигзор варо,
Яккаву хаставу бемор варо.

Хонаи ишқи Ту дар синаи ӯст,
Меҳри Ту дар дили бекинаи ӯст.
Худ кушо роҳаки ҳамвор варо,
Эй Худо, ғайри ту ку ёр варо?

Ту варо осию гумроҳ макун,
Ҳеҷ гаҳ шоҳ макун,
Роҳ бикшой бар ӯ,
Ошиқу дилдода намо,
Тифлаки маъсуми маро
Содаву озода намо.
Корсозо,
Ёд бидеҳ кор варо,
Дур бидор аз дари маккор варо!

Караматро ту аз ӯ ҳеҷ набигзор дареғ,
Эй Худованди карим,
Бош мададгор варо!
Ёр варо,
Мунису ғамхор варо!

## ХАЁЛИ ЗЕБО

Як шоми пурнишот
Ки осмон ба шакли
Олами софи зулоли шаб
Чун аз ниёзи неъмати
Афсона пур шавад,
Он моҳи шомхӯрда
Ба амсоли ин дилам
Ғарқи хаёли тозаву
Побанди нур шавад,
Чун модари ситорагон
Мавҷи насими шаб
Бошад танини сокиту
Бо меҳр аллагӯ,
Он ҷо ба рӯи зонӯям
Бошад сари азизи ту.

Эй ошиқо, шунав
Дастони ман
Шона шавад дар мӯйҳои ту.
Ойинаи хаёли ту
Бӯсад лабони ман
Ҷони ту сад ҳазор бӯса
Ситонад зи ҷони ман.

## ЗОДАИ ДАРЁ

*Эҳдо ба нозанини Садо ва Симо Сурайёи Норман*

Зодаи дарё ту ҳастӣ,
Мавҷҳоятро парастам.
Пуртароват,
Пурлатофат
Мезанӣ мавҷ...

Ту саховатпеша,
Боандешаӣ.
Ёд хоҳам кард
Чашмҳои меҳрубонатро,
Остонат,
Ормонатро.
Чунки ту бо қалби дарёи вафо ҳамрешаӣ.

Бар ту бо чашми ҳасад не,
Бар ту бо чашми ҳавас
Доимо дорам нигоҳ.
Ҳеҷ як фарде надидасту надид,
Рӯйи зебои турову номи некӯи туро
Чун чашмам, оҳ!

## БО “ОФТОБИ ШАҲРИ ДИЛ”[84]

*Барои нависанда Искандар Мирзо*

Зиндагӣ,
Боз чӣ мехоҳӣ,
Аз ман,
Ки басо гунаҳкорам.
Мебарӣ аз миён рӯзе
Ту манеро, ки дӯстат дорам.

Ин гуноҳ аст
Магар, ки афсунам
Ошиқам ончунон
Ба маҳфилҳо,
Сайди дилҳо.

Зиндагӣ,
Ту фиреби зебоӣ,
Ҳарчӣ будиву ҳастӣ,
Маро гуворой.

Гуноҳ табассум кард,
Сӯйи ман хандид.
Насим бӯйи гунаҳ дошт.
Замона қаҳрӣ буд,
Ӯ ба ман механдид.
Гунге меранҷид.
Об қатра пинҳон кард.
Ташна буд лабони ман.
Шабнам рух ниҳонам дошт.
Атрҳо хушкиданд.

---

[84] Ишора ба повести Искандар Мирзо.

Моҳ ситораро
Мехӯрд.
Хилват меандешид.
Сукут чу гунге буд.
Эҳсос карахту
лоле буд.
Виҷдон маро
Ба санг мезад.
Ӯ бо чӣ сон
Ҳоле буд...



## ҚАТРА

*Барои шоир Абдулло Раҳмон*

Атри мавҷи Тӯпаланг
Дар мӯйи ман
Шабнами борони раҳмат буду лек
Сабзаҳои чашми ман
Дар ашку хун жӯлида ноҳинҷор буд.

Шеъри ман бо шӯри дарё
Дар тамоси хос буд,
Кӯри модарзод дар эҳсос буд.
Кулли дунё мешунид армони ман,
Мебаромад дуди ғам аз ҷони ман.

Буд музтар
Рӯҳи поки ҳар бузург
Рӯди пурамвоҷи илҳомам ба шӯр омода буд,
Меҳри пуртуғёни ман
Чун кӯри модарзода буд.

Аз нигоҳи чашми пурэҳсоси марде
Руста-руста,
Аз нав эҳё мешудам.
Ҳамчу булбул аз замири қалб гӯё мешудам.

Айб, он ҷо гар диле
Чун мавҷи дарё пок нест,
Гар бузурганд одамонаш,
Ҳеҷ аз ин бок нест.

Мавзун аст авҷи нигоҳаш дар ҷило,
Маҳзун аст авҷи навояш дар фазо.
Шеъру фарҳангаш хуш аст,
Ҳар як оҳангаш хуш аст.

Ошиқу масти ҳамон кошонаам,
Ки парастад шеъри ман
Қаъри пуртуғёни дарёяш.
Рӯшании дашту саҳрояш бароям хона бод,
Рӯшании қалби ӯ бар рӯҳи ман кошона бод!



## ЭЙ МАРГ

Эй марг,
Бузургии ту ягона
Бемеҳру бешафқат
Бишкастӣ ту қалбам
Пару болам.

Ҳукми ту равост
Ҳамаро, шоҳу гадоро,
Пуркинаву худбинӣ.

Таслими ту ҳастанд
Ҳама ёрони накӯном.
Андеша надорӣ
На дар субҳ, на дар шом.

Фарзанди яке бурдаӣ барвақт
Ё модари ӯро рабудаӣ
Бевақт.
Ё ёри вафодори варо
бурдаӣ
Аз дунё...

Аз гиряи мотамзадагон
Хандидаву болидаву
Бас рақс намудаӣ.
Бар оҳанги разилона
Ки аз хандаи ту
Бишкуфт гули армон
Дар синаи онон.

Чашмони ту носер,
Басо кӯру палиданд.
Онон, ки рабудастӣ зи олам
Чӣ дидаанд?

Чӣ кунам,
Ва ман ҳам, ки одамизодам
Аз дасти ту рӯзе
Равам бе по
Аз дунё.



## ЧАШМАИ ИШҚ

Тӯпаланг
Бо ангезиши хуни дилам
Омехт
Ва сероб шуд.
Воқифи рози ниҳонам
Гаштаву хуноб шуд.
Он шаб
Он ҷо моҳ қаҳр карду рафт
Ва шом
Бемоҳтоб шуд.
Чой дар зарфи чинӣ
Баҳри меҳмонии ман
Бо тақозои ҳаёт заҳроб шуд.
Сайр кардам
Дар фазои пурғубор
Чарх гарду хок шуд, гирдоб шуд.

Шонаи зулфи парешонам
Ба дасти бод буд.
Ман дар оғӯши хароботе
Фитодам бедарак.
Мурғи илҳом
Ранҷид аз ман
Ва ба шӯру дод буд.

Ғам маро ҳамҷӯр буду
Дарди ман
Бас зӯр буду
Чашмаи Ишқ
шӯр буду
Дидагонаш кӯр буд.

## ОРЗӮИ МАҲТОБӢ

*Ба Инсони некдил ва фарҳангдӯст, бародари азиз Чоршанбе Гулбеков, ки дар чопи ин китоб кӯмаки худро дареғ надоштааст.*

Эй чашмаҳои поку мусаффои қалби ман,
Эй шӯълаҳои нури Худованди меҳрубон!
Эй хуни гарми ман,
Эй шеъри носурудаи эҳсоси безабон!

Ду боли офтобиям охир ато кунед,
Аз ман маро ба ҷониби гардун раҳо кунед!
Як моҳтоби ғамзадаам дар замин, дареғ!
Дар осмон маро,
То ҷовидон маро
Сайёраи паропари пур аз зиё кунед,
Пур аз садо кунед!

Ман бо шумо ба шаҳри азиме, ки ормон,
Онҷо муқим гаштаву инак, намекунад
Фикре зи бозгашт ба шаҳри мусофирон.

Пойи намозӣ,
Ҷониби он шаҳри беканор,
Дар каф дуъои хайр,
Дар чашмҳо ниёз,
Дар лаб калима, сӯи ҳамон ёри бевафо
Ки хайр кардааст
Бар ҷони ман ҷафо
Бебозгашт меравам
Бо ӯ, аз ӯ ҷудо...

## ДАР СИНААМ БАҲОР

Дар синаам баҳор
Ошуфтатар зи лола ба саҳро дамидааст.
Бастам ба кокулони худ
Гулпунаи сафед.
Бо сад умед ӯсма ба абрӯ кашидаам.
Бо мушк шустаам саропо вуҷуди хеш,
Поку намозӣ, ояти ишқ аст дар забон
Эй саҷдагоҳи қиблаву эй нури дидаам.

Эй кош, вақти шом
Вақти ғунудан ба дили шоми ошиқон,
Ё кош, дар сапедадами мурғи орзӯ,
Як лаҳза, як нафас
Пайдо кунам туро,
Бо ҳар фиребу сеҳру фусуни занонаам
Шайдо кунам туро.

Дар синаам баҳор
Шӯридатар зи муғчаи бобуна рустааст...

## ОҲ, ЭЙ КОШ

Кош, гӯшамро навозад
Бо азони бомдод
Ҳар саҳар аз дур овози Падар!

Кош, рӯҳамро навозад
Дар намози бомдод
Бо дуъои нур овози Падар!

Оҳ, аз нав бошам, эй кош,
Кӯдаки гаҳворабанд,
Духтари ширин, гули нози Падар!

Кош, ӯ аз нав бихонад
Дар буни гӯшам азон.
То шавам ман боз дамсози Падар,
То шавам ман боз ҳамрози Падар!
То ба роҳи бахт аз нав бишнавам
Чун садои ғайб овози Падар!

## ХАЁЛИ ЗЕБО

Як шоми пурнишот,
К-ин осмони соф ба шакли зулоли шаб
Аз розу аз таронаи мастона пур шавад,
Он моҳи шомхӯрда ба монанди ин дилам
Аз нури бекаронаи афсона пур шавад.

Ман дар хаёли дур,
Ғарқи зулоли нур
Чун модари ситораи навзоди осмон
Бо меҳри гарми хеш
Лолоии[85] умед сароям барои ту
Бо лаҳни гарми хеш.
Бошад сари азизи ту дар зонувони ман,
Дар нури ишқ печ занад гесувони ман.

Эй ошиқи дилам, бишунав достони ман,
Бо дасти меҳр шона ба мӯйи ту мезанам.
Ман дар фурӯғи ойинаи тозаи хаёл
Ширин ҳазор бӯса ба рӯйи ту мезанам,
То ҷони ту ба ҷони ман оташ барафканад,
То ишқи мо шарора ба рӯйи ҷаҳон занад!

[85] Лолоӣ – алла.

## ҚИССАИ ЯК ШАБ

Шабе буд, як шаби некӯ,
Ки моҳи осмон
Рӯшантар аз шабҳои дигар буд,
Ба бетобии дил табҳои дигар буд
Ва ман меҳмони як марди Худо будам,
Ба ӯ пайваставу аз худ ҷудо будам.
Буд он марди Худо зеботар аз будаш,
Нигоҳи меҳрубонаш дошт
Ғами волотар аз будаш.

Ҳамон шаб
Дар дили он хона болафшон
Ба хушбахтии ман мурғи Ҳумо омад,
Ба китфи ман парафшон аз само омад.

Қадаҳ аз бодаи шеъри дарӣ бо ҳам бинӯшидем,
Шудам сармасти ҳар як нуктааш,
Бо ҳам биҷӯшидем.
Ба ҳар як ояи поки Худо дар ишқ
Ба гӯшу ҳуши ҷон
Бо ҳам бикӯшидем.

Ҳамон шаб
Кошкӣ,
Мебуд бепоён,
Варо ман
Ҷовидон оғӯш мекардам.
Ба армони биҳиштӣ
Оташи дӯзах
Хомӯш мекардам.

# ЧОР ТОР



*Рубоиёт, дубайтиҳо, қитъаҳо ва фардиёт*

*Эй шеъри ман, эй нағмаи афсунгари ман,*
*Мастона қадам ранҷа намо аз дари ман.*
*Ман масти висолу зи ту ошуфтатарам,*
*Хуш омадӣ чун давои дарди сари ман!*

## РУБОИЁТ

Мастона қадам ранҷа намо аз дари ман,
Эй масти фаромӯшу хиёнатгари ман!
Ман масти висолу зи ту ошуфтатарам,
Эй шеъру таронаҳои афсунгари ман.

***

Китфони туро фаришта гирад ба канор,
Қосид шаваду хабар барад аз мани зор.
Дар рӯи раҳат нишаставу гиря кунам,
Ашки дидаам бувад чу борони баҳор.

***

Бо рафтани худ дили маро ғамзада кун,
Дунёро ба дидаам ту мотамзада кун.
Боз ову ба қалби ман бияфрӯз чароғ,
Лабҳои маро ба бӯса шабнамзада кун.

***

Сайрам бираведу ба сайри Сайроб равед,
Як лаҳза таи чанори ӯ хоб равед.
Пайғом баред бар дили ҳавзаи об,
Моҳӣ бишаведу бар дили об равед.

***

Чашмони туро ду чашми ман карда Ватан,
Хоҳам ба ту рафтан ба дили боғу чаман.
Баъд аз маргам ба мушк шӯ ҷисми маро,
Хоҳам, ки худат маро бипӯшонӣ кафан.

***

Ишқи дили ман ба марди пир афтодаст,
Он пир басо, ки беназир афтодаст.
Ғайр аз ман ошиқони ӯ бисёранд,
Сад шукр, ба ман пир асир афтодаст.

***

Ман меҳри туро ба ҷонам андоза кунам,
Шавқу ҳавасат ба даҳр овоза кунам.
Оғӯши туро ба атри ишқу ҳавасам,
Монанди насими навбаҳор тоза кунам.

***

Афсонаи зебои туро гӯш кунам,
Ғамҳои дилам каме фаромӯш кунам.
Гар шарми занонаам туро тарк кунад,
Хезам ба бағал сари ту оғӯш кунам.

***

Сина ватани ман асту ман ёд кунам,
Бар ёди Ватан нолаву фарёд кунам.
Ҳар бор равам, хок биёрам зи Ватан,
То гӯри ғарибі хеш обод кунам.

***

Маҳзуну ғарибу мурғи бе болу парам,
Хуноба бирезад аз ду чашмони тарам.
Ҳар гаҳ зи азизонам агар ёд кунам,
Ман хоб бинам ду чашми чори падарам.

***

Ман деҳаи Сина гӯяму об шавам,
Дар ашки ду чашми хеш шодоб шавам.
Сина чу маро ситорааш мехонад,
Аз шодӣ ситора неву маҳтоб шавам.

***

Сад шукр ба ин Ватан, бар ин ободӣ,
Сад шукр ба ин неъмату ин озодӣ.
Сад шукр ба ин ҳама, Худоям дода,
Ин лафзи хуши ман аст модарзодӣ.

***

Ёраб, ту мани ғариба шарманда накун,
Ҳаргиз зи худат ба дигаре банда накун.
Ғамгину ҳазин намо чу як ошиқи зор,
Як лаҳза дилам аз ишқи худ канда макун.

***

Лаззат зи  таровати баҳорон бубарам,
Аз хирмани гул тоҷ гузорам ба сарам.
Шодам, ки маро як падари деҳқонест,
Обод бувад дилам чу боғи падарам.

***

Эй шеъри ман, эй нағмаи афсунгари ман,
Мастона қадам ранҷа намо аз дари ман.
Ман масти висолу зи ту ошуфтатарам,
Хуш омадӣ чун давои дарди сари ман!

***

Ман ошиқи бадноми фалон мебошам,
Бо ин ҳама сӯзи ҷовидон мебошам.
Чун гул шукуфам агарчи бинам рӯяш,
Бо ӯ гаҳи пирӣ ҳам ҷавон мебошам.

***

Эй ёри азиз, ман аз ту домангирам,
Чун н-омадаӣ, шикаставу дилгирам.
Чун духтаракони ваҳшии дарёӣ,
Фарёд занам ба ҳастии тақдирам.

***

Зебо дили ман чӣ шӯру исён дорад,
Чун мавҷи дамон шӯришу туғён дорад.
Номардӣ макун, ба зери по н-афтонаш,
Чун шеър ҳазор тифлаки гирён дорад.

***

Донӣ, ки зи ту фақат вафо мехоҳам,
Дарси адаби пур аз сафо мехоҳам.
Медонӣ агар ин дили маҷрӯҳи маро
Як лаҳза ба дарди ӯ даво мехоҳам.

***

Вораста ба ишқ  манзили ободам,
Дар байни чаман навгули модарзодам.
Донам, ки маро агар ту дӯст медорӣ,
Ин ҷону дилам фидо намудам, додам.

***

Шеъри хуши ман нолаи булбул бошад,
Ҳар байти хушам таровиши гул бошад.
Дунёра бубин биёву бо чашми дилам,
Бин, лола чӣ дар канори сунбул бошад.

***

Он беватану булбули саргашта манам,
Хоҳони ватан гаштаву баргашта манам.
Ин беватани ғариб бо санг занед,
Ки он нахли  пур аз меваи хамгашта манам.

***

Ҷуз байти накӯям лаби хушгӯ дорам,
Мушку абиру ман атри хушбӯ дорам.
Аз боғи биҳишт duздида дорам ду анор,
Аз бахши Худо биҳишти дилҷӯ дорам.

***

Ҳаргиз ту таманно макун аз шавҳари хеш,
Он ошиқи зори ман бувад бо дили реш.
Аз ӯ ту агар ҳазор фарзанд дорӣ,
Як бӯсаи ман барои ӯ аз ҳама пеш.

***

Фарзанди накӯи ҷумла миллат бошӣ,
Дур аз ҳама ҷурму нуқсу иллат бошӣ.
Дар боғи латофат адаб бошӣ чу сарв,
Кош, соҳиби бахти пурфазилат бошӣ.

***

Дар боғи падар нахли гулафшон бошӣ,
Бо нуру зиё партави рахшон бошӣ.
Фарзанди азизу нури чашмони ҳама,
Чун мурғи ҳумои мо парафшон бошӣ.

***

Ман модараму ҳукми худодам ҳаст,
Хушбахт манам, ки фикри озодам ҳаст.
Бадбахт туӣ, ки хуни мардум нӯшӣ,
Аз ҷабру ситам гиряву фарёдам ҳаст.

***

Дар рӯи ду зонуи зане  чун мирӣ,
Хушбахту ягона розӣ аз тақдирӣ.
Мисли ту накӯ набвад андар ду ҷаҳон,
Қулфи дари ҷаннат ту ба дастат гирӣ.

***

Ҳар субҳ ба ёди бӯсаҳоят хезам,
Хоки раҳи ту чу орд гирам, безам.
Дар назди ту шарм меравад аз рӯям,
Оби рухи худ ба оби дарё резам.

***

Дар деҳаи мо чаро ягон қозӣ нест,
Аз кори ту бин, чаро дилам розӣ нест?
Ту зан дорӣ, ду љуфт булбул дорӣ,
Ғафлат наравӣ, ҳаёт ба ту бозӣ нест!

***

Ту пораи  бахти як замон гум шудаам,
Аз баҳри висол шахси маҳрум шудаам,
Боз ой агар, бихоҳӣ бошам бо ту,
Эй ошиқи бегуноҳи мазлум шудаам!

***

Аз чашми  сухангӯи ту ларзад дили ман,
Аз ашки ту сабза сар занад аз манзили ман.
Аз хандаи ту ҷаҳони ман ханда кунад,
Як чора бикун баҳри дили моили ман.

***

Аз шодии беғаши Падар ҷӯшонам,
Ман содагии хеш намепӯшонам.
Фахрам, Падаре дораму ӯ ҳам деҳқон,
Болам, ки ҳамон Саидаи Эшонам.

***

Аз бӯву таровати замин бохабарам,
Аз хирмани гул тоҷ гузорам ба сарам.
Шодам, ки маро як Падари деҳқонест,
Обод бувад дилам чу боғи Падарам.

***

Гул болину сабза бистарам, Ёр, биё,
Борон зи ду чашмони тарам, Ёр, биё!
Ошӯби гул аст ханда бар лабҳоям,
Эй кабкаки хушхони дарам, Ёр, биё!

***

Эй хок, ки заррае зи бунёди туям,
Шаб то ба саҳар нахуфта бо ёди туям.
Як рӯз расад, маро ту оғӯш кунӣ,
Озор мадеҳ, ки нахли ободи туям.

## ДУБАЙТИҲО

Ба дарди ман даво кун, Модари ман,
Маро аз нав ато кун, Модари ман.
Маро аз нав барои дилситонӣ,
Чу Лайлӣ дилрабо кун, Модари ман!

***

Нафасҳои ту дар ойина монда,
Ҳавасҳои ту чун ганҷина монда.
Ба ёди ту дилам дар синаам нест,
Дилам дар деҳи сабзи Сина монда.

***

Сароби рӯди ман аз чашмасор аст,
Зи ашки сунбулони сад ҳазор аст.
Маро модар ба деҳи Сина зода,
Ки ҳар фаслаш бигӯӣ, навбаҳор аст.

***

Биё, эй дӯст, омад фасли Наврӯз,
Зи ошӯби баҳорон дарс омӯз.
Дуо созам чу он гардад иҷобат,
Ки то чун навбаҳор бошӣ дилафрӯз.

***

Канори навбаҳорон хона дорам,
Бароят мӯи худро шона дорам.
Биё, хонам ба гӯшат қиссаи ишқ,
Ки садҳо қиссаву афсона дорам.

***

Маро бар гулшани хушрангу бӯ бар,
Миёни шаҳри садҳо орзӯ бар.
Агар хоҳӣ маро ту лол кардан,
Ба амвоҷи Варорӯдам[86] фурӯ бар.

[86] Варорӯд – номи қадимии Мовароуннаҳр.

***

Маро аз селаи каби дарӣ ҷӯ,
Маро чун духтари шоҳу парӣ ҷӯ.
Агар гум мекунӣ имрӯз, фардо,
Маро боз аз забони модарӣ ҷӯ.

***

Дилам бо ту шаби бехоб хоҳад,
Вуҷудам шӯълаи маҳтоб хоҳад.
Лабони лалмии ман то саҳаргаҳ,
Зи лабҳои тари ту об хоҳад.

***

Гули бахтам шукуфта аз нигоҳат,
Зи чашмони сиёҳи бегуноҳат.
Миёни духтарони деҳи Сина,
Гирифторам ба ишқи бепаноҳат.

***

Сиришкам ҳамчу борони баҳор аст,
Дилам, ҷонам, вуҷудам лолазор аст.
Суроғам аз лабони лола пурсед,
Ки бар ман лолаҳо хешу табор аст.

***

Маро модар дар айёми баҳорон,
Бизоду шуст андар оби борон.
Ба оби раҳматам шусту дуъо кард,
Ки бошам сарвазири дӯстдорон.

***

Бихоҳам, чил чароғи ман ту бошӣ,
Ҳамеша дар суроғи ман ту бошӣ.
Ба мисли боғбон, эй мард, эй мард,
Ҳамеша байни боғи ман ту бошӣ.

***

Чу моҳи нав битоб имшаб дубора,
Бикун даъват маро бо як ишора.
Ба гардуни баланди ишқи покат,
Ту маҳ мону маро мехон ситора.

***

Кафан аз баҳри ишқи мурдаам ку,
Даво баҳри дили озурдаам ку?
Муҳаббатҳои номарде куҷо шуд,
Умеди бо ҳавас парвардаам ку?

***

Макун бо ҳарф аз ишқат киноя,
Нигоҳи хомӯшат бошад кифоя.
Агар чашмам хурад бар чашмҳоят,
Бигирад лаззати чандин ҳикоя.

***

Ба дунё ёри ман танҳо китоб аст,
Ғами дунёиям бесарҳисоб аст.
Бар он сӯзад дилам, ки шеърҳоям,
Зи дасти ёри нонӣ бечавоб аст.

***

Мураббӣ, ошиқи шеър тарам ту,
Мураббӣ, тоҷи болои сарам ту.
Ба авҷи осмони пуртахайюл,
Мураббӣ, моҳи ман, ҳам ахтарам ту.

***

Ба зери чархи гардун лол будам,
Кабӯтарбаччаи бебол будам.
Ба дасти орият афтода як рӯз,
Ба як ҳолу ба як аҳвол будам.

***

Салому сад салом, эй чархи гардун,
Бубин манро ба сайри боғи Майлун.
Ба ин дунё сарукоре надорам,
Ки дорам ошиқи шўрида, Маҷнун.

***

Ниҳоят, алҳазар аз ёри мардум,
Худовандо, макун роҳи маро  гум.
Бигўям тавба аз ёри дигарҳо,
Ки дорам мардакеву ёраки шум.

***

Шаби тўйи арўсӣ бо дили шод,
Намоям бахтро дар саҳна фарёд.
Барои он, ки бас зебо арўсӣ,
Сазоворат бувад шоиста домод.

***

Дуъо дорему дастон боз кардем,
Чу булбул баҳратон овоз кардем.
Муборак бод ин ҷашни шумоён,
Дили худро чу пойандоз кардем.

***

Шумо ҷуфти муносиб, шод бошед,
Ҳамеша хурраму обод бошед.
Шуморо ёр бошад бахту иқбол,
Шумо хушбахти модарзод бошед.

***

Арўси нозанин, тўят муборак,
Басе ин тўйи хушрўят муборак.
Ба ту бошад ҷаҳон имшаб ҳавасманд,
Арўсак, шўйи хушхўят муборак!

***

Гули хорам, биёбон бистари ман,
Ситора шамъи болои сари ман.
Танам сайди шикори гурги гила,
Ба дасти бод лабҳои тари ман.

***

Дилам хоҳад, ки бошам ғунчаи тар,
Лабонам  ташнаю  муштоқи кавсар,
Ба фардо  орзу дорам худованд,
Ба фирдавсам кунад нахли санавбар.

***

Хумори бодаву хум мекунӣ ту,
Ба ин корат маро гум мекунӣ ту.
Зи лабҳои ақиқу арғувонам,
Лабони хеш маҳрум мекунӣ ту.

***

Гули ночидаам, оре, гули тар,
Ба нокасҳо макун асло ту бовар.
Ба ёди ман агар бар шӯр оӣ,
Напурс аз модагову аз хари нар.

***

Ба наздат ёру ҳам ғамхор дорӣ,
Ба атрофат ҳазорон хор дорӣ.
Намедонӣ, намедонӣ ту, афсӯс,
Ки ин ҷо ғунчаи пурбор дорї.

***

Ба ёри дигаре чун ғамгусорӣ,
Кунам баҳри ту ман шабзиндаорӣ.
Барои киштҳои лалмии ман,
Ту шав борону ҳам абри баҳорӣ.

***

Раги хунам зи оби Тӯпаланг аст,
Тапиданҳои ман аз бахти ланг аст.
Чу шери модаам, афсӯс, сайёд,
Ба мисли рӯбаҳи нарри таҷанг аст.

***

Худовандо, зи ту минатпазирам,
Туро ман бандаам, лолу асирам.
Иноятҳои ту бошад гуворо,
Зи лутфи беғашат ман беназирам.

***

Нишинам зери Маҷнунбеди навбар,
Бисозам нолаҳо бо дидаи тар.
“Қароботир” бимирад байни моён,
Ки хонам рӯи қабрам “Наҳйи мункар”.

***

Баҳор омад, дилам Наврӯз хоҳад,
Чароғи базми шомафрӯз хоҳад.
Миёни бистари бемори ҷисмам,
Табиби ҳозиқи дилсӯз хоҳад.

***

Бидонӣ, ман ба вақти ҷонсупорӣ,
Нишинам бо умеди интизорӣ.
Бимирам ман, бимирам ман, илоҳо,
Маро гар бар фаромӯшӣ супорӣ.

***

Бидон, ҷонам аҷал меҳмони ман шуд,
Ба қасди бурдани ин ҷони ман шуд.
Бароят мекашидам интизорӣ,
Туро маътал лабу чашмони ман шуд.

***

Нишин дар рӯи қабрам чун бихоҳӣ,
Маро осуда дор аз пургуноҳӣ.
Агарчӣ сад гунаҳ кардам ба олам,
Нишон деҳ ҷаннатеро ҳар пагоҳӣ.

***

Ба даште, моҷарои об дорам,
Шикоят аз шаби маҳтоб дорам.
Чу Фарҳоди азизам кушта гардид,
Ки умре рӯи гӯраш хоб дорам.

***

Вуҷудам, ҳастиям аз атри хушбӯ,
Писандам лолаву райҳону ҳулбӯ.
Агар хоҳӣ маро боре бубинӣ,
Суроғамро бирав, гир аз Сариҷӯ.

***

Маро сармояе ҷуз аз вафо нест,
Маро ҳамсояе ҷуз аз ҷафо нест.
Маро ҷуз ғам набошад ғамгусоре,
Ки бе ғам рӯзгорамро сафо нест.

***

Чаман  оғӯши худ бар ман кушода,
Ба сар ӯ тоҷи Хусрав барниҳода.
Арӯси хеш хонад бемурувват,
Ки гардад муғчаҳои ман кушода.

***

Наояд боварам бар зоти инсон,
Ки бифрӯшанд бар пул  нангу виҷдон,
Тарраҳум гар кунӣ бар ҳоли зорам,
Бипурсад қалби ту чун хайру эҳсон.

***

Равам аз ин ҷаҳон рӯзе чу ночор,
Барам бар Сина иймонам чу дастор.
Шавам розӣ, агар инсон бимирам,
Бирӯяд гарчи аз гӯрам гули хор.

***

Бихоҳам як шабе фасли баҳорон,
Ба ту ҳамроҳ монам зери борон.
Бишӯяд то гуноҳони ману ту,
Ба мисли рамзҳои дӯстдорон.

***

Ба чашмонам ҳавас бахшад нигоҳат,
Гузар созад дили ман аз гуноҳат,
Чу месозӣ гузар аз ин дили ман,
Супорам ман сарамро дар паноҳат.

***

Ҳамон рӯзе чу мирам хоҳу ноҳоҳ,
Зи марги бехабар огоҳу ногоҳ.
Ба рӯи тобутам гулдаста бандед,
Ки онҷо ошиқи ман дар сари роҳ.

***

Дилам сарду тамоми пайкарам сард,
Куҷо гардад ҷудо аз ҷонам ин дард?
Сари қабрам гули ҳасрат бирӯяд,
Ки онҷо рехта ашки яке мард.

***

Туӣ байти равони розгӯям,
Туӣ оҳанги бахту орзӯям.
Ки бо ғайри гули дастат, азизам,
Гули бахти дигар ҳаргиз набӯям.

***

Сари танҳои худ бар рӯйи болин,
Гузорам хастаҳол аз ғурбату кин.
Намедонам, ту ҳам аз ҳоли музтар,
Ба ёд орӣ ҳаме он бахти дерин.

***

Ба сеҳру сирри чашмонат асирам,
Ба пайконҳои мижгонат асирам.
Дилам сайди шикори лолалабҳот,
Ба қалби оташафшонат асирам.

***

Нигоҳат ташнаи ҳусну ҷамолам,
Нашав афсуни рӯву чашму холам.
Назан бар қалби ман ҳаргиз ту нохун,
Ки хоҳад кушт дар рӯзи висолам.

***

Ба иймонат, ба лафзат, бар забонат,
Ба чашми сеҳрноку меҳрубонат,
Ба қалбат, номусат коре надорам,
Ки ман Азроилу шайдои ҷонат.

***

Ба қалбам ҷуз ту ман ёре надорам,
Ба ҷуз ту ҳеҷ ғамхоре надорам.
Худо дорам, чӣ ғам дорам, рақибам
Маро гар мекушад, коре надорам.

***

Гули сурхам, диламро нест озор,
Барои ғайбату нафрини ағёр.
Сари ҳар байт бошам подшоҳе,
Чу хонад байти манро ёри ғамхор.

***

Дили ман худ атои навбаҳор аст,
Атои ин дили ман беканор аст.
Бубин duздони беандешаи шум,
Ба ғорат аз дили ман баҳрадор аст.

***

Кучҷоӣ, эй қалам, эй дафтари ман,
Дили барнои ошиқпарвари ман.
Ту низ андар кучҷоӣ, мурғи илҳом,
Аё, эй мурғи хушболу пари ман.

***

Ачҷаб мӯъчҷаз шабе паҳлӯи ёре,
Бисӯзӣ аз лабони пуршароре.
Чунон сӯзӣ ба рӯйи ҷову бистар,
Зи хокистар намонад то шароре.

***

Ачҷаб духтарчае аз ту нишон аст,
Писар ин ҳам нишони ҷовидон аст.
Аз инҳо бештар ёди накӯят,
Даруни сина шамъи ҷовидон аст.

***

Агар хоҳӣ, бароят ҷон бубахшам,
Ба лабҳоят лаби хандон бубахшам.
Ба рӯзи охират аз ҷониби ту,
Намозу рӯзаву иймон бубахшам.

***

Кушо оғӯш, онҷо ҷо бигирам,
Ки дар ишқи ту ман мурғи асирам.
Фиребам деҳ, фиреби пур зи лаззат,
Ки ман Зӯҳроваши тӯфонзамирам.

***

Ба ошӯбам гули дарё ҳасад кард
Ба ҳуснам кулли дунё чашми бад кард.
Бидонам як зани девонаро ман,
Ки бар ин ҳол шукри беадад кард.

***

Куҷо он ҷойхобу бистари ту,
Ки бошад моҳи ту, ҳам ахтари ту,
Ки хоҳам гаштаю баргашта бинам,
Киро бӯсида лабҳои тари ту?

***

Ҳазар аз кинаву аз макру бӯҳтон,
Ки ин хислат намезебад ба инсон.
Ҳазар аз ҳар дурӯғи нобакоре,
К-нояд бар димоғаш бӯйи иймон.

***

Чаро хандӣ ба рӯям беибо ту,
Кашӣ манро ба сӯят бесадо ту?
Ба ин карру фари султонманият,
Барои бӯсае бошӣ гадо ту.

***

Бибӯсад боду борон чашму рӯям,
Баҳорон мекунад низ орзӯям.
Маро аз боду борон рашк бинмо,
Ки орояд танаш аз рангу бӯям.

***

Агар бинам туро, аз худ шавам гум,
Саропоям бисӯзад мисли ҳезум.
Шавам обу адо байни нигоҳат,
Ту чун оташ, манам як пораи мум.

***

Бароят аз само истора ҷӯям,
Туро хоҳад лабону рӯву мӯям.
Гуле чинам агар бар ёди рӯят,
Варо чун ту навозиш карда бӯям.

***

Ман озод аз ғаму аз кини дунё,
Ягона шамъаму ойини дунё.
Агар садҳо ҳазор Фарҳод бошад,
Бифахрам ман, ки ман Ширини дунё.

***

Ду чашмам дар хумори хоби ноз аст,
Сарам дар Карбало назру ниёз аст.
Дилам сарчашаи дарёи ваҳшист,
Вуҷудам ташна чун саҳрои ноз аст.

***

Дилам сайди шикори Ҳуру Ғилмон,
Ба чашмам шӯълаҳои нури иймон.
Хаёлам бемакон, беошён аст,
Чу зулф ошуфта бо ҳоли парешон.

***

Биёву гесувонамро ту бинвоз,
Бибӯсам дастаконат аз сари ноз.
Ба чашми дил биё, бо ман баҳо деҳ,
Лабам аз бӯсаҳо бинмо сарафроз.

***

Баҳорон, бо ту умри ман ҷавон аст,
Баҳорон, бе ту дунёям хазон аст.
Биё, дигар марав аз манзили ман,
Ки ишқу ошиқӣ дар ту ниҳон аст.

***

Ҳамехоҳам, ки иди май биёяд,
Зи дур овози тору най биёяд.
Бирӯяд лолаву гулҳои савсан,
Чу падруде ба фасли дай биёяд.

***

Дарунсӯзам зи дасти хешу ёрон,
Ба сони абраму ҳам резаборон.
Шаҳидам бар сари роҳи гадоӣ,
Дуъо хоҳам зи ҷамъи ғамгусорон.

***

Ғариб афтода майли гиря дорам,
Ба сони чашма шуд чашмони чорам.
Бар ин дунёи пур аз шӯру фарёд,
Чаро танҳояму ёре надорам?

***

Ду тифли зору ҳайрон монда дорам,
Дили сарди зи дунё ронда дорам.
Ғами олам маро шуд кӯрпаи хоб,
Тани озурдаи пӯшонда дорам.

***

Тани озурдаам хӯроки ғам шуд,
Вуҷудам моли яктои алам шуд.
Сари қабри умедам гиря кардам,
Ки умрам з-ин сабаб якбора кам шуд.

***

Шамоли Модарам, сӯям гузар кун,
Ду чашми кӯри ман якбора тар кун.
Дуъои Модарам, худ шав иҷобат,
Шаби зулмонии манро саҳар кун.

***

Падарҷон, бесару сомонам имрӯз,
Намедонам, чӣ сон инсонам имрӯз.
Сари сахтам дуъохоҳу ғариб аст,
Бурун аз қабр чун беҷонам имрӯз.

***

Маро гуфтӣ: сарат аз санг бодо,
Сару дастори ту аз нанг бодо!
Ба инсон ҳотамӣ, эй ёри мушфиқ,
Бигуфтӣ: ҳоли зорат танг бодо.

***

Агарчӣ молу дунёе надорам,
Ба ин дунё фақат ёди ту дорам.
Чу пул номи туро такрору такрор,
Ба ҷонам баста-баста мешуморам.

***

Шабе аз моҳ пурсидам: ягона,
Куҷо дорӣ карору ошёна?
Бигуфто: чун ту озодам ба дунё,
Маро охир дили дунёст хона.

***

Маро бо ту нишастан давлате буд,
Аҷаб як бахт андар хилвате буд.
Ба амри дил намудам зиндагонӣ,
Гуворо буд аҷаб як савлате буд.

***

Бубин, пурсандаҳо омад ба ҷонам,
Иҷозат кун, ки пӯшам чашмаконам,
Аҷал омад, ки то ҷонам ситонад,
Паноҳат бар Худо, эй меҳрубонам!

***

Ба армони лабонат ман бимирам,
Ба алфозу забонат ман бимирам,
Агарчи аз забонат заҳр борӣ,
Ба чашми меҳрубонат ман бимирам,

***

Ягона орзӯям аз Худованд,
Ки бошам бо ту умре ёри дилбанд.
Чу бӯсидӣ зи лабҳоям ҳамон рӯз,
Бипарҳезам дигар аз шаккару қанд.

***

Ба ифшои ту дорам байти зебо,
Ки меҷӯям ба лабҳои фиребо.
Бидеҳ гӯшат, ки то бар он бигӯям:
Арӯсат кай шавам пӯшида дебо?

***

Ба бисмиллоҳи худ номи ту дорам,
Ба ишқат як зани шабзиндадорам.
Зи сар то нохунам моли ту бошад,
Ситонӣ, ҷони худро месупорам.

***

Аё ганҷинаи бегонахӯям,
Биё боре ту андар рӯ ба рӯям.
Нишоти комрониям ту бошӣ,
Биё, то дардҳоям бо ту гӯям.

***

Ба гирдам ошиқон парвона бошанд,
Ба зулфони сиёҳам шона бошанд.
Намегирам ба якто тори мӯят,
Агарчи Маҷнуну девона бошанд.

***

Ҷаҳон бо туст зебою гулафшон,
Ба ёди туст ҳар шомам зарафшон.
Ба сайри лолабоғат мекунам сайр,
Хаёлафшон ба зулфони парешон.

***

Намо чашмони зебоям фаромӯш,
Ба алфози рақибонам намо гӯш.
Чӣ мехоҳӣ, биё, бар ҷони ман кун,
Фақат оби никоҳ аз ҷоми ман нӯш.

***

Гулӯ афшону сӯйи ман ниго(ҳ) кун,
Биё, бо ишқи ман нашъунамо кун.
Ало, эй шоири ошуфтахотир,
Агар мардӣ, каме аз ман ибо кун.

***

Ба чашми ақл зиннат кун ҷаҳонро,
Шиносо шав аз ақлат ину онро.
Сабақ омӯз андар зиндагонӣ,
Нигаҳ дораш зи бад гуфтан забонро.

***

Ниёзе аз ду чашмонат бихоҳам,
Имои шӯхи қошонат[87] бихоҳам.
Агар бар ин ту имконе надорӣ,
Вуҷудат ҳастият, ҷонат бихоҳам.

***

Забонам лол мегардад зи гуфтор,
Шавад гар ёди ту дар сина бедор.
Шавад бедор ёди он шаби дай,
Ки мекардам туро оҳиста бедор.

[87] Қошон – абрӯвон.

***

Худоҷонам, туро ман дӯст дорам,
Вуҷудам, ҳастиям бар ту супорам.
Надорам заррае ношукрӣ аз ту,
Ту дорам, ман Худо дорам, ту дорам!

***

Маро модар дар айёми баҳорон,
Бизоду ҳам бишуст аз оби борон.
Ба оби раҳматам шусту дуъо кард,
Ки бошад ашки чашмам оби найсон.

***

Сиришкам ҳамчу борони баҳор аст,
Дилу ҷонам, вуҷудам лолазор аст.
Суроғам аз лабони лола пурсед,
Ки бар ман лолаҳо хешу табор аст.

***

Маро аз лола ҷӯ фасли баҳорон,
Манам шамъи шаби шабзиндадорон.
Маро аз абри болои сарат пурс,
Ду чашмонам бипурс аз оби борон.

***

Ба номат мекунам садҳо ибодат,
Таваллоҳо кунам аз рӯйи одат.
Ҳамепурсам тавалло карда аз ту,
Ҳамон ёру ҳамон бахту саъодат.

***

Бале, ман ташнаи дашти Ҷунунам,
Ба дасти сангини қисмат забунам.
Зи хунат резу пур кун соғарамро,
Ки ҳоло ташнаи як ҷуръа хунам.

***

Бароят аз само истора ҷӯям,
Туро хоҳад лабону рӯю мӯям,
Гуле чинам агар бо ёди рӯят,
Варо чун ту навозиш карда бӯям.

***

Зи наздам рав, ки бахшам бар ту озор,
Надорам чун хабар аз манзили ор.
Қафасҳоят агар бошанд тилло,
Ман озодам, ки онҳо нест даркор.

***

Лаби хушкам туро ҷӯяд ба хилват,
Дилам хоҳад туро бе ҳеҷ навбат.
Сарам хоҳад, ки доим аз бароят,
Ту бошӣ, компрони тоҷу давлат.

***

Чароғи маҳфили Бохтарзаминам,
Муборакрӯяму бар ин аминам.
Наям дар осмон ҳарчанд маҳтоб,
Маҳи фархундаи рӯи заминам.

***

Чу булбул ман фиғону нола дорам,
Ба дил армони чандинсола дорам,
Нафаҳмидӣ ту балки ранҷҳоям,
Кунун ин ҷо кафан аз лола дорам.

***

Бар ин фикрам, ки гар рӯзе бимирам,
Надорам молу дунё, як фақирам.
Чӣ монад аз мани осӣ ба дунё,
Бимонад байтҳои ноҳарирам.

***

Азизам, чун хато кардам, маро бахш,
Туро андак ҷафо кардам, маро бахш!
Ту бо лутфу бузургие, ки дорӣ,
Чу кори носазо кардам, маро бахш!

***

Саропоям саросар орзӯ шуд,
Забонам з-ин басо дар гуфтугӯ шуд.
Барои бахтхоҳӣ дар шаби тӯй,
Вуҷудам бахтро дар ҷустуҷӯ шуд.

***

Туро ҳар неъмати даврон ғанимат,
Намозу рӯзаву иймон ғанимат.
Чу дорӣ рӯзӣ бо нони ҳалоле,
Шукӯҳи нимаи он нон ғанимат.

***

Шудам бозичаи дасти ғаму дард,
Шунидам ҳарзаи ҳар марду номард.
Ҳазар аз тӯҳмати ёрони бадкин,
Худоё, дор эмин аз дили сард.

***

Зи дасти дарди ботил мегурезам,
Чу донӣ, зарра хоки мушкбезам.
Дили бедардро бисёр дида,
Ба бедардони дунё меситезам.

***

Агар шоҳӣ, бихон бар сӯйи дарбор,
Агар хоҳӣ, бубар андар таги дор,
Вале манро раҳон аз ин табоҳӣ,
Ба танҳоӣ макун ҳаргиз гирифтор.

## ҚИТЪАҲО

Соқии паймонаам, хун аз дили шаб то саҳар,
Булбули шӯридаам, шӯридатар кун аз дигар.
Масти оғӯши ту бошам дар лаби дарёи меҳр,
Соғарат бахшам зи лабҳои хушу чашмони тар.

***

Забонгумкардае дидам, дили ман аз алам таҳ зад,
Забони модарии хеш бо писханд ӯ наҳ зад.
Чу хондам пораи шеъре ба алфози ниёгонаш,
Нафаҳмиду ба бепарвоии мастона қаҳ-қаҳ зад.

***

Ҳасрати боди вазон зулфи парешони ман аст,
Он сиришки абр гардун оби чашмони ман аст.
Гулшани ғамро ба оби дида кардам парвариш,
Кӯҳи андӯҳи алам дашту биёбони ман аст.

***

Борҳо шуд гар дилам ҷарроҳиҳо аз дасти ғам,
Ғунчаам нашкуфт боре дар хиёбони ситам,
Ғунчаи андӯҳ гашта то ба дашти Карбало,
Шиква аз гардун накардам дар биёбони алам.

***

Худовандо, диламро бо фурӯғи шеър равшан соз,
Бубахшо ҳарфи воло мардуми тоҷикзабонамро!
Худоё, то нависам ҳамсадои миллатам шеъре,
Ба сӯзи оташи поки сухан афрӯз ҷонамро!

***

Чӣ касе ҳастӣ, ки бо ёди ту бар хоб шавам,
Дер бинам чу туро, маҳзуну бетоб шавам.
Ҳамчу парвона занам хеш чу дар оташи ту,
Ҳамчу мум  з-оташи ҳиҷрони ту ман об шавам.

***

Гӯям ба ҳуриёни ишқ аз дардҳои талх,
Андар сукути хастаи шабҳои тирарӯ.
Ман бо фariштаи хаёл гуфтугӯ кунам,
Беҳтар зи ҳар биҳишт бувад ин гуна орзӯ.

***

Орад агар он бод маро мужда зи ёрам,
Шӯридатар он лаҳза ман аз булбули зорам.
Омезаму якранг шавам бар гули санҷид,
Он лаҳза занам сурма ба чашмони хуморам.

***

Эй Ҳақ, ту қудрате маро бинмо ато, ки ман,
Зиннат ба шеър то диҳам қалби  фасурдаро.
Бахшо ту қудрате, аё Парвардигори ишқ,
Бо шеър зинда то кунам ҳар узви мурдаро.

***

Уболи ташнагиам мекушад як рӯзи бесоат,
Туро, эй ошиқи ноошнои дури худхоҳам.
Худои меҳрубон он ҷо закоти ишқ мепурсад,
Ҷавоб он ҷо ту мегӯӣ барои нолаву оҳам.

***

Хушбӯ суханам ҳасту шамидан натавонӣ,
Зебо чаманам ҳасту ту дидан натавонӣ.
Хирвори зарам нест агар, кони вафоям,
К-аз кӯчаву бозор харидан натавонӣ.

***

Худовандо, забони модариямро нигаҳбон бош,
Худовандо, Худоё, лол гардон душмани тоҷик.
Сарояд бо забони модарии худ суруд, эй кош,
Ҳамеша бар сари гаҳвораи тифлаш зани тоҷик!

***

Бемори бӯсаҳои лаби байтхони туст,
Лабҳои бӯсахоҳи ба ту ромгаштаам.
Хоҳам, ки шеъри сабз шавӣ рӯйи дафтарам,
Чақмоқи шӯъла бар дили оромгаштаам.

***

Шабнами лабҳои ту он ашки чашмони ман аст,
Шеъри ту ангезаҳои дарду армони ман  аст.
Ҷонамоз аз лола дорӣ, саҷда созам аз ниёз,
Манзилат, ҷоят, ҳаримат хонаи ҷони ман аст.

***

Ҳумоюн пайку болафшон биёмад Соли нав имрӯз,
Кушояд қисмати мо бахти нав, ҳам фоли нав имрӯз.
Гиреҳи шарм бикшояд гули боғи назокат низ,
Кушояд муғчаҳои ман ба истиқболи нав имрӯз.

***

Гум кардаат дарёб кун дар Соли нав иқболи нав,
Чашмони ман шодоб кун, парвоз кун бо боли нав!
Эй дӯст, хомӯшӣ чу кӯҳ, бобои барфиро бубин,
Барфак ба монанди арӯс, ӯро ту истиқбол кун!

***

Тавба бишкастан гунохе буду бишкастам чунон,
Чун ту бишкастӣ дилам бо амру фармони касон.
Ноларо булубул зи ман омӯхт ҳангоми видоъ,
Абри гардун гиряҳо омӯхт аз чашмам ниҳон.

***

Кому лабони ташнаат ба бӯса об додаам,
Аз лаби ташнамасти худ ҷоми шароб додаам.
Сунбулазори қалби ман рӯди равони Деҳи сурх,
Чашмаи чашми абрро бах, чӣ азоб додаам.

***

Маро чун ҳарф баргиру бияфшону навозиш кун,
Фишор андар миёни панҷаҳо ҳам дар бару дӯшат.
Зи ман шеъре бисозу ҷамъ бинмо з-ин парешонӣ,
Маро ин орзу бошад шавам ҷоми ғазалнӯшат.

***

Эй Мард, эй фариштаи озодаболи ман,
Эй муниси хуҷастаи ёду хаёли ман!
Ошӯби изтиробу дилошӯби зиндагӣ,
Ошуфтахотирам, биё, к-ошуфта ҳоли ман.

***

Эй сода мардумон, гузари шаҳри шаб кунед,
Бо дилбарони худ ба дили шаб сафар кунед.
Бо шабнами бунафша бишӯед рӯйи ёр,
В-он гоҳ з-он фасонаҳо бар ман хабар кунед.

***

Аз нимтабасуми лабат лабханда мекунам,
Хоҳам туро ба ишқи худ шарманда мекунам.
Ғофил мабош шоиро, султони шеъри ман,
Бо як нигоҳ қалби туро канда мекунам.

***

Аз сарзаниши қисмати худ лолу парешам,
Уфтода чу лӯъбат ба дари қисмати хешам.
Писхандаи лабҳои каҷу бурмаи тақдир,
Табхоли лабам гаштаю озурдаи нешам.

***

Чу боли бод ноаён равам ба сӯи хонаат,
Чу гарди раҳ шавам ва ё шинам ба рӯи шонаат.
Яхи туро намоям об, ҳамчу нури офтоб,
Гувоҳ то шавам туро ба сирри маҳрамонаат.

***

Агар маҳват намуда ҷилваҳои боди Наврӯзӣ,
Табиат ҷомаашро карда бошад гарчӣ гулдӯзӣ.
Агар сад бор мегӯӣ баҳори нозанин омад,
Дусад чандон баҳорон дораму дорам дилафрӯзӣ.

***

Модари дарёдили бехонумонам зодаанд,
Дар дили дарёи некӯён маконам зодаанд.
Барги сабзе дар миёни бӯстони пурхазон,
Чун Саида меҳрубону хушзабонам зодаанд.

***

Зи лутфи як фаришта дар дили шаб бенаво будам,
Маризи ишқ будам, дард будам, бедаво будам.
Чунонам ҳастиямро пахш мекард ҳарзаи шайтон,
Саропо осӣ будам, ман ҳавас будам, ҳаво будам.

***

Дар биёбони ғамат, зулфи парешонам чӣ шуд,
Хушк кардӣ ҷӯйи ман, боғи гулафшонам чӣ шуд?
Дар шаби тори ғамат зулмоти мотам мекашам,
Маҳфилатро, гӯй, бе лаъли ғазалхонам чӣ шуд?

***

Бар дилам ханҷар кашидӣ, додгӯён омадам,
Рехтӣ заҳри забонат, синабирён омадам.
Рафта то оғӯши зулмат чун хиёнатпешае,
Ҷамъ будам, бин кунун, хотирпарешон омадам.

***

Бахт – ин озодию рӯйи гулафшони ман аст,
Бахт – ин даврони яктои ману шони ман аст.
Бахтҷӯён чун канизи бадгуҳар мурдан хатост,
Бахт – ин лафзи дарии шакарафшони ман аст.

***

Нимаи нони ҳалолам бахти хандони ман аст,
Оби ҷӯше нӯши ҷону роҳати љони ман  аст.
Хони пурнеъмат, ки бар он ман надорам эҳтиёҷ,
Шукр ин сабре, ки ҳамчун нахли иймони ман аст.

***

Нест як марде, ки бикшам бо камони нози хеш,
Нест як ёре, ки то бо ӯ бигӯям рози хеш.
Нест ағёре, ки бошад лоиқи озори дил,
Нест як гӯше, ки хонам саҳфа аз оғози хеш.

***

Чашми ёрон ашк пурсад қарз аз чашмони ман,
Дасти қисмат ҳар куҷо бигрифта аз домони ман.
Моҳтоб аз ман рабояд бӯсаҳои беҳисоб,
Ҳамчу Азроил ту мепурсӣ чаро аз ҷони ман?

***

Чун бод расонад маро мужда зи ёрам,
Шӯридатар он лаҳза чу як булбули зорам.
Омезаму якранг шавам бар гули санҷид,
Он лаҳза занам сурма ба чашмони хуморам.

***

Гаштаю баргашта охир ман суроғат мекунам,
Толиби байти хуше рӯ сӯи боғат мекунам.
Чашми ту бӯсад чу ҳарфу шеъру девони маро,
Лаҳзае дар умри зорам ман фароғат мекунам.

***

Эй абр, эй тахайюли рангинкамони ман,
Селобаи хун аст равон аз ҷисму ҷони ман.
Эй баҳри бекарони дилам ҷорӣ намешавӣ,
Хуршеди бахт, кай дамӣ, дар осмони ман?

***

Ман толиби оёту дигар кор надорам,
Ҷуз номи Худо дафтари ашъор надорам.
Ёрони ҷаҳон ҷамъ биёянд ба даъво,
Гӯям ба қасам ҷуз ба Худо ёр надорам.

***

Аз ашки талхи модарат сад боғ талха руст,
Аз ашки шӯри модарат сад боғ шӯразор.
Аз чашму рӯйи модарат селоби хун чакон,
Дунё гирист бар сарат бо ашки шашқатор.

***

Нолаи сангам, зи афғони зане гаштам бурун,
Доғаму аз хуни дил кардам чаманро лолагун.
Чор девори фалак афтода бар рӯйи зане,
Сангаму афтода бар ҳолаш ба аҳволи забун.
***
Дар умед аст дили ман ҳама умр,
Ки ту аз кӯйи вафо меоӣ.
Даррасад кош, ҳамон лаҳзаи хуш,
Тар шавам, пур шавам аз зебоӣ.

***

Маскани ҳар қалб андар Сина аст,
Сина бар қалби ҳама ганҷина аст.
Фахраму болам аз ин номи накӯ,
Синаи ман соф аз ойина аст.

***

Барои модари зорат чӣ кардӣ,
Барои миллату лафзи дарият?
Расад рӯзе, ду чашмат мешавад кӯр,
Надонӣ қадри лафзи модарият.

***

Ассалом эй дӯстони ғамгусор,
Ташнагони оби софи чашмасор.
Зинда бошед, ай азизони дилам,
Сабз бошедам чу гулҳои баҳор.

***

Ман аз шаҳри базеби дилкушоям,
Зи боғу деҳаҳои атролуд,
Гули худрӯю яктоям бидонӣ,
Шукуфоям барои ошиқи худ.

***

Ба оғӯши хаёлат хуфта беҳуш,
Туро пазмон шавам аз беқарорӣ.
Шавад рӯзе агарчӣ ман бимирам,
Ба роҳи ту ба чашми интизорӣ.
***
Ин саҳар аз нафаси гарми насим,
Накҳати шеъру ғазал меояд.
Ҷониби пайкари ҳайратзадаам
Ёди ту ҳамчун бағал меояд.

***

Эй ахтари заминии покизарӯи ман,
Эй фасли пуртаровати хушрангубӯи ман.
Эй саҷдагоҳ Модарам, меҳроби тоъатам,
Эй панҷ ҳарфи туст ҳама орзӯи ман.

***

Ҳақтаъоллоҳ, неъмату шонам бидеҳ,
Дурри маънӣ хайру эҳсонам бидеҳ.
Дур дор аз оташи дӯзах маро,
Вақти маргам дурри иймонам бидеҳ.

***

Намаки ишқ занад он, ки маро,
Бо мухаббат агарам санг занад.
Бишканад дасти дарозаш, чу агар,
Бар дили хастаи ман чанг занад.

***

Дар лабонам гарчӣ монад ҷовидон,
Доғҳои бӯсаҳоят бешумур.
Дар дилам меборад аз онҳо ҳавас,
Дар ду чашмам медамад дарёи нур.

***

Юсуфрӯе ба хобам омад имшаб,
Ба зулфони сиёҳам кард бозӣ.
Зулайхое будам аз ваҳшати ишқ,
Ки бо савдои худ мекард розӣ.
***
Гули хандидаи фасли баҳорон,
Чу ойина ба ҳар кас беғуборам.
Ба ин софӣ бихондам ҳамчу хуршед,
Саропо оташу шеъру шарорам.

***

Зор кардӣ ин дили девонаро,
Ҳамчу гӯри тор кардӣ хонаро.
Оташе афрӯхтӣ дар манзилам,
Сӯхтӣ, оташ задӣ парвонаро.

***

Ҷоми худ бар ҷоми дигар мезанӣ,
Сӯзане бар қалби ман сар мезанӣ.
Ҳезумам, бензин бирезӣ рӯи ман,
Пас ба гӯгирди сухан дар мезанӣ.

***

Метавонам нолаи булбул шавам,
Нахли пурошӯби пур аз гул шавам.
Дар баҳористони қалбат то абад,
Ашкҳои софи ҳар сунбул шавам.

***

Таъни ту то устухонам пора кард,
Қасд бар ҷони мани бечора кард.
Гиря шуд дарди маро ҳамчун даво,
Абри гардун якраву овора кард.

***

Чор фасли дилам баҳористон,
Мадҳушу лоли ин дақоиқам.
Саҷдаи сабзаҳои анбарбӯ,
Ман намози гули шақоиқам.

## МУНДАРИЧА

Шукӯҳи шукуфаи эҳсос:
Нигоҳе ба зиндагӣ ва шеъри саидаи синавӣ................................3

## СИПОСНОМА

*Маснавиёт*

Муноҷотнома.......................................................................26
Санонома.............................................................................27
Сипоснома ..........................................................................29
Сапеданома ........................................................................31
Синонома ...........................................................................32
Синанома ...........................................................................34
Саиданома..........................................................................35
Сафарнома .........................................................................36
Сӯгнома..............................................................................38
Сиёҳнома............................................................................39
Соҷиданома........................................................................40

## ЧАРОҒИ ГЕТӢ

*Ғазалиёт*

Ба сар ояд .........................................................................42
Ошӯби борон .....................................................................43
Тахайюли саргардон .........................................................44
Ёди васл..............................................................................45
Эй ошиқи деринам ............................................................46
Сафар..................................................................................47
Ку он... ................................................................................48
Куҷо? ..................................................................................49
Ку гӯше?.............................................................................50
Шакарханд .........................................................................51
Ташнаи гудозишҳо ............................................................52
Бо ту хоҳам ........................................................................53
Номи Модар.......................................................................54
Бигирям..............................................................................55
Кист? ..................................................................................56
Дом мекардам ....................................................................57
Маъзарат аз ман маҳоҳ... .................................................58
Солҳо бигзашту... .............................................................59
Намонд ...............................................................................60
Ҷонам ба каф омад ............................................................61
Бархезад .............................................................................62
Махмурат кунам................................................................63
Ишқи ту..............................................................................64
Бояд шабе...........................................................................65
Лӯъбат ................................................................................66
Рафтанд ..............................................................................67
Ноз кунам...........................................................................68

Биё ........................................................................ 69
Об бидеҳ.................................................................. 70
Бигзаштаму рафтам ................................................ 71
Аз хоки диёр ......................................................... 72
Найранг аст............................................................ 73
Табиби ҳозиқ ......................................................... 74
Ҳоли ман ................................................................ 75
Кай? ........................................................................ 76
Вой, бар ҳолам....................................................... 77
Беш аст ................................................................... 78
Ошиқаш дар хоб монд ........................................... 79
Чаро рафту наёмад? ............................................... 80
Руҷӯъ ...................................................................... 81
Афришта ёрам ....................................................... 82
Гули пажмурда ...................................................... 83
Чӣ мекунӣ?............................................................. 84
Ғам.......................................................................... 85
Ба соҳил нарасид ................................................... 86
Омадаему меравем ................................................. 87
Кошкӣ... ................................................................. 88
Бибимушкилкушо кунед ....................................... 89
Рӯ наорам ............................................................... 90
Ифтихор ................................................................. 91
Шабзиндадорам кардаӣ ......................................... 92
Ғамхор надорам..................................................... 93
Бо лафзи модарӣ.................................................... 94
Бас........................................................................... 95
Падарҷон................................................................ 96
Оташи ҳаҷр ............................................................ 97
Модари бечораам ................................................... 98
Ман волаву асирам................................................. 99
Шабҳои ҳузнангез ................................................. 100
То саҳар .................................................................. 101
Куҷоӣ? .................................................................... 102
Меҳроби меҳр......................................................... 103
Намедонӣ ............................................................... 104
Чӣ касе ҳастӣ... ...................................................... 105
Об мехурам ............................................................ 106
Хоб надодам........................................................... 107
Имрӯз...................................................................... 108
Омӯз....................................................................... 109
Фигор кард ............................................................ 110
Доғи дил................................................................. 111
Месӯзам ................................................................. 112
Бомдодон................................................................ 113
Дар мазори хештан................................................. 114
Ошно набуд............................................................ 115
Паймоншиканам ман ............................................. 116

Муҳобот карданист ......................................................117
Ҳайрат ......................................................118
Чӣ созам? ......................................................119
Шаҳри хаёл ......................................................120
Об ку? ......................................................121
Сарам дар мақдамат қурбон ......................................................122
Майдони сухан ......................................................123
Ҳайфо... ......................................................124
Андоз ......................................................125
Ор надорам ......................................................126
Аз офтоби ишқ ......................................................127
Ҳамчу най ......................................................128
Бин, ки модарам ......................................................129
Аҷаб ......................................................130
Шайдо кунам ......................................................131
Оғӯш мекунам ......................................................132
Адои ту шавам ......................................................133
Сафар дорам ......................................................134
Эй азизи дури ман ......................................................135
Гиря ......................................................136
Эй санг... ......................................................137
Атри борон ......................................................138
Бо номи ту ......................................................139
Дарди дил ......................................................140
Олам тор буд ......................................................141
Ашки ахтар ......................................................142
Чашмони обӣ ......................................................143
Зор гиристам ......................................................144
Оғӯши таманно ......................................................145
Ҳарими рӯъё ......................................................146
Самар мехоҳам ......................................................147
Чӣ медонӣ? ......................................................148
Сипос ......................................................149
Гарму озарӣ ......................................................150
Дили ғам ......................................................151

## ОФТОБАМ ПАДАРАМ, МОҲТОБАМ МОДАРАМ

Дуъо хоҳам ......................................................154
Пири ман ......................................................155
Падарҷон ......................................................156
Нидои Падар ......................................................156
Модари шабзиндадорам ......................................................157
Эй Модарам ......................................................158
Модари ҷон ......................................................159
Таронаи Модар ......................................................160
Модари ту ......................................................161
Синои ман ......................................................162

## СИНАИ ЗАМИН


Деҳаи Сина ....................................................................164
Деҳи ман ........................................................................165
Қуллаҳо ........................................................................166
Оҳи дил ........................................................................167
Равона............................................................................168
Гултеппаҳои деҳаи ман...................................................170
Субҳи вопасин ................................................................171
Сӯги бародар...................................................................172
Рақси парешонӣ..............................................................174
Афсӯс..............................................................................176
Барно ..............................................................................177
Дуъои хоҳар ...................................................................178
Вопасин суруди Абдусаттори Ҳасан ...............................180
Сина гӯям........................................................................181
Баҳоргуна........................................................................182


## ШУКӮҲИ ШУКУФА


Маро бичӯй .....................................................................184
Илтиҷо............................................................................185
Ҷуз ту... ..........................................................................186
Бори дигар.......................................................................187
Шукӯҳи шукуфа ..............................................................188
Лаҳза...............................................................................189
Гули бӯса..........................................................................190
Ҷӯямат ............................................................................191
Баҳори оламафрӯз ..........................................................192
Рӯ ба рӯ...........................................................................193
Ҳамнафас .......................................................................194
Шукрона..........................................................................196
Ҳасрат.............................................................................197
Агар бо ту будам... .........................................................199
Худо донаду донӣ ...........................................................200
Ташна .............................................................................201
Чун фариштае.................................................................202
Сурӯши ғайб ...................................................................203
Нидои шукуфаҳо ............................................................204
Дунёи ҷовидон................................................................205
Гулхан.............................................................................206
Туро мехост....................................................................207
Ту рассомӣ .....................................................................208
Ба сони Тӯфалангрӯд......................................................209
Бӯсаи борон ...................................................................210
Ту шеъри ман..................................................................211
Як лаҳза..........................................................................212
Нигоҳи ситора ................................................................213
Маро нанг аст .................................................................214
Фурӯғ...............................................................................215
Маъзур медорӣ ...............................................................216
Хоб..................................................................................217

Шоми ноз ..........218
Ҷонамози ту ..........219
Рӯъё ..........220
Қуллаи ихлос ..........221
Номи азизи ту ..........222
Миёни қатраҳои ашк..........223
Нест пайдо... ..........224
Борон куҷост?..........225
Сукути шаб ..........226
Шӯъла..........227
Лоларез..........228
Ба сурати фариштае ..........229
Аз мани шайдо ..........230
Ҳавои дил..........231
Садои торикӣ..........232
Туро пурсидам аз бод..........233
Барои ӯ ..........234
Як шаб..........235
Хизри Ишқ..........236
Насиб..........237
Таъна ..........238
Гули худрӯй..........239
Тахайюл..........240
Ниёйиш ..........241
Шукронаи дил ..........242

## ГЕСӮИ ТАМАННО

Гесӯи таманно..........244
Бар худ фурӯ баред..........246
Ягона ..........247
Эй Худо ..........248
Хаёли зебо..........249
Зодаи дарё ..........250
Бо "Офтоби Шаҳри Дил"..........251
Қатра..........253
Эй марг..........255
Чашмаи Ишқ..........257
Орзӯи маҳтобӣ..........258
Дар синаам баҳор ..........259
Оҳ, эй кош ..........260
Хаёли зебо..........261
Қиссаи як шаб..........262

## ЧОР ТОР

Рубоиёт..........264
Дубайтиҳо ..........270
Қитъаҳо ..........289

*Адабий-бадиий нашр*

**САИДАИ СИНАВӢ**

**ШУКУФАИ ЭҲСОС**

*Гузидаи ашъор*

**САИДА СИНАВИЙ**

**ТУЙҒУЛАР ЧЕЧАГИ**

*Сайланма шеърлар*

*(Тожик тилида)*


Муҳаррир *Ш.Олимов*
Бадиий муҳаррир *Д.Акромов*
Техник муҳаррир *Б.Ирисбоев*
Мусаҳҳиҳ *Д.Исмоилова*
Саҳифаловчи *Д. Акромов*

Лиц. AI № 111. Босишга 30.03.2016 йилда рухсат этилди.
Бичими 84x108 $^{1}/_{32}$. Ҳажми 19,0 б. т.
Адади 500 нусха. Шартнома № 2/6. Буюртма № 49/9.

«YANGI NASHR» нашриёти,
100115, Тошкент ш., Чилонзор кўчаси, 1-уй.

Оригинал макет «Bilik-Print» МЧЖ корхонасида тайёрланди.
100115, Тошкент ш., Чилонзор кўчаси, 1-уй.

«ADAD PLYUS» МЧЖ босмахонаси.
Тошкент ш., Бунёдкор кўчаси, 28- уй.



Шоираи боистеъдод Саидаи Синавӣ (Рамазонова) дар соли 1964 дар деҳистони Сина воқеъ дар ноҳияи Деҳнави вилояти Сурхондарё ба дунё омадааст. Таҳсилоти миёнаро дар мактаби зодгоҳаш фаро гирифтааст. Пас аз итмоми Омӯзишгоҳи омӯзгорӣ, муддате дар мактаби Сина ва солҳо дар мактабҳои Тирмизшаҳр ба таълиму тарбияти донишомӯзон машғул будааст. Дорандаи нишони «Муаллимаи эҷодкор» (1995) буда, дар ҳоли ҳозир машғули фаъолияти эҷодӣ мебошад.

То кунун маҷмӯъаи ашъори Саидаи Синавӣ бо номи "Таманно" (Душанбе, 2009) бо расмулхатти форсӣ ва кириллӣ ба чоп расидааст. Ҳамчунин, намунаҳое аз ашъори ӯ дар гузинаҳо ва маҷмӯъаҳои дастҷамъӣ бо номҳои "Мунаввар туйғулар" (Тошканд, 1995), "Боғи бисёрдарахт" (Теҳрон, 2004), "Аз Самарқанди чу қанд" (Теҳрон, 2005), "Донишномаи забон ва адабиёти форсии Ӯзбекистон: қарни бистум то кунун" (Теҳрон, 2005), "Сарводаи Сурхон" (Тошканд, 2011) ва "Бонувони форсигӯ" ҷой гирифтаанд. Ашъори ӯ тавассути рӯзномаҳои тоҷикии Ӯзбекистон ва хориҷ аз кишвар, ҳамчунин аз тариқи Садо ва Симои вилояти Сурхондарё тақдими алоқамандони каломи мавзун гардидааст.

ISBN-978-9943-22-230-4
9 789943 222304

YANGI NASHR

САИДАИ СИНАВӢ ◆ ШУКУФАИ ЭҲСОС